**РАВШАНИ ЁРМУҲАММАД**

# ЯК АРОБА ГУЛУ ХОР

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 48 Тоҷик 7-4
Ё-13

Муҳаррир *Одина Мирак*

**Ё-13 Равшани Ёрмуҳаммад. Як ароба гулу хор** *(маҷмӯаи ҳикояҳои ҳаҷвӣ).* – Душанбе, «Адиб», 2012. 176 саҳ.

Дар ҳаҷви нависанда Равшани Ёрмуҳаммад ҳаргиз рашку ҳасад ва бадбинию ниқори ғаразнок вуҷуд надорад. Танҳо инъикоси камбудиҳои пурнуқсони ҷомеа ба риштаи танз мӯҳрачинӣ шудааст. Барои хонандагон, ба хусус ҷавонони имрӯза, панду насиҳати бетамаъ дар ҳар як ҳикоя эҳсос мегардад.

«Як ароба гулу хор» китоби пурмӯҳтавоест барои аҳли адаб ва тамоми дӯстдорони ҳаҷв.

ISBN 978-99947-2-253-2

© Нашриёти «Адиб», 2012

# КАЛЛА

Се шабонарӯз беист борон борид. Ҷӯйҳо пур шуду дарёҳо лабрез, Дарёи Кофарниҳон, ки дар поёни Душанбе ба он рӯдҳои Варзобу Элок ҳамроҳ мешаванд, ба гуфти мардум, хун мехӯрд. Обаш лойолуд ва сурх меомад. Пас аз мондани борон ва поён фаромадани об дар лаби дарё каллае пайдо шуд. Ана ҳамин калла боиси баҳси мардум ва саргардониҳо гардид. Аввал онро кӯдакон дида, ба калонсолон нишон доданд.

– Ин каллаи одам нест, – гуфт яке аз мардон, – каллаи одам ин хел намешавад. Бинед сараш мӯй надорад.

– Хайр, одами сараш бемӯй кам аст? – ҷавоб доданд ба ӯ дигарон.

– Баданаш нест, каллаи холист! – гуфт шахси дигаре.

– Хайр чӣ? Сарашро аз тан ҷудо карда ба дарё партофтаанд. Дар ин солу замон ҳар ҳодиса шуданаш мумкин.

– О, бечора, фарзанди кӣ бошад? – оҳ кашид кампире даҳонашро бо остини васеаш пӯшида.

Марди лоғарандоме ба лаби дарё наздик шуда гуфт:

– Дирӯз қад-қади об мурда мекофтанд, боз ҳамон набошад?

– Не, ин дигар аст, онҳо кӯдак гум карда буданд. Бинед, сараш чӣ қадар калон…

Калла дар лаби об дар байни хасу хошоки селовард мехобид, касе қудрат намекард, ки поён фаромада онро боло барорад. Оқибат шахсе, ки назар ба дигарон дар тан либосҳои озода дошту ба муаллим монанд буд, ба ҳама рӯ оварда гуфт:

– Даст нарасонед, ба милитсия хабар диҳед, омада худашон бароранд. Боз дар бало намонем…

Одамон аз ин гап каме рамида, қадаме ба ақиб ниҳоданд.

– Муаллим, ин каллаи одам нест, – гуфт шахсе, ки аввал сухан карда буд, каллаи ягон ҳайвон аст. Айб аст ба милитсия хабар додан.

Муаллим ба ӯ нигариста гуфт:

– Саг бошад ҳам бояд ба милитсия хабар диҳему паг бошад ҳам. Аз об кашида баровардани ҳар чиз кори онҳост. Маслиҳати ман ҳамин: даст нарасонед…

Калла дар лаби об боз ду рӯз истод. На милитсия омад ба сари ону на ҷӯянда. Оқибат тифлакони кунҷков ба он наздик шуда, овоза карданд, ки ин калла нест, ҳайкал аст.

– Ман гуфтам ку, – бо ифтихор ҳарф мезад марди аввал, – ин каллаи одам нест. Шумо бовар накардед.

– О, ту гуфтӣ, ки ин каллаи одам нест, ин каллаи одам аст-ку?

– Чӣ хел каллаи одам? Ҳайкал аст мегӯянд.

– О, каллаи ҳайкал каллаи одам нест?

– Гапат дурусту ташвиши каллаи ҳайкал дигару ташвиши каллаи одами зинда дигар.

Калонсолон ба бачаҳо амр карданд, ки калларо ба соҳил бароранд. Бачаҳо ба об даромада калларо оварданд. Он аз гаҷ рехтагӣ буд. Сари марди миёнасолро мемонд. Тарҳи рӯяш муқаррарӣ. Риш надошт. Бинияш баланди теғадор. Чашмонаш аврупоӣ. Дар рӯяш на доғ ҳасту на захме.

– Хайрият, – гуфт кампире даҳонашро ба остинаш пушида, – ин калла набудааст. Дилам қариб торс кафида буд.

Ҳама ба каллаи бесоҳиб менигаристанд; ин сари кӣ бошад? Чаро об онро ба ин ҷо овардааст?

Муаллим боз ҷилави суханро ба дасти худ гирифта гуфт:

– Ин сари ягон одами машҳур аст. Ба ҳар кас ҳайкал намегузоранд. Касе барқасд онро ба об партофтааст.

Ҳозирон одамони машҳурро ба хотир оварданд. Вале калла ба онҳо монанд набуд.

– Чӣ бисёр Қаҳрамонони Иттифоқи Советию Меҳнати Сотсиалистӣ. Ҳамаи онҳоро мо намешиносем-ку? – гуфт шахси аввал.

– Хайр, аз шинохтану нашинохтани ҳамин калла ба шумо ягон чиз мерасад? – гуфт тамошобини раҳгузаре. – Аз паси кори худатон шавед беҳтар нест?

– Ин одама бинед, – гуфт шахси лоғарандом, – аз каллаи қоқ ҳам манфиат меҷӯяд.

– Ин каллаи ягон коммунист будагист. Ҳоло коммунистонро баъзеҳо нағз намебинанд.

– Ана ин гап ҷон дорад. Ин каллаи коммунист аст. Муллоҳо ҳайкали Ленинро чаппа карданд, инро мемонанд.

– Бинед чӣ қадар меҳнат барои сохтани ҳамин калла сарф шудааст. Агар дар як ҷо меистод, чӣ бадӣ дошт, на об мехӯрду на нон. Не, гиру чаппа кун. Ҷоҳилем мо, ҷоҳил!

– О, ҳоло намедонем, ин каллаи кисту барои чӣ онро ба об партофтаанд. Ҳама чизро ба гардани муллоҳо бор накунед.

– То ба муллоҳо озодӣ додана ҳеҷ кас ҳайкал чаппа намекард-ку?

– Раваду ин ҳайкали ягон мулло бошад, баъд чӣ мегӯӣ?

– Ин ҳайкали мулло нест. Мулло ришу салла дорад. Сад фоиз боварӣ дорам, ки ин каллаи ягон одами бедин аст.

– Ин тавр нагӯ, ними аҳолӣ бе саллаву риш мегарданд, магар онҳо бединанд? Ана, акаи Ҷаҳонгир, – ба муаллим ишора кард марди лоғарандом, – бедин аст? Дар вақташ намозашро мехонаду рӯзаашро мегирад. Боз чӣ?

– Хайр, ман акаи Ҷаҳонгирро дар назар надорам-ку? Ҳар гапа ба мисли девори намкаш ба худатон накашед.

– Аз рӯи ҳамин каллаҳои қоқ дар ҷумҳурӣ ҷанг шуда буд. Боз шумо сар кардед, – гуфт муаллим. – Монед ҳамин гапҳоро.

– Рафтем, – гуфт марди аввал, – аз паси як каллаи обовард ҳамин қадар гап. Ба касе лозим бошад, гирифта барад. Дигар кор надоред.

Мардум каме ба андеша рафтанду сонӣ гуфтанд:

– Дуруст мегӯяд Раҳматуллоҳ. Ин каллаи кию кашмакашаш дар сари кӣ. Рафтем.

Калонсолон аз назди калла дур шуданд, касе нахост, ки онро бо худ барад. Каллаи селоверд монду бачаҳои кӯча.

Барои бачаҳо калла воситаи хӯшӣ шуд. Онҳо дар байни чорраҳаи деҳа аз хишт поя сохта калларо болои он гузоштанд. Акнун каллаи селоверд шакли ҳайкалро гирифта буд. Бовиқору ҳашамат менамуд. Деҳачае, ки аз он то ин дам мардони соҳибҳайкал набаромада буданд, акнун дар сари чорраҳааш пайкара дошт. Шахсони омад ва аз асли воқеа бехабар баробари дидани калла мепурсиданд:

– Ин қаҳрамон кист?

Мушкил буд ба ин савол ҷавоб додан. Зеро ки касе аслу насаби калларо намедонист. Вале шахсоне ҳам пайдо мешуданд, ки мегуфтанд:

– Чӣ, фикр мекунед, ки фақат шумо қаҳрамон доред. Дар деҳаи мо ҳам қаҳрамон будааст, вале худи мо бехабар будем.

Кунҷковҳо мепурсиданд, ки фарзанди кисту дар куҷоҳо корнамоӣ нишон додааст? Чаро то имрӯз гумном мондааст?

– Дар замони Шӯравӣ бисёр қаҳрамонҳоро пинҳон медоштанд. Фикр мекунӣ, ки ин яктост, даҳҳо ин гуна мардон дар лагерҳои КГБ ба шаҳодат расидаанд.

Рӯзе касе пайдо шуда ба каллаи беному нишон ном мемонад. Ӯро ба насаби яке аз мардони сарватманди деҳа, ки солҳои сиюм ба Афғонистон гурехта будааст, мепайвандад.

Дере нагузашта дар рӯзномаҳо дар хусуси калла хабарҳо пайдо шуд. Ҳатто аз телевизион мухбирҳо омада, ба раиси деҳа шикоят карданд:

– Чаро дар маросими гузоштани ин пайкара моро хабар накардед? Бозсозӣ, демократия, истиқлолият, бинед, ба мо чиҳо дод? Номи фарзандони гумномамон рӯи об баромад.

Раиси деҳа асли воқеаро ба коргарони телевизион ҳикоят кард. Баъд ба ғазаб омаду амр дод, ки калларо аз чорраҳа бигиранд.

Калла чанд муддате бе ному нишон шуд. Вале ба ивази он дар деҳа овозаҳои нав баромад. Кампири Зарафо, ки хонааш дар канори дарё буд, дар лаби бомаш аҷинаро дидааст. Акнун одамон ба бому хонаи кампири Зарафо башӯбҳа менигаристанд. Кунҷковон шаб ҳам ба ҳузури кампир меомаданду рӯз ҳам. Зарафо ба онҳо мегуфт:

– Ҳафтод сари сол дар ҳамин хона зиндагӣ кардам, ягон бор на ҷин дидаму на парӣ. Чӣ бало шуд, ки дар бомам аҷина баромад. Бовар кунед, мекунед, накунед, ихтиёратон. Ана дар ҳамин ҷо буд, – ба гӯшаи бомаш ишора мекард, – аввал фикр кардам, ки бачаи ҳамсоя аст. «Ҳа, чӣ мекунӣ?» гуфтам. Ҷавоб надод. Баъд як кулуха гирифтаму ба сараш партофтам, нагурехт.

– Ба мард монанд буд ё ба зан? – мепурсиданд шавқмандон аз ӯ.

– Мӯи сари парешон дошт?

– Меҷунбид ё не?

– Ҳа меҷунбид, – мегуфт кампир.

– Қатит гап зад?

– Гап назада дар ҷоям шах шудам. Калидакоям ях кард. Агар гап мезад, талхаам мекафид.

– Фақат як шаб дидед?

– Ҳа, як шаб. Дигар аз тарсам берун намебароям.

– Ҳамааш бехосиятии ҳамон калла, – мегуфтанд баъзеҳо.

– Мумкин каллаи ягон одами мӯътабар буду мо ба он беҳурматӣ кардем.

– Чӣ каллаи одами мӯътабар аз пасаш аҷина меорад? – мегуфт муаллим Ҷаҳонгир.

– Хайр, эҳтимол аҷина нею арвоҳаш бошад.

– Арвоҳ дар гӯшаи бом намешинад, – мегуфт муллои деҳа, – аҷина паҷина аст. Ҳазор бор мегӯям, ки ба паси бому хонаҳо хасу хошок, хокистару покистар напартоед. Аҷинаҳо омада шабҳо дар дохили он бозӣ мекунанд. Касе ба гапи одам гӯш намекунад. Ана оқибаташ.

– Ин замон на гапи мулло қадр дораду на сухани вазир, – гуфт муаллим.

– Эй, бачам, ана бубинед, паси бому рӯи ҳавлиро, на хас ҳасту на хокистар…

Одамон ҳам ҳайрон буданд, ки чаро дар хонаи кампири Зарафо аҷина пайдо шудааст. Охир худи кампир мӯъмину мусулмон ва намозхон ҳаст-ку?

Овозаи аҷинаи лаби боми кампири Зарафо аз байн нарафта, хабари тозае дар деҳа паҳн шуд:

– Бобои Юнус дар лаби дарё парӣ дидааст. Либосаш сапсафед, савори аспе. Ба сӯи пирамард омадааст. Бобо тарсида чашмонашро пӯшидааст. Вақте чашмашро мекӯшояд, мебинад, ки на пай ҳасту на ҳайдар.

Мардум бобои Юнусро мекофтанд, ки асли воқеаро аз забонаш шунаванд, аммо ӯ на дар хона буду на дар кӯча. Яке мегуфт, ки ба шаҳр рафтааст, дигаре мегуфт, ки дар беморхона хоб аст, сеюмӣ мегуфт, ки аз тарсаш дар ҷое пинҳон шудааст. Сирри париҳоро кушояд, ба ӯ зиён мерасонанд.

Бобои Юнус пайдо нашуда, амаки Ҳақдод хабари нав паҳн кард:

– Дар масҷид телевизор тамошо карда ба хона меомадам, хоҳ бовар кунед, хоҳ не, аз пеши раҳам баромад. Гап намеза-

над, рост истодааст. Аввал фикр кардам, ки бачаи Валиаҳмад аст, ӯ ҷавонмарг ҳам шабҳо мегардад. Бинам ӯ не. Ду-се бор «Ӯҳ-пӯх!» кардам, ҷавоб надод, «кистӣ?» гуфта пурсидам, якбора қоматаш баланд шуд. Медонед… худи гӯё қанот дошта бошад…

– Хайр баъд чӣ шуд? – мепурсиданд аз ӯ.

– Дигараш ба хотирам нест. Чӣ хел ба хона расидам, намедонам.

– Хайрият ба ту зиён нарасондааст, – мегуфт муллои деҳа.

– Ҳақдода бало намезанад, – мегуфт муаллим. – Худаш бало аст.

– Дар назарат тофтааст, – мегуфтанд баъзеҳо.

– Ҳамин қадар сол дар назарам натофту нав метобад. Ба ҳамин роҳ ҳазор бор рафта омадам. Ягон чиз надида будамку?

– Эҳтиёт шавед, шабгардиро кам кунед, – мегуфт мулло.

– Тақсир бевақти бад ҳам набуд, соати ёздаҳ буд. Нав телевизора кушта буданд.

Дар масҷид, дар сари чорраҳа, дар маъракаҳо ҳам дар хусуси аҷинаю парию бало ҳарф мезаданд. Ғайбату шикоят кам шуда буд. Чунин ба назар мерасид, ки деҳаро як рӯҳи маъюсӣ фаро гирифтааст. Мардум оқибати нохӯшеро интизоранд.

Гиреҳи ҳамаи овозаҳоро муаллим кушод. Ӯ дар рӯзи равшан ҳамаро дар сари чорраҳа ҷамъ кард. Рӯйрост ба онҳо гуфт:

– Шаб аҷинаро қапидам, агар хоҳед, нишон медиҳам?

– Шӯхӣ накунед, – гуфтанд ба ӯ. – То имрӯз касе ёд надорад, ки фарзанди инсон аҷинаро даст гирифта бошад.

– Бале, то имрӯз касе ёд надорад, вале акнун мебинад.

Муаллим дар даст халтаи калон дошту ба даруни он ишора мекард.

Ҳама ба халта чашм дӯхтанд, дар дохилаш чизе буд.

– Ҳа, нишон деҳ!

– Ба осонӣ не, аввал ҳаққи дидани аҷинаро супоред, – муаллим ҷизмаки халтаашро камтар кушод. Мӯйҳои дурушти фатилае ба назар расиданд.

– О, аҷинаи ту мурдааст ё зинда?

– Коратон набошад: хоҳед зиндаашро мебарорам, нахоҳед мурдаашро.

– Хайр барор, – гуфт мулло. – Мо як зиёфат қарздор.

– Муаллим оҳиста аҷинаи ёфтаашро аз халтааш баровард. Ин ҳамон каллаи гачии селоварди буд. Дар сараш мӯи сунъӣ, дар танаш либоси дарози мардона.

– Бачаҳо, – гуфт муаллим, – ба ин калла ҳар хел либос пӯшонда, дар ҳар ҷой мемондаанд. Одамон бошанд аз он тарсида аҷинаю парию балою батар мепиндоштаанд.

– Чӣ хел инро фаҳмидед?

– Ҳама гапу кори деҳаро мактаб медонад. Шаб поидаму бачаҳоро даст гирифтам. Номашонро намегӯям. Қасам хӯрданд, ки дигар одамонро наметарсонанд.

– Баред, нест кунед, ин калларо! – гуфт мулло. – Кадом будпарасте онро сохтааст.

– Партофтан кори хуб нест, – гуфт муаллим. – Дар сохтани ин калла ҳам меҳнат сарф шудааст. Кӣ ҳаст ин каллаю кӣ нест ҳоло мо намедонем. Мумкин одами машҳур бошад.

– Машҳур нест! – овоз баровард касе аз байни ҳозирон.

– Барои одами номашҳур калла намесозанд. Ана, каллаи тую маро насохтаанд-ку? Маслиҳат ҳамин ки, – гуфт муаллим ба аҳли ҷамоат, – ман калларо дар мактаб мемонаму ба санъатшиносҳо хабар медиҳам. Омада бинанд. Охир ин калла аз мо на об талаб мекунаду на нон.

– Хайр ихтиёрат, – гуфтанд одамон.

Пас аз чанд рӯз дар деҳа овоза шуд, ки барои дидани калла мутахассисон меомадаанд. Муаллимону шогирдон ва ҳам сокинони деҳа хурсанд буданд, ки ба шарофати каллаи селоварди мутахассисонро мебинанд.

Кӯчаҳоро об заданд, ҳавлиҳоро тоза карданд.

Овоза дурӯғ набаромад. Ду нафар – як марду як зан ба дидани калла омаданд. Онҳо калларо аксбардорӣ карданд. Сад бор пасу пеш тоб дода, ба заррабин санҷиданд. Оқибат табъашон хира шуду гуфтанд:

– Ҳеҷ аҳамият надорад. Гачи холист. Касе барои худаш сохтааст.

Муаллим ба онҳо ба баҳс даромад:

– Оё калла бе аҳамият мешавад?

Мутахассисон табассум карда гуфтанд:

– Ҳаст, бисёр каллаҳое ҳаст, ки арзише надоранд.

– О, ин калла соҳиб дорад? – пурсид шахсе.

– Не, ин калла ба ҳеҷ кас монанд нест.

Одамон тааҷҷуб карданд, ки калла ҳам бесоҳиб мешудааст. Калла ҳатман бояд ба каллае монанд бошад.

Мутахассисон баргаштанд. Калла дар деҳа монд.

Пирамарде гуфт:

– Баред, ба об партоед!

– Наҳс аст ин калла, гум кунед онро! – ба ғазаб омад мулло.

– Аҷаб, – мегуфт кампири Зарафо, – одамон барои худ калла месохтаанд?

– Калла месозанд, ки номашон ҷовид монад, – фаҳмонд ба ӯ муаллим.

– О, ин калла ном надорад гуфтед-ку? Чӣ хел ҷовид мемонад?

– Баред, ба об партоед, боз дар сари ҳамин калла баҳс сар шуд, – гуфт мулло.

– Гумуш кунед, дигар афташа набинем, – рӯ гардонданд аз калла занҳо.

– Ба ҳеҷ чиз кор наояд, бареду ба об партоед, – ба хулоса омаданд мардҳо.

Бачаҳо калларо бурда боз ба дарё партофтанд.

Вале сокинони деҳа то ҳол дар андешаи онанд, ки ин калла аз кӣ буду аз куҷоомад.

*Соли 1998*

## ГӮРКОВ

Мардум кайҳо боз лақаби «Гӯрков»-ро ба Бӯраки Алав часпонда буданд. Худи ӯ бошад аз ин лақаб фахр мекард. Дар ҳузӯраш мегуфтанд:

– Ҳэ, Гӯрков, хез аз боло шин!

– Гӯрков, имрӯз гӯри киро кандӣ?

– Ту, Гӯрков, аз ҳамин гӯрковият намондӣ?

Бӯраки Алав аз ин гуфтаҳо эҳсоси нохӯшӣ намекард.

Баъзе касон аз Гӯрков ҳазар мекарданд. Намехостанд, ки ҳамроҳаш бишинанду сӯҳбат кунанд. «Аз Гӯрков дур будан беҳтар» – мегуфтанд худ ба худ. Метарсиданд, ки Бӯраки Алав гӯрашонро биканад, пагоҳ онҳо аз ин ҷаҳон маҳрум мешаванд. Дар назари онҳо Гӯрков Азроили дигар менамуд.

Дар ҳаққи Бӯраки Алав мегуфтанд, ки насабаш гӯрков аст. Пирони деҳаи Бодак ёд доранд, ки падари Бӯрак қабри бобою падаронашонро кандааст. Акнун ӯ қабри дигаронро меканад.

Бӯраки Алавро барои гӯрковияш соли сию ҳафтум бадарға мекунанд. Ӯ қабри эшони зиндаеро канда, овоза мекунад, ки мурдааст. Аз ин сирр Қодир ячейка[1] огоҳ мешавад. Омада қабрро мекананд, ки дар дарунаш ҳазрати эшон нест. Ҳама ҳайрон мемонанд, ки эшони мурда куҷо рафта бошад. Органҳо аз гиребони Бӯраки Алав мегиранд: «Ё мурдаашро меёбӣ, ё зиндаашро, чаро дар ин қабр ҳеҷ кас нест?» Одамон ҳам дудаста манаҳ қапида мегӯянд: «Ё тавба, қабр ҳам холӣ мешудааст, дар қабр бояд мурда бошад-ку? Ё ҳазрати эшон ба ғайб рафтаанд. Аз дасти бузургворҳо ҳар кор меояд».

Ана, ҳамин Қодир ячейка эшони мурдаро аз даруни кӯлии орди хонааш зинда меёбад. Одамон ба кордонии Қодир ячейка не, балки ба каромоти эшон қоил мешаванд. Аз гӯр, аз таги чанд ман хок хеста ба даруни кӯлии орд омадан кори ҳар бандаи хокӣ нест!

Зинда шудани мурда ба деҳа хурсандӣ наовард. Пас аз се рӯз ҳазрати эшону Бӯраки Алавро ҳабс карданд.

Қодир ячейка чанд вақт ба кундаи синааш зада мегашт, ки чӣ хел ин сирро фош кардааст, гӯркови қаллоб ва эшони фиребгарро даст гирифтааст.

Замона дигар шуду аз бадарға Бӯраки Алав баргашта омад, аммо эшон не. Қодир ячейка ҳоло ҳам шаст дошт, аммо аз назди Бӯраки Алав сархам мегузашт.

Бӯраки Алав, ки гӯрков буд, боз гӯрковиро ба даст мегирад. Гӯре, ки ӯ меканд, на ин ки ба зиндаҳо, балки ба

[1] Ячейкаҳои ҳизбӣ, Аъзоёни онро мардум ҳамин тавр ном мебурданд.

мурдаҳо ҳам хуш меомад. Мегуфтанд, ки ӯ ҳафт бор ба гӯри тайёр медарояду мебарояд, дар дохили он хоб мераваду мешинад. Худ ба худ ба саволи пурсандаҳо ҷавоб мегӯяд. Ҳамин ки дар деҳа мурдае мешуд, ба сари Бӯраки Алав медавиданд. Бӯраки Алав ҳам на барф мегуфту на борон. Ба сараш чодар кашида гӯр меканд. Одам, ки мурд, онро бояд ба хок супоранд. Барои мурда чӣ фарқ дорад, ки рӯз мурдааст ё шаб, барф аст ё борон.

Вале имрӯз мурда дар рӯи хона мехобид. Занон бонавбат нола мекарданд, саҳни ҳавлӣ, паси бом пур аз одам буд.

Ногоҳ миш-мише дар байни мардум пайдо шуд. Баъд ин миш-миш аз гӯш ба гӯш расиду аз даҳон ба даҳон паҳн шуд.

– Чаро мурдаро намебардоранд? – мепурсиданд пирамардон, – ягон касро интизоранд?

– Не, ҳеҷ касро интизор нестанд. Гӯр тайёр нест, – ба онҳо мефаҳмонд марди лоғарандоми миёнбастае, ки дар ин гуна маъракаҳои деҳа ҳамеша вазифаи пешхидматро ба ҷо меовард.

– Барвақттар нафармурдед?

– Фармудем, аммо накандаанд.

– Чаро ин кори хайрро ба таъхир гузоштаанд? Ҳозир намози пешин ба охир мерасад, дар масҷид касе намемонад, бо кӣ ҷаноза мекунед?

Марди лоғарандом тоқии чоргулашро ба сараш дурусттар монда, ба гӯши пирамард гуфт:

– Гӯрков гуфтааст, ки гӯрашро намекобам, касе мекобад, кофтан гирад.

– Чаро ин тавр гуфтааст?

– Намедонам…

Марди сеюм, ки дар паҳлӯи онҳо меистод, ба гап ҳамроҳ шуд:

– Раҳматӣ дар соли 37 Гӯркова шинонда буд-ку.

– Ҳа, наход ҳамин кора ҳозир ҳам фаромӯш накарда бошад.

– Коре ҳаст, ки фаромӯш мешавад, коре ҳаст, ки фаромӯш намешавад.

– Ба мурда ситеза кардан кори мард нест! – гуфт пирамард. – Ягон каса фиристонед, ба Гӯрков дурусттар фаҳмонад. Ё як чиз-ним чиз зиёдтар мехоҳад?

– Нафаҳмидам, – гуфт марди лоғарандом, – чӣ мехоҳад, нафаҳмидам.

Пас аз чанде миш-миш ба баҳси кушоду равшан табдил ёфт. Ҳама дар бораи гӯрков гап мезадану мурдаи рӯи хона.

Гиряи занон қатъ шуд. Даву ғеҷ зиёдтар гардид. Корафтодагон ба ҳузури муллои деҳа, ки вактҳои охир ба тӯю ҷанозаҳо худаш наомада, шогирдонашро мефиристонд, барои машварат рафтанд. Мулло сухани корафтодагонро шунида гуфт:

– Кори хуб накардааст, Гӯрков. Мо мурдаро гӯр мекунем, мурдаи беҷон чӣ гуноҳ дорад. Ҳар баду неке кард, бо рӯҳаш рафт. Дар он дунё ҷавобашро медиҳад.

– Тақсир, Гӯркови мо як одами эзма аст, ҳамаи ҳамин гапҳоро фаҳмондем, қабул накард.

– Хайр, боке нест, ягон каса ёбед, гӯр канад.

Корафтодагон аз ҳузури мулло баромада, худ ба худ ба баҳс даромаданд:

– Одам бояд оқибатша ҳамеша фикр кунад. Ба як кас некӣ кардӣ, ба ту некӣ мекунад. Некии раҳматира ҳеҷ кас надида буд, дар солҳои сиюм муллою эшонҳора шинонд, дар солҳои ҷанг анбори колхоза хӯрд, вақте котиб шуд, чанд каса аз дасти ӯ аз партия хориҷ карданд. Фақат худаша медонист…

– Хайр, монед ин гапҳора, ҳозир вақти ин гапҳо нест.

– Медонем, лекин дар омади гап гуфтем-да…

– Лекин киро меёбем, ки гӯр канад? Гӯр чоҳ нест, ки ҳар кас кандан гирад. Андозаю қолаб дорад.

– Ягон кас ёфт мешудагист.

– Масалан?

Корафтодагон ба андеша рафтанд. Киро ба гӯрковӣ фиристанд, на ҳар кас ба ин кор розӣ мешаваду на ҳар кас аз ӯҳдаи гӯрканӣ мебарояд. Оқибат машварати онҳо ба сари Раҳим фаромад. Ӯ марди чобук ва ҳамакораи деҳа буд. Раҳимро аз мурдахона ёфта, ба ӯ мақсадро фаҳмонданд.

– Не, не, асло, – гуфт ӯ ба овози баланд, – ҳафт пуштам гӯрков набуд, ин кора намекунам. Қишлоқ гӯрков дорад, кова гӯра.

– О, гӯрков қатии раҳматӣ чап будааст. Намекобам гуфтаст.

– Хайр, гуноҳи ман чӣ? Ҳар кас касби худаша кунад. Ҳарчанд хоҳиш карданд Раҳим розӣ нашуд.

Ташвиши мурдадорон афзуд. Касе дар деҳа ёд надорад, ки мурдае дар як шароити ором бегӯр монда бошад. Ҷанозахонҳо омадаанд, пиру барно ҷамъ. Ҳама чиз омода, мурдашӯйҳо маъитро пок карда ба рӯи сароҷа мондаанд. Аммо гӯр тайёр нест. Гӯрков ҳам ёфт вақти нозу нағмаашро. Дар зиндагии раҳматӣ ҳамин гапашро мегуфт, чӣ мешуд? Акнун на мурда, балки соҳибону аҳли деҳаро бадном мекунад. Мурдаашон бегӯр монд мегӯянд. Обоҳе, чӣ бояд кард?...

– Табарро ёбед.

– Кадом Табара?

– Табари…, – забонашро хоида-хоида шарҳ дод марди лоғарандом, – урус Табара.

– Ҳамин қадар одам истода урус Табар кобем? Наход як мусулмоне ёфт нашавад, ки гӯри бандаи мӯъмина кобад?

– О, чанд каса хоҳиш кардем, не мегӯянд. Урус Табар куҷо меравад, дар хонааш арақ хӯрда хоб будагист.

Рафта урус Табарро аз хонааш оварданд. Ӯ мақсадро фаҳмида гуфт:

– Ман розӣ, вале ба даруни гӯр намедароям.

– О, ба даруни гӯр надаромада, чӣ хел гӯр мекобӣ?

– Ҳар чӣ гӯед мекунаму ба дарунаш намедароям. Ягон каси дигар дарояд. Ман метарсам.

– Аз чӣ метарсӣ? – пурсид аз ӯ марди лоғарандом. – Аз гӯри холӣ?

– Ҳа, аз гӯри холӣ. Гӯр холӣ бошад ҳам гӯр асту пур бошад ҳам гӯр. Даҳшат дорад. Одами зинда ба гӯр намедарояд.

– Ту ба гӯр надаро, гӯра кан, – ба ӯ фаҳмонданд, – гӯр соҳиб дорад.

– Медонам, медонам, чаро дигарон намеканананд? Гӯр ҳар хел мешавад. Ман шунидаам.

– Чиро шунидаӣ ту? – пурсиданд аз урус Табар.

– Агар одам гунаҳгор бошад, хоки гӯр ӯро зер мекунад.

– Чӣ, ту гунаҳгорӣ?

– Албатта, дар умрам на рӯза гирифтаам, на намоз хондаам. Корам арақхӯрӣ. Мехоҳед, ки ба гӯр дароям у ҷон диҳам.

– Э, монед инро, на мастияш маълум асту на ҳушёрияш. Равед, зуд, ягон қабри кӯҳнаро тоза кунед, ҳамон ҷо мехобонем, – гуфт марди миёнсоле, ки ба ӯ «махсум» гуфта гап мезаданд. – Аз хешу таборони раҳматӣ ду-се касро равон кунед.

Се кас шитобон ба сари гӯристон рафтанду ҷои мувофиқеро ёфта, ба кандани гӯр машғул шуданд. Аз байн чанд муддат гузашта буд, ки ҷавоне арақшору ҳаккосзанон расида омад:

– Ҳа, шумо чӣ кор мекунед? – гуфт ӯ ба гӯрковҳо.

– Гӯр мекানем, магар намебинӣ?

– Мебинам, зуд аз ин ҷо дафъ шавед, вагарна бо ҳамин белу каланд ба саратон якто мезанам.

– О, чӣ шуд, ки ту боз ба сари мо мезанӣ? Аввал пурсиш, баъд кӯшиш гуфтаанд.

– Ин ҷо қабри бобои ман аст.

– Кадом бобот?

– Сад бобо надоштам-ку? Ана, дидед, санги ишора мондам, – ӯ санги сиёҳро ба онҳо нишон дод. – Ман ин ҷо мақбара месозам, фаҳмидед?

Гӯрковҳо ҳайрон монданд, аз кандани қабр даст кашиданд. Яке аз онҳо гуфт:

– Ҳамон Бӯраки Алава наёбем, намешавад, ӯ ягон ҷоро нишон диҳаду мо кобем. Ин тавр ягон ҷои дигарро меканем, боз соҳиб мебарорад.

Гӯрковҳо ба мотамхона як касро равон карданд. Рӯз ҳам рӯ ба бегоҳӣ ниҳода буд. Вақт мегузашт. Одамон як-як парокanda мешуданд.

Аз масҷиди деҳа қосид омад, ки муллоҳо мегӯянд мурдаро зуд биёранд, шом мешавад, дар куҷо дидед, ки ҷанозаро шаб хонда бошанд.

Ба қосид гуфтанд, ки ба масҷид бирасонад, ки гӯр тайёр нест.

Марди лоғарандом боз ба байн даромад. Ӯ амр дод, ки экскаваторчиро ёфта биёранд. Зуд дар ягон ҷои холӣ қабр кананд. Зарур бошад, раво бошад гуфтаанд.

Экскаваторчиро, ки Хайрулло ном дошт, ёфта оварданд. Ӯ мақсадро фаҳмида эътироз кард:

– Аввалан ба гӯристон даровардани экскаватор кори хуб нест. Дуюм дар кучҷо дидаед, ки гӯрро бо экскаватор кананд. Ҳоло вақти ҷанг не-ку? Экскаватор хандақ меканад, чоҳ меканад. Ман намехоҳам, ки экскаваторам бадном шавад. Ҳама маро «гӯрков» гӯянд. Касе гӯрков аст, кори гӯрковиашро кардан гирад.

– Фарз кардем, ки гӯрков мурд, баъд мурдаҳоро гӯр намекунем, – далел оварданд ба Хайрулло. – Ягон кас бояд гӯр канад-ку?

– Ҳа, гапатон дуруст, ягон кас бояд канад, вале экскаватори ман не.

Ба ӯ фаҳмонданд, ки гӯрков кандани қабри раҳматиро рад кардааст. Раҳматӣ, дар вақти котиби ташкилоти ҳизбии колхоз буданаш, муқобили гӯру чӯби мусулмонӣ буд. Фотеҳахонҳоро аз гӯристон пеш карда буд. Боз фалону бисмадон…

– Эҳа, – гуфт Хайрулло, – ин хел одам бошад, ҷояш гӯристони мусулмонҳо ҳам набудааст. Баред, дар гӯристони кофирон хокаш кунед.

– Ту ҳам гапҳои осмонӣ мезанӣ, канӣ дар ин ҷо гӯристони кофирон? Мо як гӯристон дорем. Бад аст, ганда аст, одами ҳамин деҳа буд. Гунаҳгор бошад, Парвардигор ҷазояшро медиҳад, вазифаи мо мурдаро ба хок супоридан.

Хайрулло ба андеша рафт. Ба ӯ боз гуфтанд:

– Савоб мегирӣ, додар. Дар хона мурда то пагоҳ бӯй мегирад, дар шаъни деҳа хуб нест.

– Лекин ман ба даруни гӯристон намедароям.

– Ин ҳам боз гапи урус Табара мезанад.

– Ман ба урус Табар кор надорам, вале ба гӯристон намедароям.

– Чӣ ту аз гӯристон қимобӣ?

– Қимоб нею дар он чо бузургон хобидаанд, арвоҳи ягонтааш занад чи мекунам. Аз хотиратон рафт, акаи Нусрат, вақте гӯристони кӯҳнаро чуфт мекард, арвоҳ чӣ хел ӯро аз трактор партофтанд. Шалу гунг шуд. Се рӯз ҳам назист.

Ҳама ин ҳодисаро ёд доштанд. Сухани Хайруллоро шунида хомӯш монданд.

Хайрулло дид, ки вазъият бисёр ногувор аст, гуфт:

– Хайр, ман меравам, бо экскаватор набошад ҳам, ба ягон чиз меканем.

Хайрулло экскаваторсавор ба хонаи гӯрков – Бӯраки Алав рафт. Бӯраки Алав овози экскаваторро шунида аз хона баромад.

– Ҳа, чӣ гап? – аз ӯ пешдастӣ карда гуфт Хайрулло.

– Чӣ гап буданша ман намедонам, ту аз берун меоию аз ман мепурсӣ.

– О, дар хонаи Қодир ячейча мурда хобидаасту ту дар ин ҷо? Дар ин хел рӯзҳо калламушҳо аз хонаашон берун мебароянд.

– Чӣ, ҳоло ҳам гӯра накофтаанд?

– Не, гӯрков ту бошӣ, кӣ мекобад?

– Ман барои одамони бадкору бадрафтор гӯр намекобам. Бигузор мурдааш дар хонааш бӯй гирад.

– Мон ин гапҳоро, биё рафтем, одам ин хел зуъм намешавад, ба оҳанги қатъӣ гуфт Хайрулло. – Қишлоқа шарманда накун! Шин ба трактор, рафтем!

Бӯраки Алав хоҳам –нахоҳам ба экскаватор нишаст. Хайрулло роҳи гӯристонро пеш гирифт.

– Куҷо меравем? – пурсид Бӯраки Алав.

– Гӯрканӣ!

– Ҳаво торик шуд-ку?

– Боке надорад!

Бӯраки Алав то гӯристон дигар ҳарфе назад. Хайрулло аз экскаватор фаромад. Бӯраки Алав ҳам. Чанд тан гӯрканҳои пештара ҳам дар он ҷо нишаста буданд.

– Гӯри ҳамин хел одамро шаб мекананд, – гуфт Хайрулло ба Бӯраки Алав. – Медонам, раҳматӣ гӯри чандин одамонро дар рӯзи равшан канда буд. Агар ту қасам хӯрда бошӣ, наков, мо гӯр мекобем, фақат ту ҷои гӯра нишон деҳу чӣ хел канданашро фаҳмон.

Бӯраки Алав хомӯш буд.

Бӯраки Алав аз қатори қабрҳои кӯҳна ҷоеро нишон дода гуфт:

– Ана, ҷои ӯ дар ҳамин ҷост.

Қабрро канданд. Раҳматиро оварда ба хок супурданд. Оҳи вазнине кашиданд одамон ҳангоми аз гӯристон баргаштан.

– Раҳматӣ ба сари деҳа ягон бадбахтӣ меорад, – гуфтанд як қисми одамон, – дар куҷо дидед, ки мурдаро шаб ҷаноза карда ба гӯр супурда бошанд?

– Баракс, – мегуфтанд қисми дигари одамон, – бадбахтиҳои деҳаро раҳматӣ бо худаш бурд.

Аҷоибанд одамон…

*Соли 1998*

## МУРДА

Виқор майнӯширо партофту масҷидрав шуд. Рӯзе набуд, ки ба масҷид як ё ду мурда наёранд. Виқор ҳам қатори ҷанозахонҳо меистод. Ҳар амали имоми масҷидро такрор мекард: хам шавад, хам мешуд, рост шавад, рост мешуд, шинад, мешишт. Ба чап нигарад, ба чап менигарист, ба рост нигарад, ба рост менигарист…

Виқор оҳиста-оҳиста фаҳмид, агар одам бимурад, бисёр ҳам азиз мешудааст. Мардум мурдаҳоро бо некномӣ ёд мекарданд. Афсӯс мехӯрданд, ки раҳматӣ одами хуб буду зуд ин ҷаҳони фониро падруд гуфт.

Касе мурдаро танқид намекард, аз камбудиҳояш ҳарф намезад. Масалан, Шарифи Кал мурд. То дина ҳамроҳи Виқор май менӯшиду қимор мезад, одамон аз ӯ ҳафт қадам мегурехтанд. Дар ғоибаш ҳазор гап мезаданду ноодамаш мехонданд. Ана, дар атрофи тобуташ ҳама ғамгин, баъзеҳо ашк мерезанд.

Касе аз майнӯшиаш ҳарф намезанад, касе ҷангу ҷанҷолҳояшро ба ёд намеорад.

«Одам ки мурд, ҳама гуноҳҳояш ҳам мемурдаанд, – ба худ хулоса мебаровард Виқор. – Одами мурда аз зинда беҳтар будааст. Мурдаро ёд мекунанд ба некӣ, зиндаро бо бадномӣ. Аҷаб дунёе. Мурдаро аз зинда баланд мебардоранд».

Ба хотираш зад, ки агар ҳамин мурда зинда шавад, одамон чӣ мегуфта бошанд…

Шарифи Кал гиребонҳояш боз, рухсораҳояш суп-сурх, са-

раш луч, кулоҳи хасинаш дар дасти чапаш калавида-калавида дар кӯча суруд мехонад:

*Мастум, мастуме, кавги мастуме!...*

Зану мард аз ӯ мегурезанд. Кӯдакон давраш мегарданд:

*Мастум, мастуме, кавги мастуме!...*

Шарифи Кал меафтад.

Кӯча хок аст. Боз мехезад. Кулоҳи дур афтидаашро мебардорад. Кӯдакон ба ҳолаш механданд.

Одамон Шарифи Калро нокас, пастсиришт, ахмақ мехонанд, дашном медиҳанд, ки одами ҳушёр ба ин суханҳо тоб наоварда, ба гӯр медарояд. Вале ба маст чӣ? Аз чизе парво надорад.

Ана, мурда ҳам ҳамин тавр аст. Ҳар чи қадаре таъриф кунед, парво надорад, рагаш намеҷунбад.

– Раҳматӣ беозор буд. Нӯшад ҳам ба роҳи худаш мерафт. Ҷояш ҷаннат бошад.

Виқор нашунидааст, ки одамон мурдаро ба манзили охираташ гусел карда, гуфта бошанд:

– Парвардигоро, хуб шуд, ки ин бандаи нокасатро ба дузах бурдӣ, моро аз азоби он халос кардӣ!

Метарсанд аз гуфтани ин суханҳо. Зеро одаме нест, ки гуноҳ надошта бошад. Худо накунаду ин гуфтору рафтор байни мардум одат шавад, Парвардигор дуои бандагонашро қабул мекунад, ҳама ба дузах мераванд.

Виқор лаҳзае оташи сӯзони курраҳои дузахро пеши назар меорад, мӯи баданаш мехезад, дилаш бехуд мешавад. Воҳимае ӯро зер мекунад. Гӯё рагу баданашро оташи дузах ҷинҷ карда бошад.

Агар худи Виқор мурад чӣ? Гирди тобуташ ҳама ҷамъ меоянд. Занон фиғон мебардоранд. Мардҳо фулуқ-фулуқ мегирянд.

– Ой сутуни хонаам, чаро моро партофта рафтӣ? – мегӯяд занаш. Ҳамон занаш, ки чанд бор Виқорро аз хона зада пеш кардааст.

– Ой акаҷонам, акаи меҳрубонам, қуввати дилам, моро танҳо монда рафтӣ? – мегӯяд бародараш ашк резонда, ки Виқорро ба хонааш даромадан намемонд.

– Ҳамсояҷонам, ҳамсояи меҳрубонам! – мегӯянд ҳамсояҳои дасти чапуросташ, ки чанд бор ба сари Виқор милиса оварда буданд.

Дар ҷанозааш мардуми бисёре ҷамъ меоянд.

– Раҳматӣ одами хуб буд, пашшаро озор намедод. Ба роҳи худаш мерафту меомад…

Муллоимом ҷанозаи Виқорро мехонад. Ҳама «Ҷояш ҷаннат шавад!» – гӯён мехезанд. Тобутро ҷавонон мебардоранд. То гӯристон дасти ба даст мебаранд. Ҳама боварӣ доранд, ки Виқор ба биҳишт меравад.

Виқор оҳиста аз даруни тобут мехезад. Издиҳом шах мешавад.

– Ин лаънатӣ маст будааст! – мегӯяд шахсе.

– Одами бад мурдан надорад!

– Худоё, аз дасти ин хел бандагонат моро халос кун!

Виқор баланд-баланд механдад. Ба аҳволи одамон механдад, ба зиндашавии худаш механдад…

*Соли 2006*

## АФСОНАИ БУДУ НАБУД…

Будасту набудаст, дар замонҳои хеле қадим як кишвари ободу хуррам будааст. Мардумаш дардро намедидаанду заминаш гардро: ҳама серу пур, дарахтон аз мева сархам, амборҳо аз ғалла лабрез… Касе аз гуруснагию ташнагӣ ёде ҳам надоштааст.

Ана дар ҳамон кишвар, дар ҳамон замонҳои дур як гурӯҳ одамон аз зиндагӣ шиква кардаанд. Аввал ба онҳо хандидаанд, баъзеҳо гуфтаанд: хайр, бигузор, ҳарчӣ мехоҳанд бигӯянд. Бо дуои кӯрмуш борон намеборад. Аммо рафта-рафта бинанд, ки ҷонибдорони онҳо меафзоянд. Дар хиёбонҳо, чорраҳаҳо, ҳатто сари ҷодаҳо ҷамъ омада, арз мекардаанд, ки аз зиндагии имрӯза норозиянд. Зиндагӣ бояд рангин бошад, пешравии ҷомеа дар тазодҳои он аст. Кишвар, вақте шоҳ дорад, бояд гадо ҳам дошта бошад. Зеро ки дар табиат ҳам гург аст, ҳам меш, ҳам нӯш аст, ҳам неш.

Одамон фикр карда бинанд, ки гапашон ҷон дорад:

– Хайр, – гуфтаанд, – биёед, ин тарзи зиндагиро ҳам имтиҳон карда бинем.

Гурӯҳ шуда ба дарбори шоҳи мамлакаташон рафтаанд. Шоҳу вазир аз мақсади онҳо огоҳ шуда, худ ба худ хандидаанд. «Аҷаб, – гуфтаанд, – одамони сода, – на ба сардӣ тоб меоранду на ба гармӣ». Ба сарбозони дарбор амр кардаанд, ки ҳамаашонро пароканда кунед. Сипаҳсолор ба ҳузури шоҳ омада, арз кардааст:

– Ҷаноби олимақом, мо сарбозон ҳуқуқи пароканда сохтани авомро надорем. Чиҳил сол қабл ҷадди раҳматии шумо, ҷояш ҷаннат бошад, амре содир карда буданд, ки тибқи он фишори дастае ба дастаи дигар манъ аст. Зуроварию фишор хоси кишварҳои ақибмонда ва тамаддунаш паст мебошад.

Шоҳ ба вазираш менигарад.

Вазир ҷавоб медиҳад:

– Шоҳам, ҳар амру ҳидояте, ки аз дарбор мебарояд, муқаддам аст. Набояд хилофи он амал кард.

– Чӣ бояд кунем? – пурсидааст шоҳ.

Вазир ҷавоб додааст:

– Ба онҳо машварат мекунем. Дар рӯи олам ҳама корҳоро бо машварат ҳал мекунанд.

– Равед, – гуфтааст шоҳ, – машварат кунед.

Сарони кишвар бо он тоифаи талофӣ ҳафт шабу ҳафт рӯз нишаста машварат кардаанд, аммо ба натиҷае нарасидаанд. Гапи он тоифа як будааст:

– Ин зиндагӣ ба дил зад, безор шудем, ба тарзи нав мехоҳем рӯз гузаронем.

Вакилон ин хабарро ҳам ба шоҳ расондаанд. Шоҳ боз ба сӯи вазир менигарад. Вазир мегӯяд:

– Шоҳам, маро то субҳ фурсат бидеҳ, то биандешам ва тадбире пайдо кунам.

Шоҳ розӣ шудааст.

Рӯзи дигар баробари дамидани офтоб вазир ба дарбор меояд ва шоҳ аз ӯ мепурсад:

– Чӣ чорае ёфтед?

– Ёфтам, – мегӯяд вазир.

– Зудтар арз кунед, – мегӯяд шоҳ, – ки сабру тоқатам намонд, мулк вайрон ва халқ хонахароб мешавад.

– Тадбир як аст, ҷаноби олӣ: шумо амр медиҳед, ки касе мехоҳад шоҳона зиндагӣ кунад, касе намехоҳад, гадоёна умр ба сар барад. Ин сухан ба аҳли дарбор хуш меояд ва шоҳ зуд амр бароварда, дар саросари кишвараш паҳн мекунад.

Аммо аз байн чанд рӯз нагузашта, боз ҳамон гурӯҳ ба шӯр меоянд:

– Равед, пурсед, – мегӯяд, шоҳ, – онҳо чӣ мехоҳанд.

Ҳолдонҳою роздонҳо мераванд ва зуд ба шоҳ хабар меоранд.

– Онҳо намехоҳанд, ки худашон гадоёна зиндагӣ кунанд, вале мехоҳанд, ки дар кишвари шумо гадоён бошанд.

– Ин нияти онҳо хуб нест, – мегӯяд шоҳ, – онҳо мехоҳанд кишвари маро барбод диҳанд. Ҳамаашонро пароканда кунед!!!

Вазир ба зери пои шоҳ меафтад, дигарон ҳам ба замин саҷда мекунанд:

– Олампаноҳо, ин амрро надиҳед, хуни ноҳақ мерезад, фоли нек нест.

Шоҳ аз амраш даст мекашад. Ҳама ба андеша фурӯ мераванд. Пирамарди лоғару нотавоне аз ҷой мехезад ва хоҳиш мекунад, ки як-ду ҳарф бизанад.

Ба ӯ иҷозат медиҳанд. Пирамард мегӯяд:

– Шоҳам, илоҷи ин воқеа ҳаст. Ба кишварҳои дигар вакилон мефиристем, то гадоёнро ҷамъ карда, ба кишвари мо биёранд.

Ин тадбири дарборро ба аҳли издиҳом мерасонанд. Онҳо мегӯянд:

– То ба чашми худ гадою бенавоёнро дар растаҳои шаҳр набинем, аз талаби хеш даст намекашем.

Онҳо дар хиёбонҳо, атрофи қасри шоҳ менишинанд. Ҳатто баъзеҳо ба нишони эътироз гуруснагӣ эълон мекунанд.

Дар он замон, ки олам орому осоишта будааст, ёфтани бенавою гадо ҳам мушкил мешавад. Ба ғайр аз ин бисёр гадоён аз кишвари хеш ба кишвари дигаре намехоҳанд биоянд: «Мо гадои кишвари хешем, – мегӯянд онҳо, – ризқи моро Парвардигор дар байни ҳамин халқ чошидааст. Мурдамон ҳам бо ҳамин мардум асту зиндамон ҳам».

Дар охири охирон вакилони кишвари ободу хуррам бо ваъдаю дайн қисме аз гадоҳоро розӣ карда ба мулки хеш меоранд.

Талофиён онҳоро бо нону намак, шиорҳои «Хуш омадед, зинда бод дӯстии шоҳу гадо, нест бод адолати баробарӣ!» – истиқбол мегиранд.

Акнун дар сари чорраҳаҳо, хиёбонҳо, растаҳои бозор, дари меҳмонхонаю ошхонаҳо, гирду атрофии қасри шоҳ гадоҳоро дидан мумкин буд. Талофиён мегузаштанду мегуфтанд: «Ана, зиндагӣ дигар шуд, ғам ҳам бо мосту шодӣ ҳам, гурусна ҳам дорему сер ҳам. То одам гирифтори ғаму ғусса, азобу азият набошад, Парвардигор ба ёдаш намеояд. Ин сухани хушку холӣ нест. Мо дар таҷриба инро дидаем».

Гадоён ҳам хурсанд мешаванд, ки назар ба кишвари хеш дар ин ҷо маводи бештар ба дасташон меафтад. Ҳамин тавр чанд сол зиндагӣ мекунанд.

Аммо кори дунё яксон набувад гуфтаанд. Рӯзе мерасад, ки гадоён ҳам ба кор намебароянд. Касе онҳоро дар растаю хиёбонҳо, гирди қасри шоҳ намебинад. Шоҳ мепурсад:

– Чӣ гап аст дар шаҳр?

Ҷавоб медиҳанд, ки гадоён ба кор набаромадаанд.

Аввал шоҳ ҳайрон мешавад, ки гадо ҳам ба кор намебаромадааст, охир ин амал бар зарари ӯст? Сонӣ аз вазираш сабаб мепурсад. Вазир ҷавоб медиҳад:

– Шоҳам, гадоён талабҳои сиёсӣ доранд. Онҳо мегӯянд, ки ҳуқуқи инсонии мо поймол шудааст. Мо ҳам ба мисли дигарон одамем, мехоҳем одамвор зиндагӣ кунем, дар кишвар ҳамаи корҳо автоматӣ шудаанд, компютерҳо ба ёрии инсон омадааст, даҳҳо сол мешавад, ки фарқе байни меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ намондааст, аммо шароити гадо ҳамон асту ҳамон.

– Хайр, чӣ хел зиндагӣ кардан мехостаанд?

Мехоҳанд, он садақае, ки дар кӯчаҳо мардум ба онҳо медиҳанд, намояндагони шоҳ ҷамъоварӣ карда, ба хонаҳои онҳо бурда супоранд.

– Хайр, ин кори мушкил нест, – мегӯяд шоҳ ва зуд фармон мебарорад, ки аз фардо сар карда, аҳли мамлакат дигар гадоёнро азоб надиҳанд, ки соатҳои дароз дар чорраҳаҳо бо

қомати хамида, кулоҳи даридае дар даст биистанд. Ин амал ба шаъни аҳолии мулки ӯ намезебад. Касе ки мехоҳад садақа кунад ва балоҳоро аз кишвар баргардонад, ба намояндагони дарбор хайрияашро таслим созад, то онҳо гадоёни кишварро, ки табақаи бенаво ва ҷабрдидаи ҷамъиятанд, минбаъд азоб надода, бо ду дасти адаб садақаро ба хонаашон баранд.

Зуд фармонро ба аҳолии кишвар мерасонанд. Дар сари ҳар чорраҳа ва кӯчаю растаҳо ишораҳо навишта, роҳи хонаи гадоёнро нишон медиҳанд.

Ана ҳамин тавр мамлакат чандин сол орому осоишта мемонад ва мардум осуда зиндагӣ мекунад. Рӯзе аз рӯзҳо ақлаки гадоён ҳамаи онҳоро ҷамъ карда мегӯяд:

– Рафиқон, ин тарзи зиндагӣ ба дил зад. Мо аз шоҳу дороҳо чӣ камӣ дорем?

– Ҳеч! – мегӯянд гадоён.

– Ин тавр ки бошад, чаро онҳо шоҳу доро будаанду мо гадо?

– Намедонем, – китф меҷунбонанд гадоён. – Эҳтимол хости Парвардигор бошад?

– Парвардигор дар азал ҳамаро баробар офаридааст. Ин амал хоси Худо нест, кори шайтон аст. Ана, ҳамин шоҳу дороҳо шайтонсириштанд, моро фиреб карда, аз кишварҳои ободамон оварданд, ана бубинед, онҳо шоҳу мо гадо. Не, намешавад, ин тарзи зиндагӣ!

– Намешавад! Намешавад!... – гуфт издиҳом.

Анбӯҳи гадоён ба шаҳр баромада норизоӣ баён карданд. Як рӯз не, ду рӯз не, онҳо ҳафт рӯз боз аз гирди қасри шоҳ дур намерафтанд.

Шоҳ пурсид:

– Чӣ мехоҳанд гадоён?

Ҳолдонҳо ҷавоб доданд:

– Шоҳам, намехоҳанд, ки гадоёна зиндагӣ кунанд. Чаро, – мегӯянд, ки дар як кишвар дигарон шоҳу дороянду мо гадою нодор. Бигузор онҳо гадою нодор бошанду мо шоҳу доро.

Шоҳ ба андеша фурӯ меравад: охир аз азал шоҳ шоҳ буд, доро доро, гадо гадо буд, нодор нодор. Агар ҳамаи ин баракс шавад, мулк вайрон ва халқ хонахароб мегардад.

– Намешавад, ин талаби онҳо, – мегӯяд ба сипаҳсолораш, – равед, ҳамаашонро пароканда кунед!

Сипаҳсолор мераваду издиҳомро пароканда мекунад. Гадоён бо сарбозон даст ба гиребон намешаванд. Гадо одати ҷанг кардан надорад. Аммо рӯзи дигар кӯч мебанданд ва эътироз мекунанд, ки аз кишвар меравем.

Вакилон ба назди шоҳ меоянд ва мегӯянд:

– Шоҳам, адолатпаноҳам, гадоён кӯч бастаанд ва мехоҳанд аз кишвар бираванд.

– Раванд, – мегӯяд шоҳ, – безор шудам аз дасти ин гадоён!

Ҳама аз ин сухани шоҳ меларзанд. Бар даҳон мӯҳри хомӯшӣ мезананд. Пас аз сукути зиёде пирамарде ҷасорат пайдо карда мегӯяд:

– Шоҳам, ҳамаи дороии мулки мо ба дасти гадоён гузаштааст. Агар онҳо раванд, мулк вайрон мешавад, халқ гадо.

Шоҳ боз ба фикр фурӯ меравад.

– Бале, ҳамин тавр аст, – мегӯянд дигарон ҳам каме ҷасорат пайдо карда. – Онҳо ҳама дороии моро ба гадоӣ аз мо кашида гирифтаанд.

– Чӣ илоҷ, онҳоро боз гардонед, – мегӯяд шоҳ! – Тақдирамон ҳамин будааст.

Ҳолдонҳою кордонҳо зуд ба миён даромада, гадоёнро аз рафтан боз медоранд.

Ана, аз ҳамон замонҳои дур, дар ҳамон кишвари ободу хуррам шоҳҳо гадо мешаванду нодорҳо доро, гадоҳо шоҳ мешаванду нодорҳо доро. Баъзеҳо қисса мекунанд, ки ин кишвар ҳоло ҳам ҳаст, баъзеҳо мегӯянд, ки не, аз ин кишвар осоре боқӣ намондааст.

## ҚАНДАК

Қандак марди қадпаст, каме зардина буд. Ҳамеша либосҳои тоза ва озода ба бар мекард. Кори савдою пулро дӯст медошт. Тахминан чилупанҷсола ба назар мерасид. Бист сол пеш зан гирифт, дурусттараш худаш нею ба ӯ ёру дӯстонаш зан гирифта доданд. Аммо бо занаш созиш накард. Се сол зиндагӣ карданду аз ҳам ҷудо шуданд. Яке ба чап

рафту дигаре ба рост. Қандак дигар зан нагирифт. Чандин бор ӯро ба хонадоршавӣ ташвиқ карданд, ризоият надода мегуфт:

– Азоби яктаашро кашидам, бас. Дигар дар умрам зан намегирам.

Аммо вақтҳои охир савдои зангирӣ ба сараш зад. Аз байни занону духтарон ҳамсари ба худаш мувофиқ меҷӯст. Вале ноомади корро бинед, ки ҳамаи занони ба ӯ мувофиқ шавҳар доштанду духтарон пешниҳоди ӯро рад мекарданд.

Ана, ҳамин Қандаки мо, боре дар саҳифаи рӯзномае эълонеро хонд. «Зани бешавҳарам. Хонаю дар дорам. Ба молу мулк мӯҳтоҷ нестам. Мехоҳам ба марде ба шавҳар бароям, ки фарзанд надошта бошад. Дар кори рӯзгор ба ман ёрӣ расонад. Ҳамчун мард ҳамеша пушту паноҳам бошад. Дар хусуси худам: мӯи сарам хурмоӣ, пӯсти баданам сафед, ду дандони пешам аз тилло, миёнам химча, абрӯвонам камон, чашмонам бодомӣ, даҳонам мисли пистаи хандон. Чизҳои дӯстдоштаам: кабоб, тушбера, шоколад, торт, тамошои киноҳои ҳиндӣ, мусиқиҳои эронӣ. Хоҳишмандон метавонанд ба почтаи марказӣ, сандуқи фалон, дорандаи паспорти фалон мактуб бинависанд».

Қандак эълонро хонду худ ба худ хурсанд шуд, гӯё ҳамин эълонро маҳз барои ӯ навишта бошанд. Тамоми умр ӯ ҳамин гуна олиҳаро меҷуст. Акнун худо дод. Зани тапа-тайёр, худаш шавҳар меҷӯяд.

Қандак эълонро пеши назар меоварду аз шодӣ мешукуфт: ана субҳ ба почта мераваму мактуб мепартоям. Баъд ба сари Қандак зад, ки рӯзномаро дигарон ҳам мехонанд, онҳо ҳам метавонанд, ки ба ин зани нозанин хат нависанд. Қандак азм кард, ки ҳамин лаҳза ба паси миз нишаста ба зан мактуби пурсӯзу гудозе нависад. Қудрати ӯ дар навиштани мактуб хеле заиф буд. Бо вуҷуди ин заҳмати зиёде кашида, мактуби зеринро навишт: «Азизам, номи ман Қандак, боварӣ дорам, ки як умр қандаки қанди ту мешавам…

Қандак дар ҳамин ҷои мактуб таваққуф кард. Номаш ба баъзеҳо маъқул набуд. Зани аввалааш ҳам номи ӯро мазоҳ мекард. Қарор дод, ки номашро дигар кунад. Қандакро хат заду «Қандил» навишт.

– Эълонатро хондам. Ҳамаи гуфтаҳоят айни муддаои ман аст. Агар фурсате ёфта ба мактуби ин бандаи ганда ҷавоб гардонӣ ва ман он мактуби муборакро ба чашмонам бимоламу ба мисли Яъқуби пайғамбар дидагони торикам равшан шавад, сарфароз мешудам.

Дар дил як ҷаҳон гапу орзуҳо дорам, вале намехоҳам, ки суханро дар мактуби аввал дароз кунам. Ман ҳам ба мисли худат дар зиндагӣ ҳама чизро дорам, ба ғайр аз як соҳибхонаи меҳрубон. Бо салому паёми бепоён Қандили фурӯзони шумо».

Пас аз як ҳафта Қандак ба мактубаш ҷавоб гирифт. Дар он навишта шуда буд: «Қандили ҳамеша фурӯзонам, номаатро гирифтам. Хоҳиш мекунам дар бораи худат бештар навис, то хулқу атворат, кору кирдорат ба ман бештар равшан шавад. Хайр, то рӯзе, ки дида ба дидор мерасад. Нафиса».

Қандак аз мутолиаи мактуб хеле хурсанд шуд. Ба ҳар ҳол зан ба мактуби ӯ ҷавоб навиштааст, ба дигар кас не. Хаёл мекунед, ки ба ин гуна занони зебо як Қандак хат мекунад? Кӯчаю хиёбонҳо пур аз марди безан, дар дасти ҳама рӯзнома. Бахти Қандак хандидаст.

Қандак ба хотири болидаю таъби хуш ба паси миз нишаст, ба Нафиса мактуби муфассал навишт: аввал ҷои таваллуду манзараҳои дилкаши зодгоҳашро тасвир кард. Баъд солҳои мактабхонияшро ба ёд овард. Сипас номуродиҳои ошиқию бебарориҳои хонадорияшро. Дар охир аз бевафоии дунё шикоят намуд. Онро дурӯза номид. Нафисаро даъват кард, ки муҳаббати ӯро қабул кунад, ду–се рӯзи боқимондаи умрашонро бо хӯшӣ гузаронанд. Ба Қандак на мол лозим асту на давлат, ҳамаашро дошту дид. Нафиса лозим аст.

Зан ҳам сари вақт ба мактуби Қандак ҷавоб фиристод. Дар он таъкид мекард, ки дар ҷавонӣ инсон иштибоҳ мекунад, ҳар иштибоҳе, ки аз ман ва ту гузашта бошад, бояд ба хотир наорем, хона обод кунем, то ёру дӯстон шод шаванду душманон сӯзанд. Нафиса телефони хонаашро дар охири мактуб навишта буд.

Қандак пас аз дидани рақами телефон зуд ба сари кӯча давид, то ба Нафиса занг занад.

Бахташ тофт, телефони сари роҳ холӣ буду кор мекард. Гӯшакро зане бардошт, ки овози маҳин ва ширин дошт. Қандак канда-канда гуфт:

– Ман, Қандил, ин хонаи Нафисаи азиз аст… Боз иштибоҳ накарда бошам…

– Бале хонаи Нафиса. Ман занги шуморо, Қандили ҷон, кайҳо интизор будам, – гуфт зан.

Ин ҷавоб Қандакро шердил кард. – Шарм надошта гапатонро гуфтан гиред. Ман мардҳои дамдуздро бад мебинам. Шавҳари аввалам, агар мурда бошад, Худо раҳматаш кунад, зинда бошад, умраш дароз бод, ҳамин хислати бадро дошт. – Зан хомӯш монд, то ин ки Қандак гап занад.

– Ман ҳам одами он қадар сергап нею, – гуфт дар гӯшак Қандак, – одам бори аввал дасту по мехӯрад, боз овозатон чунон форам ки…

– О, ман мактаби мусиқиро хатм кардагӣ.

– Зани аввалаи ман ҳам мактаби мусиқиро хатм карда буд. Лекин овозаш аз овози ҷайра ҳам дағалтар мебаромад. Безор мешудам аз сурудхонияш. – Пас аз гуфтани ин суханҳо ба сари Қандак зад, ки ба зан ганда кардани зани аввалааш хуб нест.

– Ман ҳам шавҳари собиқамро намехоҳам наҳ занаму вале тамоман як марди аз зебоиҳои табиат ва ҷамъият бехабар буд. Либоси наву кӯҳнаро фарқ намекард. Муди ҳозиразамонро намефаҳмид. Мусиқӣ ба мисли хор ба гӯшаш мехалид.

– Арақхӯр буд? – пурсид Қандак.

– Менӯшид.

– Ҳа, марде, ки ба нӯшидан дода шуд, аз дигар неъматҳо бебахра мемонад.

– Гапат ҳақ, ҳатто чӣ будани лаззати занро намедонист.

– Ин гуна мардҳо бисёр. Гапи онҳоро монему гапи худамонро занем. Хайр кай якдигарро мебинем?

– Мебинем, ҷонам, мебинем. Хонаро таъмир кунам. Ҳоло дару девор чиркин.

– О, худамро чеғ мезадед, ин корҳо аз дастам меояд.

– Не, не, шавҳари ман бояд дасташро ба ин корҳо назанад. Ман ӯро чунон озода нигоҳ медорам, ки Зулайхо ҳазрати

Юсуфро нигоҳ медошт. Пул дорам, чизу чора дорам, фақат шавҳар надорам.

– Шумо ҳам ба мисли ман будед, Нафисаҷон. Ман ҳам дар зиндагӣ ҳама чиз дорам, аммо як зани меҳрубон наёфтам. Зани пештараам бошад, нафаси гарм надошт. Афташ ҳам хунук буду гапаш ҳам. Хайрият ки аз баҳраш гузаштам.

– Тақдири ману шумо қариб як хел аст.

– Худо хоҳад, бадбахтиҳои рӯзгорамон гузашт,ояндаи нек моро интизор аст.

Онҳо боз дар ҳар хусус сухан гуфтанд. Сонӣ аҳд карданд, ки Қандак ҳар рӯз соати ҳашти бегоҳ ба Нафиса занг мезанад. Ҳамин телефон ҳам як машғулият. Ғубори дилро мебарорад. Одамро аз олами танҳоӣ бурун мекашад.

Қандак, пеш аз он ки телефон кунад, гӯё ба мулоқот мерафта бошад, як соат сару либосашро ба тартиб меовард. Ана ӯ боз ба Нафиса занг зад:

– Ассалому алайкум, Нафисаи ҷон, ин ман, Қандил.

– Аз овозат шинохтам.

– Саҳатию саломатиат чӣ хел? Зиқ ку нашудаед?

– Не, Қандилаки ҷон. Ташвишам бисёр, вақти зиқшавӣ ҳам надорам. Худат чӣ?

– Ман ҳам, баъзе майда-чӯйда харидам. Шуморо ба меҳмонӣ даъват карданиям.

– Оҳ, кай?

– Кай ки хоҳед, ана ҳозир.

– Не, не, ҳоло барвақт. Ҳар кор рӯзу соат дорад. Аввал шумо ба хонаи ман меоед, сонӣ ман ба хонаи шумо меравам.

– Ба хонаи шумо не, ба хонаи худамон меравем гӯед, ҷонакам, хонаи ман аз шумост. Худо хоҳад соҳиби ду хона мешавед.

– Яктаашро баъд мефурӯшем, – гуфт Нафиса.

– Ҳа, ин тавр кардан ҳам мумкин.

– Пулашро ба тӯямон сарф мекунему боқимондаашро гирифта, баъд аз тӯй, ба ягон ҷо ба саёҳат меравем.

– Кошкӣ ҳамин тавр мешуд.

– Шавҳари пештараам аз саёҳат қимоб буд. Ба гарданаш ресмон бандӣ ҳам ба ягон ҷо намерафт. Дар кӯча қартабозиро аз саёҳатгоҳи Ялта дида авлотар медонист.

– Мазаи саёҳатро начашида будааст.

– Маза чӣ, на шӯра мефаҳмиду на ширина. Як гови тапа-тайёр буд, хайрият ки халос шудам. Набошад умрамро хазон мекард.

– Насиби мо будед-да, насиби мо, – нимханда карда гуфт Қандак. – Зани ман баракс буд, Нафисаҷон. Ба ҷонам мезад. Кораш шаҳр ба шаҳр гардӣ. Пули ёфтагиро дар роҳ сарф мекард. Аз дасти ӯ қариб буд, ки майзада шавам.

– Э, шавҳари ман майзадаи тапа-тайёр буд. Як қадаҳ менӯшиду дароз мекашид. Фаромӯш мекард, ки дар паҳлӯяш зани ҷавонаш хоб аст .

Қандак баланд-баланд хандид. Пас аз телефон овози шахси дигаре ба гӯш расид. Қандак гуфт:

– Кӣ гап мезанад? Гӯшака мон. Халал нарасон.

– Ту худат гӯшака мон.

– Эй, дузди зӯр соҳиби гова бастаст-ку, ба байни сӯҳбати мо даромада боз дӯғ мезанӣ!

– Шумо ба байни сӯҳбати мо даромадед!

Аз он тараф Нафиса мепурсид:

– Қандил, Қандил ба кӣ гап мезанӣ?

– Касе гапи моро гӯш мекунад.

– Гапи мо ба кӣ лозим?

– Надонам, касе гӯшакро мон мегӯяд… Гуфтугӯяшон қатъ шуд.

Қандак хурсанд буд, ки бо Нафиса чор даҳан гап зад, аммо як кунҷи дилаш ғаш мекард, ки суханашро ба охир нарасонду кадом лаънатие ба байн даромад.

– Хайр, – гуфт худ бо худ, – рӯзу соати Худо бисёр-ку. Пагоҳ телефон карда дарди диламро мегӯям.

Рӯзи дигар Қандак ба Нафиса занг зад:

– Нафисаҷон?

– Ҳа ман.

– Эъ, умратон дароз бошад. Сарам сафед шуд аз интизория.

– Кия интизор шудед?

– О, шуморо. Дирӯз баъзе гапҳоям нотамом монда буданд. Як маслиҳат, маро мешунавед, – Ҳа, мешунавам, – ҷавоб дод Нафиса.

– Ман ба тӯй розӣ, харҷашро ҳам меёбем, лекин никоҳ зарур набудагист? Мусулмонияшро намегӯям, ҳамон шаҳодатномагирию дар шиноснома сабти номҳо ба дили кас мезанад.

– Не, не, ман мехоҳам шавҳари қонунӣ дошта бошам. Ба ҳар кас шиносномаамро нишон дода, фахр карда гӯям: «Ана, дидӣ, ман шавҳар дорам, соябони сарам аст, як мушт занад девор мекафад».

– Аз ин ҷиҳат гапат дуруст. Ҳамон зани пештараи ман шиносномаи маро доим бо худаш гирифта мегашт.

– Чаро?

– Метарсид, ки маошамро дар ягон хазина мемонам.

– Шавҳари ман баракс буд, маошро мегирифту як тин ба хона наоварда, дар хазина мемонд.

– Ҳар хел мешудааст одам.

– Агар хулқу рафтори зану шавҳар мувофиқ наояд, хона обод намешавад, зиндон беҳтар аст аз ин гуна хона дида.

– Гапат ҳақ. Ҳамон хонаи пештараам бароям як зиндон буд. Бегоҳ мешуд поям ба сӯи хона намекашид. Одам ба орзу зан мегирад, ки бегоҳ аз кор хаста шуда омад, чеҳраи нурбору лабони пурхандаи ӯро дида, тамоми хастагиҳояшро фаромӯш кунад.

– Орзуи ман ҳам ҳамин. Хӯрока пухта мемондам, ки биояду якҷоя хӯрем. Майзадаи лаънатӣ шаб аз нисф мегузашту намеомад. Биояд ҳам ғур-ғураша намегӯӣ.

– Ман аз ғур-ғур қимобам, Нафисаҷон. Ғур-ғур гуфтеду захмҳои диламро бедор кардед. Рӯз надоштам аз дасти занам: ин корат бад, ина кардӣ, ина накардӣ… Ҳамин кораш ба дилам заду хонаю дарро партофтаму рафтам. Медонед-чӣ? Аз молу мулки хона танҳо як костюм гирифтаму халос. Моли дунё ёфт мешавад, одам ёфт намешавад, дӯсту зани вафодорро ёфтан мушкил.

– Дуруст мегӯед, мо занҳо ҳам ҳамеша шавҳари вафодор мекобем.

– Худо хоҳад, ман шавҳари вафодоратон мешавам, – гуфт Қандак ва каме ханда кард.

– Ман ҳам.

Қандак аз ин каме ғайрат гирифту гуфт:

– Нафисаҷон, биёед зудтар ҳамин корҳоро ҳал кунем. Боз ягон шайтон ба байн надарояд.

– Майлаш ман як фикр кунам, баъд ҷавобашро мегӯям.

Онҳо сӯҳбати телефонияшонро қатъ карданд.

Аз ин байн як ҳафта гузашт. Қандаку Нафиса аҳд карданд, ки бо ҳам вохӯранд. Ҷои вохӯрӣ хонаи Нафиса муқаррар шуд.

Қандак сару либосашро нав кард. Ба мисли домоди ҳабдаҳсола омодагӣ гирифт. Ба бозор рафта чизу чораи бисёр харид. Як бағал гул гирифт. Таксиеро манъ карда, ба ӯ нишонии хонаи Нафисаро дод:

– Ана, маро ба ҳамин хона бар, – гуфт ба ронанда, – пулашро пешакӣ медиҳам.

Таксӣ ҳам шаҳрдида будааст, ба тангкӯчаҳое даромада баромад, ки занбӯри асал роҳ намеёфт. Оқибат дар назди хонае истод.

– Ана, – гуфт рақами хонаро нишон дода.

– Ба ман ёрдам кун, – гуфт ба ронанда Қандак, – борро барем.

Онҳо майда-ҷӯйдаро ба паси дари Нафиса баровrouteарданд.

Қандак занг зад. Дар боз шуд. Чашмони Қандак сиёҳӣ зад. Сараш гирд гашт. Дар рӯ ба рӯяш зани аввалааш меистод. Сонӣ маҷоли ӯ суст шуд, пойҳояш ларзиданд. Гулҳо аз дасташ афтоданд.

Қандак дар паси дар аз ҳуш рафт.

## САРДОРИ ОИЛА

Рӯи дастархон пур аз ғизо буд: себу ангуру анор, мавизи сиёҳу сафеду сурхча, бодому мағзи донаи зардолу, пистаю чормағз, кулчаҳои қандӣ, шириниҳои кас надида, хӯришҳои тезу шӯру турӯш, кабудиҳои офтоб нарасида, моҳию гӯшти мурғу гӯсфанду гови дусола, чакаю ҷурғоту маскаю панир, дилаи тарбузу харбуза… обҳои ҳархела, пиваҳои хориҷӣ, конякҳои тоҷикию арманӣ, шампани франсузӣ… Чанд шамъ месӯхт. Чароғҳои хона сурх, сабз, зард, сафед. Магнитофон оҳиста суруд мехонд.

Мард ин манзараро дида ҳайрон шуд.

– Чӣ гап, занак, ягон тӯй-пӯй дорем?

– Бале, имрӯз тӯй.

– Меҳмонҳо кай меоянд?

– Намеоянд. Меҳмон ману шумо.

Мард фикр кард, ки занаш шӯхӣ мекунад. Ягон меҳмони иззатманде меояд ё дугонаҳояшро ба хона даъват кардааст. Вале дигар чизе напурсид. Ба хонаи дарун гузаш, ки либосашро иваз кунад. Занаш гуфт:

– Костюми наватонро пӯшед, галстуки сурхатонро бандед, мӯи саратонро шона кунед.

Мард гуфтаҳои занашро ба ҷо овард.

– Ана, занакҷон, як ба ман нигоҳ кунед, мешавад.

Зан гиребону галстуки шавҳарашро дуруст карда, аз қуттии ҷевон атри хушбӯй гирифт, ба сару рӯи ӯ пошид. Сонӣ аз дасташ гирифта, ба курсии мулоим оварда шинонд. Худаш рӯ ба рӯи шавҳараш нишаст.

– Гиред шавҳарҷон. Дастархон барои ҳардуямон.

Зан ба табақчае ҳаргуна ғизо гирифта, ба назди шавҳараш монд. Шишаи коняки тоҷикиро боз кард, ба ду қадаҳ рехт.

– Менӯшем! – гуфт.

– Ба чӣ муносибат?

– Чанд сол мешавад, ки мо зану шавҳарем?

– Ду сол кам биступанҷ сол.

– Бале, ғалат накардед.

– Ду сол кам биступанҷ сол мешавад, ки шумо сардори оилаед. Ду чашми ман ба кору бору дасту кисаи шумо нигарон… Гиред, конякро, давоми гапро баъд мегӯям.

Онҳо хушҳолона қадаҳ бардоштанд. Зан чанд луқма ба даҳони шавҳараш гузошт.

– Гӯшам ба ту, – гуфт мард ба завҷааш нигариста.

– Давоми гап ҳамин, ки мардакҷон, шумо ноӯҳдабаро, роҳбарӣ аз дастатон намеояд. Вақте гапатон ба зани худатон намегузарад, чӣ тавр метавонед сардори оила бошед. Барои ҳамин дар оилаи мо пешравӣ нест. Нокомӣ паси нокомӣ, ноумедӣ паси ноумедӣ. Ду сол кам биступанҷ сол мешавад, ки якамон ду, дуюмон се намешавад.

– Хайр, чӣ кор кунам, занакҷон, аз дасти ман ҳамин қадар меояд.

– Ҳеҷ кори наве накун, ҳамин коратро давом додан гир. Боз як қадаҳ менӯшем, сонӣ ошро мекашем.

Боз як қадаҳ нӯшиданд.

Зан гуфт:

– Аз ҳамин соат сар карда ман сардори оила, ба ҳама гапам гӯш мекунӣ, аз гуфтаам як қадам берун намеравӣ. Ана, мебинӣ, ман оилаамонро дар ду кам панҷоҳ сол ба биҳишт табдил медиҳам.

– Илоҳо ба он рӯз расем.

– Вақте ман гуфтам, мерасем.

Ҳарду, гӯё ки ба биҳишт афтида бошанд, хурсандӣ карданд.

– Акнун мардакҷон, хезу оши палава кашида биёр.

Мард ҳам сухани завҷаи меҳрубонашро ду накарда, озод аз ҷой хесту ба ошхона рафта, дар табақе ош кашида овард. Ба назди занаш гузошту рост истод, ки боз чӣ амре медиҳад.

– Ман аз ошкашиат розӣ, лекин фаромӯш накун, ки ба болои ош бештар сабзӣ парто, гӯштро ҳам аз устухон ҷудо кун. Пеш аз ош кашидан дастҳои меҳмонҳоро об гир.

– Хуб шудааст, занакҷон.

Мард ба сӯи ташноб давид, об оварду дастшӯй.

– Дастам тозаю барои кора ёд гирифтанат мешӯям.

Зан нӯги ангуштонашро об гардонд.

– Сачоқат канӣ?

Мард обу дастшӯйро ба замин гузошта, сӯи ташноб давид. Аз он ҷо сачоқеро овард.

– Эъ, ин сачоқи ташноб. Бо ин сачоқ дасти ошхӯриро пок намекунанд. Аз ҷевон сачоқи нав гир.

Мард сачоқ овард. Зан дасташро пок кард.

– Акнун дар ҷоят шину ба дастархон нигоҳ кун.

Мард аллакай худашро гум карда, зери таъсири суханҳои занаш монда буд. Ӯ ба чеҳраи занаш нигарист: ҷиддӣ, табассуме дар лабонаш намеҷунбид. Ба хотираш аввалин сардораш расид. Ӯ ҳам зан буд. Директори мактаб. Ҳамаро дар пучоқи писта ҷой мекард. Қадаммонияш аз беруни мактаб

шунида мешуд. Талабаҳо ӯро дида ба чор тараф мегурехтанд. Муаллимҳо пешаш сар хам мекарданд. Бо китоб ё дафтари дасташ ба гардани онҳо якто-якто мезад.

– Ана, ҳушёр мешавед, гарданатон ғафс шудааст…

– Ҳа, карахт шуда мондӣ? Ҷунб, – овози занаш баланд шуд.

Мард дар ҷояш ҷунбид.

– Ин тавр не.

– Чӣ тавр ҷунбам, азизакам?

Мард аз ҷояш хеста, ба назди занаш омад, хост, ки ӯро навозиш кунад. Зан ба рӯяш як шаппотӣ фаровард.

– Беодоб, ба сардори оила ҳамин тавр рафтор мекунанд!

– Узр, узр. Ман фаромӯш кардаам, ки завҷаи азизам сардори оила аст.

– Ош хунук мешавад. Пеш аз ош рез!

Мард бо дастони ларзон ду қадаҳ коняк рехт. Якеро ба сӯи занаш тарсида – тарсида дароз кард.

– Ягон сухан гӯй, пеш аз ош!

– Сухан…, сухан… ҳамин ки азизам, сардори оила сиҳату саломат бошанд, хушбахт бошанд, умри дароз бинанд…

– Бо ҳамин ту, ки ду сол кам биступанҷ сол зиндагӣ карда, оиларо қашшоқ кардӣ, одам хушбахт мешавад? Аз дасти ту умрам хазон, мӯи сип-сиёҳам сап-сафед шуд. Акнун намедонам, ки ман чи хел туро ба сӯи ду сол кам панҷоҳ барам.

– Худо мебарад, Худо.

Зан табассум кард, мард хурсанд шуд.

– Ана, менӯшем, азизам!

– Нӯшу ҷамъ кардани дастархон ва шӯстани косаю табақро фаромӯш накун.

– Асло, асло…

Онҳо сари дастархон хеле нишастанд. Мард магнитофонро хомӯш кард. Зан доира ба даст гирифта ҳофизӣ кард. Мардро амр дод, ки рақс кунад.

Сонӣ аз сари миз танбалона хеста, ба диван такя кард, бо телефони дастӣ ба ким-кадом дугонааш гап зад.

– Шавҳарам? Ҳа, шавҳарам, ҳамин ҷо. Ҳа, саҳат саломат. Чӣ? Чӣ? Ба вазифаи нав гузаштааст. Телевизори мо хомӯш. Худо муборак гардонад.

Зан ба шавҳараш ҷиддӣ нигариста гуфт:
– Чаро ба ман нагуфтӣ?
– Чиро?
– Вазифаи наватро.
– Тасдиқ нашуда будам.
– Фармонро аз телевизион хондаанд. Ин ҳам аз баракати сардори оила шудани ман…
Мард ба сӯи ошхона рафт. Баъд аз он ҷо баромада, костюмҳои навашро кашиду хилъат пӯшид, пешдоман баст. Зан аз пуштакии диван рӯзномаҳоро ба даст гирифта, варақ зад. Варақгардонӣ ба дилаш зад.
– Ҳо, куҷо шудӣ?
– Ана ман ин ҷо, дар ошхона.
– Наздам биё, вай корҳоро баъд мекунӣ.
Мард бо дасти тару пешдомони доғдор дар ҳузури занаш пайдо шуд:
– Ин чӣ афт? Мисли маймун ба назди ман меойӣ. Одам назди сардори оила бо либоси тоза меояд. Чӣ, дар ҷои корат назди сардорат бо пешдоман медаройӣ?
– Маъзарат, маъзарат.
– Медонӣ, азизам, ман чӣ фикр кардам. Сару либоси ман тамоман намешавад. Сардори оила бояд либоси нав ва муди нав пӯшад, вагарна касе ба гапаш гӯш намекунад.
– Ман, азизам, бе либоси наву муди нав ҳам ба гапат гӯш мекунам.
– Дигарон чӣ?
– Оилаи мо аз ду нафар иборат аст, ба дигарон чӣ кор дорем.
– Ана, хатои ту дар оиладорӣ ҳамин буд: ба дигарон чӣ кор дорем! Пешрафти ҳар оила аз дигарон иборат аст…
Зан аз болои диван хест. Рӯи хона қадам зад. Назди оина рафт. Мӯи сарашро, ки то китфаш мерасид, шона зад. Ба абрӯвонаш қалам кашид.
– Азизам, ҷои хоба парто. Хаста шудам.
– Ба чашм, – гуфт мард.
Онҳо хоб рафтанд. Субҳ надамида соати зангдор садо дод. Зан аз ҷояш хест. Чароғҳоро фурӯзон кард, ба хонаи калон

гузашт. Тартиби онро аз назар гузаронд. Ба ошхона даромад. Баъд ба назди оинаи барқад омад. Худ ба худ гуфт «Кораш бад не. Худо хоҳад, оҳиста-оҳиста соҳибхонаи хуб мешавад». Сонӣ назди дари хонаи хоб рафт. Садо кард:

– Мардак, хез! Парвардигор гуфтааст, ки ҳама баракат дар саҳар аст.

Мард сулфида-сулфида дар тан либоси шабхобравӣ ба назди занаш омад.

– Чӣ хидмат, азизам?

– Ин либосатро кашида, аз ҷевон либосҳои намозӣ пӯш.

– Инаш барои чӣ?

– Парвардигор фармудааст, ки ҳар бандаи мӯъмин пеш аз тулӯъи офтоб ду ракат намози бомдод хонад.

– О, ман намозро намедонам.

– Ман худам ба ту ёд медиҳам.

– Ту аз куҷо омӯхтӣ?

– Дар кӯчаамон занони мӯъмину мусулмон бисёр. Ёд доданд. Ту ҳам, агар бегоҳиҳо масҷид равӣ, аз мусулмонӣ бохабар мешавӣ. – Ба сари зан зад, ки агар шавҳараш бегоҳиҳо ба масҷид равад, кори хона мемонад. – Не, ба масҷид рафтанат зарур не. Ҳамроҳи ман намози шому хуфтанро мехонӣ.

– Ҳарчӣ фармоед.

Мард ба хона даромада, эзори сони сафед, пироҳани тоза ва яктаҳи зардча пӯшид.

– Ана, азизам, тамоман ҷавон шудӣ. Ҳаваси кас меояд. Ба ташноб даромада, таҳорат кун.

Мард итоаткорона ба ташноб даромад, вузӯъ кард, баромад. Ҷойнамоз аллакай густурда буд.

Аз ин байн ду-се рӯз гузашт. Зан либосашро нав кард. Шавҳарашро ба наздаш хонду гуфт:

– Акнун дар бораи буҷаи оила фикр мекунем. Маошатро начакондаю нарезонда, оварда ба дасти ман медиҳӣ. Ҷои корат дур не, пиёда равӣ ҳам мешавад. Хӯроки нисфирӯзиро дар ошхонаи дугонаам Зарина мехӯрӣ, ман ҳақи хӯроки ҳарҳафтаинаатро ба ӯ медиҳам. Ошхонааш дар таги чанор. Ба ҷои корат наздик. Меҳмонбиёриро кам мекунӣ. Аз меҳмонҳои хӯранда чӣ фоида. Ёд дорӣ, ҷӯраҳоят шабу рӯз

дар хона буданд, дар ягон рӯзи зӯромад, дастатро мегиранд? Даст каш аз ин хел одамон.

– Азизам, раъй раъйи худат.

Тамоми кори хона ба гардани мард афтод, сиёсати зан сари шавҳар бештар мешуду камтар не. Мард худ ба худ меандешид. «Ана, ҳамин тавр шавҳар шудан лозим, ки занат ғинг гуфта натавонад. Агар рӯзе расаду сардори оила шавам, ман ба ин зани беинсоф, ки қадри шавҳарро намедонад, кӣ будану чӣ будани мардро нишон медиҳам!» Аммо то гузаштани ду кам панҷоҳ соли оиладориашон вақти бисёре дар пеш буд.

Рӯзе, пеш аз баромаданаш аз хона, зан гуфт:

– Барвақттар биё, дугонаҳоям меоянд!

– Ба чӣ муносибат? – овози мард аз ин пурсиш ларзид.

– Оё намедонӣ?

Мард саволдор ба сӯи занаш нигарист.

– Рӯзи таваллудам.

– Ҳа… ҳа…

Мард аз дар баромаду фикр кард: чӣ тӯҳфае ба ин муносибат бихарад. Ӯ дар даст маблағе надошт. Солҳои пеш рӯзи таваллуди хонуми меҳрубонашро аввал дар ҷои кораш ҳамроҳи дӯстонаш, баъд дар чойхонаю ошхонаҳои сари роҳ бо як-ду шиносаш, сипас дар хона бо занашу ҳамсояҳо мегузаронд. Тӯҳфаҳо мехарид. Занаш бо меҳрубонӣ ӯро пешвоз мегирифт. «Чаро дер кардед, азизам? Мо шуморо интизор. Оҳ, бубинед, чӣ тӯҳфаи қимматбаҳое харидаанд. Соати тилло! Ё ин ки «Пироҳани нав!» мегуфт. Тӯҳфаро ба меҳмонҳо нишон медод. Ҳама бо чашми ҳасрат ба ӯ менигаристанд. «Шавҳар не, ҷони одам!» – занҳои ҳамсоя орзу мекарданд, ки ҳамин гуна шавҳар дошта бошанд…

Мард бегоҳӣ аз ҳавлии идора як даста гули садбарг чинду барвақттар ба хона омад. Меҳмонҳои занаш гирди миз нишаста буданд: панҷ-шаш кас. Тамоми занҳо ношинос. Занаш дар тан либосҳои нав дошт, ки занон дар замину ситораҳо дар осмон ҳасад мебурданд. Ӯ даст ҷунбонда бо дугонаҳояш ким-чӣ мегуфт. Шавҳарашро дида аз ҷой нахест. Гулдастаи тақдим кардаи ӯро, ҳатто, бӯй накашид.

– Ҳама чиз тайёр, аз паси пухтани хӯрок шав! – гуфт. –

Шавҳари ман ҷони одам. Аз занҳо дида таъомҳои болаззат мепазад.

Мард либосҳои кориашро кашиду хилъати хонагӣ ва кулоҳ пӯшид, пешдоман ба миён баст, ба кори пухтупаз машғул шуд. Ба гӯшаш хандаи пасту баланди занҳо мерасид. Ёд овард, соли гузаштаро, ки ӯ сардори оила буду рӯзи мавлуди занашро мегузаронданд. Паси миз занону мардон нишаста буданд, ҳар вақте завҷаи меҳрубонаш аз ошхона берун мебаромад, ҳама дар ҳаққаш қадаҳ мебардоштанд. Офаринҳо мехонданд. Дар маърака сардори идораашон ширкат дошт. Сардор хоҳиш кард, ки соҳибхона аз ошхона бароядд. Занаш омада, паси миз нишаст. Сардор гуфт:

– Янгаи азиз, акнун ман фаҳмидам, ки сирри муваффақиятҳои шавҳаратон дар куҷо будааст. Ҳамеша либосаш тоза, барвақт ба кор меравад. Чеҳрааш хандон. Кораш ба сомон. Барои он қадаҳ мебардорем, ки ҳамин гуна занҳо дар ҷомеаи мо бештар бошанд, ҳамин гуна оилаҳо бисёр шаванд. Ҳама хурсандона нӯшиданд.

Аз толор садои ба ҳам бархӯрдани қадаҳҳо ба гӯши мард расид. Занаш баланд садо кард:

– Мардакҷон, куҷо шудед, як ин ҷо бароед!

Мард пешдоманашро кашида назди меҳмонҳо рафт. Занаш ба дасти ӯ ҷоме дод, ки шароб дошт.

– Шинед, паҳлуякам шинед. Суханатонро давом диҳед, дугона, – ишора кард ба зани тануманди миёнасол, ки ду рухсорааш холи сунъӣ дошт ва абрӯвонашро ғафс қалам кашида буд.

Зан аз ҷояш хест. Чашми мард ба гарданбанди тиллоӣ ва синаҳои фарбеҳаш афтод. Ӯ худро як ҷунбонду ҳашт ангушташро, ки аз чаллаҳои тиллоӣ пур буданд, нишон дод.

– Чӣ гӯям, дугонаҳо! Ман ба ин оила ҳасад мебарам. Қариб бисту панҷ сол мешавад, ки зиндагӣ мекунанд, якеаш ба сари дигараш баланд гап намезанад. Сирри хонаашон байни худашон. Дар ин оила баробарии ҳуқуқи марду зан аст. Дигарон бояд аз инҳо ибрат гиранд. Язнаи азизамон омаданду ҳама корро ба даст гирифтанд. Шавҳарҳои мо чӣ? Аз кор меоянду рӯи диван мисли хирс якпаҳлӯ мезананд. Ба мӯи са-

ри язнаам нигаред, ягон тораш сафед нашудааст. Дар чеҳрааш ғубори рӯзгор дида намешавад. Мисли ҷавони ҳаждаҳсола. Дугонаам аз шавҳараш дида ҷавонтар. Барои қӯша пир шуданашон менӯшем!

Ҳама қадаҳ бардоштанд.

– Канӣ, язнаҷон, ғайрат карда аз рухсораи дугонаам бӯсед.

Зан бо ноз рухсораашро ба сӯи шавҳараш пеш бурд. Мард тарсидаю ларзида ба он лаб расонд.

– Шавҳари ман тиллоӣ, тиллоӣ, – гуфт зан ва сари мардро сила кард. – Аз паси хӯрок шав…

Мард боз ба ошхона даромад. То посе аз шаб гузаштан нишастанд. Хӯрданду хурсандӣ карданд. Дар ҳаққи мард суханони таърифӣ гуфтанд.

Пас аз рафтани меҳмонҳо мард то субҳ дар ошхона табақу коса шӯст. Баъд ҳамом кард. Омада паҳлӯи занаш ғелид.

Аз ин байн ду-се сол гузашт. Мард тоб меовард ба ҳама гуфтору рафтори занаш. «Сардори оила, – агар ба сардори оила итоат накунед, хонахароб мешавед, – аз дил мегузаронд ӯ. – Ман ду кам бисту панҷ сол сардорӣ кардам, бечора ғинге нагуфт. Шабҳо ба хона маст меомадам, тоқат мекард. Ёру ҷӯраҳои даркору нодаркорамро кашола карда меовардам, бо меҳрубонӣ пешвоз мегирифт. Сабр кунам, канӣ корҳо ба куҷо мерасад».

Зан фарбеҳ шуда буд. Акнун дар як кати хоб намеғунҷиданд. Зан пешниҳод кард, ки шавҳараш дар замин, дар назди кат хоб равад.

– Аз ман дур нашав, азизам, аз ҳолам бохабар бош. Шабҳо хобҳои нохӯш мебинам. Агар базӯр-базӯр нафаскашиямро шунидӣ, маро бедор кун. Дар хоб нафаси одам гардад, мурданаш мумкин.

Ин суханҳо дар дили мард ваҳм андохт. Лаҳзае фикр кард, ки занаш дар болои кат мурдааст. Нафас намегирад. Хона ҳам торик. Чароғҳои ҳамсояҳо куштагӣ. Чӣ даҳшате! Занашро мурдашӯйҳо аз рӯи кат кашон-кашон ба ташноб мебаранд. Ӯ дигар ҷамоли зебояшро намебинад. Чӣ рӯзҳои хуше дошт бо ӯ. Алвидоъ! Каломи «Алвидоъ!» аз даҳонаш ба овози баланд баромад.

– Ба мурдаи ман «Алвидоъ» мегӯӣ? – пурсид зан дар рӯи кат ҷунбида.

Аввал надонист, ки чӣ ҷавоб диҳад. Сонӣ роҳи халосиро ёфт. Худ ба худ хурсанд шуд:

– Не, азизам, ба гузаштаҳо алвидоъ гуфтам.

– Боақлаки ман. Болоямро пӯшону дар ҷойгаҳат хоб кун.

Мард оҳиста бистарро ба рӯи зан кашид. Занро зуд хоб бурд. Мард хотирҷамъ шуда ба бистари хоби хеш даромад. Хобаш намебурд, фикраш парешон буд. Гоҳ дар бораи гузашта фикр мекарду гоҳ дар бораи оянда.

Дирӯз рафиқонаш маърака доштанд. Ӯ рафта натавонист. Имрӯз яке аз онҳо сабаб пурсид.

– Корам бисёр буд, – гуфт нимғурма ба ӯ.

– Янга кор фармуданд?

Ӯ ҷавоб надод.

– Ҳушёр шав, боз туқум зада савор нашавад.

Сахт расид ин суханҳо ба ӯ, вале ҷавобе нагардонд. Акнун даруни ҷойгоҳ ғелида, дар торикии шаб меандешид. «Наход ин зан, ки бо ман бисту панҷ сол боз мезияд, аз як дегу аз як табақ ғизо мехӯрем, ба ман туқум зада савор шудааст? Оё ба қадри меҳрубониҳоям намерасад. Ҳеҷ гоҳ суханашро ду намекардам. Ёфтагиам дар дасташ. Вале аз рӯзе сардори оила шуд, корфармоияш сари ман афзуд. Вақте ман сардори оила будам, ҳама корро ба ихтиёраш дода будам. Намепурсидам, ки чӣ кардию чӣ мекунӣ?..»

Хур-хури зан баланд шуд. Мард аз ҷояш хест. Ба нафаскашии занаш гӯш дод. Нафаскашиаш мисли гӯсфанди сарбурида буд. Даст ба рӯи синаҳои зан ниҳод. Ҳамон пистонҳое, ки бисту панҷ сол қабл мисли анор буданд, акнун халтаи чакаро мемонданд. Хир-хири зан гоҳ баланд мешуд, гоҳ паст. Занашро ҷунбонд:

– Азизам, азизам, хоб дидӣ? Бедор шав! Ба ту чӣ шуд? Нафасат баланд-баланд мебарояд?

Зан бедор шуд.

– Ҳа, чӣ гап? Тӯӣ?

– Хоби бад дидӣ?

– Хоби бад нею ғӯле омад…

– Ба куҷо?

– Ба хона, аз болои бистари ту гузашту паҳлуи ман хобид. Тарсидам, ки ту бедор мешавию ғӯл саратро меканад. Ғӯлҳо бадрашк мешаванд.

– Баъд куҷо рафт? – пурсид мард.

– Намедонам. Ана ҳамин ҷо ғелид. – Зан паҳлуи ҷойгоҳи хобашро даст-даст кард. – Ҳоло ҳам ҷои хобаш гарм…

– Наход?

Мард ҳам ҷои дасти занашро санҷид: гарм буд.

– Чароғро гирён кунам?

– Не, ғӯлҳо аз рӯшноӣ метарсанд. Боз зиёнаш ба ту нарасад. Агар мо ӯро натарсонем, баромада меравад.

– Дар қулф, чӣ хел баромада меравад?

– Ғӯлҳо роҳи даромаду баромадашонро меёбанд.

Бӯи нохуше ба димоғи мард зад.

– Ғӯли бӯйгин будааст, – гуфт.

– Гумон кардӣ, ки ғул хушбӯй мешавад?

– Ғӯлро аҳ надидаам.

– Хоб кун, азизам, хоб кун, – гуфт ба шавҳараш.

Мард боз хеле бедор истод. Дар бораи ғӯл фикр кард. Баъд хобаш бурд.

Аз байн замоне чанд гузашт. Зан яке аз рӯзҳо, ки дар хона на об буду на рӯшноӣ, мардро рӯ ба рӯяш шинонду гуфт:

– Маслиҳат ҳамин, азизам, ин хонае, ки на об дораду на алов, ба номи туст. Гапи ман дар ҳеҷ куҷо намегузарад. Хонаро ба идораи нотариалӣ рафта, ба номи ман мегузаронем. Дар он ҷо дугонаҳоям кор мекунанд. Хона, ки ба номи ман шуд, ана мебинӣ, аз гӯши сардори барқу об кашида ба ҳамин ҷо меорам.

Мард ба занаш боварӣ дошт. Зеро ки ҳамсараш ҳар кореро, ки мехост, мекард. Хусусан, вақтҳои охир гапаш на танҳо ба шавҳараш, балки ба идораҳое, ки шавҳараш дар он ҷойҳо кор мекард, мегузашт. Ду-се бор ҳафтадармиён ҳашари шанбегӣ гузаронданд. Аз ин кори идора занаш ба хашм омад:

– Ин чӣ гап? Дар давраи СССР дар як сол як бор ҳашар мегузаронданд, истиқлолияташ ҳар рӯз ҳашар доштааст. Дар ҳашар банд шудӣ ҳама кори хона монд. Маҷбурам, ки ба ҷои ту ман кори хонаро кунам.

Ҳафтаи баъдина, вақте ҳашар эълон карданд, рост ба идора рафта, аз дасти шавҳараш гирифту ӯро ба хона овард. Сардорҳои ҳашар ғинги гуфта натавонистанд…

Хона ба номи зан сабт шуд. Акнун гашту гапзанияш дигар шуда буд. Ҳамсояҳоро писанд намекард. Бо тиҷорзанҳо унс гирифт. Онҳоро ба хона меоварду ба дуконҳояшон мерафт. Шабҳо ба хона дер меомад. «Шикамам сер!» гӯён ба ғизо нигоҳ намекард. Баъзе шабҳо телефон карда, мегуфт, ки ман дар хонаи фалон дугонаам мемонам.

Ана, боз рӯзе, рӯ ба рӯи шавҳараш нишасту масъала монд:

– Шавҳарҷон, ҳеҷ якамон ду нашуд. Бо як маош рӯз намегузарад. Нигоҳ кун, дигарон ба чӣ корҳо машғуланд. Қасрҳо месозанд. Соҳиби ресторан, корхонаҳои калон. Мо ҳамин сеҳуҷрачаро нигоҳ карда шиштем.

– Шукр кун занак, шукр. Дигарон ба ҳамин ҳам мӯҳтоҷ.

– Шукру лекин содагӣ ҳам бояд накунем.

– Хайр, чӣ бояд кунем?

– Ҷунбем.

– Ҷунб.

– Дугонаҳоям ҳар моҳ ба Хитой мерванду моли арзон оварда дар Душанбе қимат мефурӯшанд. Ман ҳам ҳамроҳашон меравам.

– Барои ин маблағи калон лозим.

– Хонаро ба гарав мемонем.

– Дигар тарафи ин корро ҳам фикр кардӣ?

– Боз кадом тарафаша?

– Агар муфлис шавем, хона аз даст меравад.

– Чаро муфлис мешудаем. Дугонаҳоям муфлис нашудаанд-ку?

– Ба ман ҳамин корҳои савдогарӣ маъқул не.

– Мисли кӯҳнапарастон, ҳамин ки одам як фикри тоза пешниҳод кард, муқобил мебарой. Барои ҳамин якамон ду намешавад.

Зан норизо рӯ турӯш кард, мард гуфт:

– Хайр, ман ризо, рав хонаро ба гарав мон.

Зан даводав карда, дар байни як ҳафта хонаро ба гарав гузошта, аз бонк панҷоҳ ҳазор доллари амрикоӣ маблағ гирифт.

Ҳамроҳи дугонаҳояш ба Хитой рафт. Моли бисёре овард, ки дар хона намеғунҷид.

– Ана, мардакҷон, шодӣ кун. Ҳамааш ба фурӯш равад, шаст ҳазор доллар мешавад. Даҳ ҳазор фоида. Боз равам қарзи бонк мебароям.

Онҳо хурсандӣ карданд. Ҳамсояҳо хабаргирияшон омаданд. Хешу табор ҳам аз дарашон даромаданд. Корҳо хеле ҳам пеш рафт. Зан дигар ғами маоши мард надошт. Ҳатто намепурсид, ки онро чӣ мекунаду чӣ не. Мард ҳам парвои тиҷорати зан намекард, дилаш пур буд, ки завҷааш оқилаю кордон аст. Борҳо медаромаданду мебаромаданд.

Зан ба ҷои он ки фарбеҳ шавад, рӯз то рӯз лоғар мешуд. Мард чанд бор ба ӯ гуфт:

– Азизам, бас кун кори тиҷоратро, аз давидан дар танат гӯшт намондаасту дар устухонат равған.

– Парво накун, мардакҷон, раққоса мешавам. Фарбеҳӣ ба кӣ даркор?

– Гапат дурусту метарсам, ки ба бемориe гирифтор набошӣ. Биё, ба духтур равем, худатро нишон деҳ.

– Дугонаам духтур. Гуфт, ки ҳеҷ беморӣ надорӣ. Ба ту ғӯл ошиқ шудаасту зиёнашро расондааст.

– Кадом ғӯл?

– О, фаромӯш кардӣ? Ҳамон ғӯле, ки дар хобам ба хона омада буд.

– Хайр, илоҷи аз ғӯл халос шудан нест?

– Ҳаст, вале охир чӣ гӯям? Дилам ба ту месӯзад?

– Нафаҳмидам, ман чӣ дахл дорам?

– Ту шавҳарам. Ғӯл, агар ба зани шавҳардор ошиқ шавад, бояд ки шавҳарашро бӯғӣ карда кушад.

– Ин гапро ба ту кӣ гуфт?

– Худи ғӯл.

Мард фикр кард, ки зан ақлашро гум кардааст. Дилаш ба ҳоли зори завҷааш сӯхт.

– Ман ба ғӯл гуфтам: агар ба шавҳарам даст расонӣ, ба сӯят нигоҳ ҳам намекунам.

– Ором бош, азизам, хаста шудаӣ, истироҳат кун, ғизоҳои дилкашатро хӯр. Дар ҳавои тоза бештар гард…

Рӯзе шавҳар аз кор ба хона омад. Зан магнитафонро баланд монда, гирди миз мерақсид. Ӯ шавҳарашро дида ишора кард, ки наздик наояд. Рақси зан аҷиб буд: мекалавид, мӯи сараш парешон, гоҳ меҷаҳид, гоҳ ба замин менишаст. Ду даст боло мекард, механдид…

Мард оҳиста ақиб гашт. Ба шифохона телефон кард, ки занаш девона шудааст, зуд биоянд. Пас аз як соат мошини ёрии таъҷилӣ омад. Зан аллакай рӯи диван хоб буд. Ӯро бедор карда, ба шифохона бурданд.

Мард то субҳ дар даҳлези шифохона бедор нишаст, ки духтурҳо чӣ ҷавоб мегӯянд. Соати ҳашти саҳар духтуре мардро ҳам ба дарун хонд. Ӯро ба қабулгоҳи профессор бурданд.

– Шавҳараш, – гуфтанд.

Профессор фармуд, ки либосҳояшро кашад. Ҳарфе назада кашид.

– Аҳволи занам чӣ хел?

– Табобат мекунем.

Профессор ба буҷуллакҳои пои мард бо болғачаи чӯбӣ зад. Пояш ҷунбид. Баъд сақои сурхеро пеши чашмонаш овард. Ба чапу рост бурд. Мардро аз курсӣ хезонд, гуфт, ки дастҳояшро ба пеш дароз карда, хаму рост шавад. Мард ҳамаи гуфтаҳои профессорро ба ҷо овард.

– Аз дасташ хун гирифта, таҷзия кунед, – гуфт профессор ба зане, ки дар паҳлӯяш менишаст.

– Ман касал не, занам касал. Аҳволаш чӣ тавр аст?

– Табобат мекунем.

Мардро ҷавоб доданд. Ба хона омад. Фикру хаёлаш ба занаш банд буд. Телефон занг зад:

– Кӣ? Аз куҷо?

– Аз бонк?

– Чӣ лозим? Ҳа, занам қарз гирифта буд. Барнагардондааст? Чӣ хел? Занам дар духтурхона, касал хоб аст. Мӯҳлати қарз буд шуд? Хонаро ба фурӯш мемонед? О, мо куҷо меравем? Ба ин кор надоред?...

Мард ба ҷояш нишаст. Сарашро қапид.

Бегоҳӣ, пас аз кор ба шифохона рафт. Занашро дид, авзояш беҷо, бо сари хам менишаст.

– Мемурам, – гуфт оҳиста ба шавҳараш. – Сарам ҳозир мекафад. Маро аз ин ҷо барор.

Ба ҳузури профессор даромад. Профессор ба ӯ гуфт?

– Занат нашъаманд шудааст, оё хабар надоштӣ. Бемориаш аз ҳад гузаштагӣ. Табобати дуру дароз лозим.

– Ӯ нашъа намекашид. Ҳеҷ вақт надидаам нашъакашиашро.

– Ба мо ҳамаашро гуфт. Бо дугонаҳояш мекашидааст. Ту шавҳар шуда аз ин ҳолаш хабар надошта бошӣ, пас кӣ огоҳ аст? Мо дугонаҳояшро ҳам меорем, табобат мекунем.

Мард аз ҳузури профессор баромад. Духтури табобаткунанда ӯро хонд:

– Ана, ин доруҳоро зуд аз дорухонаҳо ёфта биёр. Аҳволаш вазнин.

Мард ба рӯйхати доруҳо чашм давонд. Дукам бистипанҷ номгӯй буд.

– Бесардори оила мондам, – гуфт.

– Чӣ гуфтед? – пурсид духтур.

– Бе оила мондам, гуфтам.

– Мегузарад.

Мард дар куча қадам мезад, намедонист, ки ба сӯи манзилаш равад ё ҷои кораш ё дорухона…

*09. 11.2008*

## ЧОРМАҒЗ

Бародарон аз паси девор, дар зери чормағзи азиме, ки шохаҳояш ба чор тараф паҳн шуда буд, сурху сафед шуда, ба сари якдигар сиёсат мекарданд.

– Ду чормағз гирифта буд, дута. Ҷонаш баромаде, қиёмат шуд? – тарафи шавҳарашро гирифта, ба таги чормағз омад зани бародари калонӣ.

– Биё бин, рӯи ҳавлӣ пур аз сангу кулӯх, – ба сари ӯ қаҳру ғазаб мерехт зани бародари хурдӣ, ки дар паҳлӯи шавҳараш истода буд.

– Хайр чӣ, ними ҳавлии моро соя кунаду бачаҳо як дона чормағз нагиранд?

– О, аз дасти онҳо дар шохи дарахт барг ҳам намонд!

– Иллоҳо ҳамин чормағз хушк шавад!
– Иллоҳо ту намонӣ, бачаҳоят намонад…
– Бас кунед! – хитоб кард бародари калонӣ.
– Мебурам, – гуфт бародари хурдӣ ба ҳамсараш, – аз бехаш мебурам. Як шохашро ҳам намемонам.
– Бибур, як шохаш ҳам намонад, – ба сари бародари хурдӣ хест зани бародари калонӣ.
– Ҳей, ту ба сари шавҳари худат зӯрӣ кун, ҳозир мегузараму даҳонта мебандам.
– Канӣ, пота аз девор ин сӯ мон, мешиканам. Пои бехосиятут ҳавлима набина…
Аз чормағз ба сари онҳо барг мерехт. Шохҳои нозукашро шамол меҷунбонд. Дарахт хабар надошт, ки ин ҳама хархаша аз паси ӯст.
– Бур! – мегуфт бародари калонӣ, – ҳамаашро бур!
– Мебурам! – аз болои дарахт ба мисли хирс ғуррос мезад бародари хурдӣ. Шохаҳои чормағз ба замин меафтиданд.
– Ту ҳам ба ҷонам задию ҳамин чормағз ҳам.
– Ана, акнун ба ҷонат мезанам. Чормағз бароят баҳона буд, баҳона. Канӣ бинам, боз чӣ баҳона меёбӣ!
– О, мардум, о ҳамсояҳо, бинед ин беинсоф чӣ мегӯяд! – сарашро дошта фарёд мезад зани бародари калонӣ, – шарм намедорад аз ҳамин гапҳо. Шохи дарахтат дар ҳавлии ман, пои мурғат дар ҳамин ҷо, бачаю качаат аз рӯи суфа дур намераванд. Боз…
– Дудамро ҳам намемонам ба хонаат гузарад, дудамро.., – мегуфт зани бародари хурдӣ. – Бас, бо ман хархаша накун!
– Ҳей, ту чӣ даҳонкалонӣ мекунӣ! Мебурӣ бур, аз бехаш бур. Аз сарат монад ҳамин чормағз…
– Рав, мегӯям, янга, рав аз ин ҷо, рав! – аз болои чормағз меғӯррид бародари хурдӣ.
– Ҳей, гапта дониста зан, ман ба хонаат нонталбӣ нарафтаам. Пои ман дар ҳавлии худам…
– Дидӣ мардак, – гуфт зани бародари калонӣ, дар хонаи худам гашта наметавонам. Ин чӣ рӯзи сиёҳ!
– Рав мегӯям аз ин ҷо, қаҳрамро набиёр!
– Намеравам, то мурдаи туро набарам, намеравам.

– Чӣ гуфтӣ, ҳой қанчиқ! – аз ин тарафи девор овоз баровард зани бародари хурдӣ. – Мурдаи туро мебарам. Бекафану бетобут мебарам. Ёфтӣ одамта…

– Бас кун, келин! Бас кун!..

– Бас намекунам. Аз дасти шумо рӯз нест. Дар ин ҳавлӣ на дарахт монд, на молу ҳол.

– Иллоҳо худат ҳам намонӣ! – дод зад зани бародари калонӣ.

– Иллоҳо хонаат сӯзад!

– Хонаи худат сӯзад.

Ҳамсояҳо ҷамъ шуданд. Онҳо мехостанд, ки бародарону занҳои онҳоро ором созанд, вале ором кардани онҳо мушкил буд.

Шохаҳои чормағз ҳавлии бародари калониро дигар соя намекард.

Аммо ин ҳам занҳоро ором намегузошт.

– Эй, чормағз нахӯрда заҳри баданата хӯр, – гуфт рӯзе зани бародари калонӣ ба хурдӣ. – Бахил, мумсик…

– Ҳа, аз сояаш тарсидӣ? Акнун ба лабат кулӯх мол.

– Чунон ба шаст гап мезанӣ, ки гӯё чормағзи падарат бошад.

– Ҳа, алам кард? Ҳоло тезияш дар пеш.

– Эй, қанчиқ, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан. Мегузараму даҳонта калӯш мегардонам.

– Калӯш мегардондагӣ ҳоло аз модараш таваллуд нашудааст. Гузару бин, пота мешиканам.

– Худаш чӣ гап? – садо баровард бародари хурдӣ.

– Акнун алам мекунад.

– Безор ман аз ҳафт пушти чормағзат. Чормағз дар бозор.

– Дар бозор бошад, чӣ ба мисли саг уллос мекашӣ? Даро дар хонаат шин! – гуфт зани бародари хурдӣ.

– Ҳей, чӣ хархаша доред? – пурсид бародари калонӣ.

– Рӯз нест аз дасти инҳо, – гуфт занаш ба ӯ. – Бахил, мумсик. Шохаҳои чормағзи тарафи хонаи моро буриданд. Акнун бачаҳои онҳо чормағз мехӯранду чашми кӯдакони мо чор. Заҳр шавад.

– Ҳей, ин қадар «заҳр-заҳр» накун! – Ана, мардак, дидед, дӯғу пӯписаро. Ҳазор бор гуфтам-ку, аз дасти инҳо рӯз нест.

– Ана, забонаша бинед, як газ. О, аз дасти ту як деҳа ба дод омадааст. Боз гап мезанӣ?

– Ҳей, мардак, – аз гиребони бародари калонӣ гирифт занаш. – Мекучӣ аз ин ҷо, пагоҳ мекучӣ! Дигар тоқатам намонд. – Бародари калонӣ хомӯш буд, зан гиребонашро сар намедод. – А, чаро ба мисли хӯса шах шудӣ? Гап зан! Метарсӣ аз додарат!

– Ҳей, ту гап зан! – зӯрӣ мекард зани бародари хурдӣ ба шавҳараш. – Ё даҳонатро бастаанд! Бин, чӣ мегӯянд онҳо. О, ман зани ту ё зани бегона? Занатро таҳқир мекунанд, мефаҳмӣ, таҳқире. Номус дорӣ ё не?

Бародари хурдӣ ҳам хомӯш буд.

О, Худоё, ин шавҳар аст ё кулӯх? Бинеде, намеҷунбад. Бас, бас, гузаштам аз баҳри ҳамин хел шавҳар. Меравам, дигар дар ин хона зиндагӣ намекунам. Ана, бачу каҷта соҳибӣ кун!...

Хомӯш буданд бародарон.

… Чормағз дар байн набуд. Ба рӯи ду ҳавлӣ соя намекард. Меваю баргаш ба сари бародарон намеборид. Вале оташи занҳо хомӯш намегашт. Аз паси девор ба сари якдигар ҷаҳлу ғазаб мерехтанд.

## **АҶОИБОТ**

Тасодуфан чашмам ба эълон афтид: «Ба тамошои театри иҷора марҳамат намоед! Барои истироҳату фароғат ҳамаи шароитҳо муҳайёст. Дар театр ба шумо хайётону машшотаҳо, аксбардорҳо, санъаткорони мумтоз хизмат мерасонанд. Театри мо «Бар»-и ҳозиразамон дорад, ки видеофилмҳо нишон медиҳад. Илова бар ин дастаи рассомони ҷавон, ки «Ҷустуҷӯ ва бозёфт» ном дорад, меҳмони мост. Ба намунаи асарҳои онҳо шинос мешавед.

Ба театри мо шитобед, аз зебоиҳои ҳаёт ва неъматҳои маънавии он баҳра баред».

Рости гап, худам ҳам чанд вақт боз ба театр нарафта будам, ин эълонро дида хурсанд шудам. Нархи даромадаш ҳам қимат набудааст: ду сӯму панҷоҳ тин. Ба ман бо табассуми

хуш, бо ду дасти адаб чипта доданд. Ҳатто дари театрро ба рӯям боз карда, то долони он раҳнамоӣ карданд. Аз ин муомила хурсанд шудам.

«Садқаи бозсозӣ шавам, – ба дилам гуфтам, – одамонро чи гуна нарм ва хушмуомила кардааст. Аввалҳо ин гуна муомиларо дар хобат намедидӣ».

Дар дастам ҷомадонча ва дар сарам кулоҳ доштам. Ҷавоне чобук ба наздам омад:

– Муаллим, дар ин ҷо бо ҷомадону кулоҳ гаштан манъ аст, – ӯ зуд ҷомадон ва кулоҳамро гирифта, ба сӯи анҷомхона раҳсипор шуд. Ман аз пасаш қадам мемондам. Кулоҳу ҷомадонро ба дасти зани ҷавоне дод. Зан онҳоро ҷо ба ҷо карда, нишони оҳаниеро ба дастам дода гуфт:

– Аз шумо ду сӯм…

Аввал мақсадашро нафаҳмидам: «Ҳа, ман чипта дорам, ду сӯму панҷоҳ тин» гуфтам. Зан хандид. Ҷавон ба ман гуфт:

– Муаллим, мо аз театр ин ҷоро иҷора гирифтаем. Билети даромад ба мо дахл надорад. Хизматрасонии мо дигар аст. Агар кулоҳатон чанг гирифта бошад, тоза мекунем. Ҷомадонатонро хоҳед мешӯем. Либосатонро дарзмол мекунем, тугмаатон канда шавад, медӯзем ва ҳоказо. Ду, сӯм чӣ қурб дорад? Ҳеҷ чиз!...

Дигар баҳс накардаму ду сӯм баровarda додам. Дар ҳамин вақт аз тарафи чапи долон садои марде баромад.

– Бифармоед, намоиши асарҳои нодири рассомони имрӯза. Ҳар каси надида пушаймон мешавад. Зуд бошед!...

Ба он ҷо рафтам. Хайрият, вақти даромад касе чипта ё пул напурсид. Толори хурдакаке ва дар деворҳои он чанд расм овезон буд. Зане ба тамошобинон мефаҳмонд: «Ана, бингаред: айнак, аз пасаш мили силоҳ, поёнтар мӯзаи сиёҳ, қатраи хун – ҳамаи ин рамз аст, рамзи замони сталинӣ. Касе надидааст, иллоҳо набинад, касе нашунидааст, бишнавад, азоб буд, зулм буд, ҷаҳолат буд. На ҳар санъаткор қудрати тасвири рӯҳи он давраро дорад. Бубинед, як олам маъниро ба воситаи тасвири се-чор ҷисму ранг додааст…

Мо боз ба назди расми дигар рафтем. Дар он расм як

камзӯли низомӣ буд. Ду бари пешаш пур аз ордену медалҳо. Аз паси камзӯл хира-хира чанд сар метофт.

– Дар ин расм, – гуфт роҳбаладамон, – замони рукуд тасвир ёфтааст. Бинед, ҳама чиз хира аст, пешравие нест, танҳо ордену медалҳо ҷилло медиҳанд. Ба поёни камзӯл диққат кунед: пойҳо дар як ҷо истодаанд. Яъне, мо пеш нарафтаем, шах шудем…

Роҳбалад моро ба назди расми дигаре бурд. Дар он гурӯҳи одамон тасвир ёфта буданд: яке ба дӯш минбар дошт, дигаре ба болои он баромада ҳарф мезад. Чанд тан дар даст микрофон сухан мегуфтанд, дигарон даст меафшонданд. Хуллас, як манзарае буд серғавғо, ба рӯзи маҳшар монанд.

– Ҳоҷати шарҳи ин расм нест, – гуфт роҳбалад ба мо, – замони бозсозӣ ба ҳама озодии сухан, мустақилият ва ҳуқуқ дод. Инҳо хеле ҳам нодиранд, ки шумо дар ҳеҷ куҷо надидаед ва нахоҳед дид. Танҳо ду бор дар Маскав ва як бор дар Ленинград намоиш дода шудаанд. Ин асарҳоро рассомон бо супориши ширкати мо кашидаанд…

Роҳбалад шарҳ медоду мо ба моҳияти расмҳо сарфаҳм мерафтем, агар намегуфт, онҳо дар назари мо ранге буданд дар девор.

Вақте аз толор мебаромадем, мисли метро оҳанчае пеши роҳи моро баст. Ман ҳайрон шуда, ба шахсони дар паҳлӯям буда нигаристам. Онҳо аз кисаҳояшон се сӯм бароварда, ба қуттие партофтанд. Оҳанча боз шуду гузаштанд. Ман ҳам ноилоҷ ба қуттӣ се сӯм партофтам.

Аз намоишгоҳи театр ба долон баромадаму худ ба худ гуфтам: «Дигар ба ҳеҷ куҷо намедароям, рост ба толори тамошо мераваму дар ҷоям хапакак мешинам». Аммо дарҳои калоне, ки тамошобинонро ба толор мебурданд, баста буданд. Касе аз кунҷи дигаре моро садо кард:

– Ба ин тараф биёед, роҳ аз ин ҷост.

Ба он сӯ давидам.

Моро ба хонаи нимторике даровrouteанд, ки курсиҳои махмалпӯш дошт.

– Бишинед, – гуфт овозе, – ҳозир ба беҳтарин артистони театри мо шинос мешавед. Огоҳ мекунам, ханда дар театри

мо манъ аст. Ашк ҳам нарезед, ки артистон хашмгин мешаванд.

Мо нишастем. Пардае аз пешгоҳи хона боз шуд. Зану марде ба саҳна баромаданд. Чароғҳо хира-хира ба рӯи онҳо нур мепошиданд. Зану мард давр заданд. Аз ким-куҷо садои пасти мусиқӣ ба гӯш мерасид. Онҳо ба пеши саҳна омаданд. Сонӣ пироҳани қабати болояшонро оҳиста бадар карданд. Мусиқӣ мутобиқи ҳаракатҳои онҳо садо медод. Ҳамон овоз боз баланд шуд:

– Тамошобинони мӯҳтарам, шумо дар «Видеостудияи театр» ҳузур доред. Мо хостем, воқиаҳоро дар асл нишон диҳем, то ин ки ҳақиқат ва табиӣ будани онҳо равшан шавад. Бетоқатӣ накунед, ботамкин то охир намоишҳои моро тамошо кунед. Аз зебоиҳои олами инсонӣ баҳра баред.

Ба саҳна боз як ҷуфти нимбараҳна баромад. Онҳо то оринҷ дастаки сиёҳ ва то зону ҷуроби сурх доштанд. Дар зери нури сафеди чароғҳо маълум намешуд, ки дигар ҷои баданашон лублуч аст ё пироҳане шабеҳи пӯсти инсон доранд. Онҳо ҳам ба ҳавои мусиқӣ ба рақс даромаданд. Оҳанг авҷ гирифт. Ба саҳна боз зану мард баромад. Ҳар кас ба хоҳиши худ рақс мекард ва гӯё маст буд дар олами ишқу муҳаббат. Сонӣ якбора оҳанги мусиқӣ тағйир ёфт. Дар саҳна девонагие сар шуд. Ҳар кас дар ҳар ҳолат якдигарро мебӯсид, ба бағал мекашид…

– Шумо дар ин саҳна зебоӣ ва нозукиҳои муҳаббати инсониро мебинед, ки то имрӯз барои мо пинҳон буданд, – гуфт ҳамон овоз.

Ба саҳна боз ҷуфтҳои нав баромаданд. Саҳнаҳои фаҳштаре оғоз ёфт. Ман чашм пӯшидам, то ин ки аз дидани онҳо дар назди рӯҳи хеш хиҷолат накашам. Ҳамон овоз маро ба худ овард.

– Акнун, тамошобинони азиз, шумо каме хаста шудед, барои он ки бо тани солим ва рӯҳи шод ба хона равед, чанд дақиқае бо услуби навтарин тамрин мекунем. Хезед, дар ҷои худ роҳ равед. Шуд. Аз кисаҳоятон шона баноред, агар мӯи сари шахси дар пешатон буда бетартиб бошад, шона занед. Шуд. Чашми якдигарро молед, то ин ки он чӣ дида будед,

тасаввур кунед, ки хоб асту хаёл. Даст ба даст гирифта аз байни курсиҳо ба роҳравҳо бароед.

Мо ба роҳравҳо баромадем.

– Акнун ҳафт бор дастҳоятонро пасту боло кунед. Ана, ҳамин тавр. Дар ҳамин ҳолат истед. Артистони мо бо шумо хайру хуш мекунанд.

Мо ду даст боло истодем. Артистони бараҳнаю нимбараҳна аз саҳна фаромада ба назди мо омаданд. Зане, ки тамоман бараҳна буд, ба ман гуфт.

– Натарс, дастатро поён накун, ба саломатиат зарар дорад.

Ӯ бо ду дасташ дастони маро болотар бардошт, нафасаш ба рӯям мезад, баданаш ба баданам мерасид.

– Оҳ, – гуфт, – ту чӣ чизҳоро дар кисаҳоят мегардонӣ? Ҳамаи ин бори гарон аст. Инсон бояд озод бошад, баданаш роҳат кунад. Ӯ даст ба кисаҳои ман бурд.

– Калиди хона, бигир, бо дандонҳоят нигаҳ дор, ки нааф-тад.

– Оҳ, инаш пул. Пулпараст нашав.

Пулҳоро аз кисаам бароварда дур партофт.

– Боз чӣ дорӣ дар кисаҳоят?

Даҳонам маҳкам буд, ҳарфе зада натавонистам.

– Ҳеҷ чиз надорӣ. Вале ту озодӣ, роҳат озод аст, беғам бош. Дастатро ба ман деҳ.

Ман ҳарчанд кушиш мекардам, дастонамро фарорам, на-мешуд.

– Биё, аз паси ман биё. Роҳи баромадро ба ту нишон медиҳам.

Ӯ дареро боз кард ва ман аз он хонаи даҳшат ба толори калони камодаме гузоштам, зане чиптаи дастамро дид ва гуфт:

– Марҳамат, дар ҳар куҷое мехоҳед, бишинед.

Нишастам. Акнун нафас рост карда ба худ меомадам, ки овозе баланд шуд:

– Намоиши мо ба поён расид. Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳоятонро дар хусуси театри мо, ки аз ҳама гуна таъқибот озод аст, бинависед.

Ва ман ҳам ин сатрҳоро навиштам.

## ШАБИ ИД

Онҳо баробар ба хона даромаданд.

– Уф-ф..., – гуфт зан турхалтаи пур аз пиёзу сабзӣ, картошкаю карамро ба замин гузошта.

– Сабил монад, вазнин будааст, китфамро қариб шал кард, – гӯён мард ҳам кифу коғазпечҳоро ба рӯи миз гузоштан гирифт.

Зан хост ба ошхона дарояд.

– Ба он ҷо надароед.

– Чаро?

– Оё фаромӯш кардед, фардо иди шумо аст.

– Хайр, агар ид бошад хӯрок намехӯранд? – хандида аз шавҳараш пурсид зан.

– Мехӯранд, лекин имшаб ман хӯрок мепазам, ман чой дам мекунам, ман ба шумо хизмат мерасонам.

Мард ҳамаи чизу чораро ба ошхона даровард.

– Рост наистед, – гуфт вай ба занаш, – ба хонаи калон гузашта телевизор монда тамошо кунед. Қарта монда рақс кунед. Иди шумо аст, азизам, иди шумо. Тамоми ғаму ғуссаро аз дил бароред. Занон дар ҳамаи идҳо ба мардон хизмат мерасонанд, агар мардҳо дар иди 8-уми март ба занон хизмат расонанд ҳеҷ воқеа намешудагист.

Зан ба хонаи калон даромада телевизор монд. Мард дар ошхона ба коре хеле овора шуда, сонӣ ба назди занаш омад.

– Ана, дидед, телевизор ҳам бахшида ба занон консерт дода истодааст. – Канӣ, гӯед азизакам, чӣ пазам?

Зан ба сӯи шавҳараш табассуми ширине кард:

– Оши палав, меҳмонҳо меоянд.

– Бо ҷону дил. Дар ним соат тайёр мешавад.

Мард костюмашро кашида, дасту остин барзада ба ошхона рафт. Пас аз чанд дақиқае аз он ҷо овоз баровард.

– Азизакам, гӯгирд дар куҷост?

– Дар қуттии миз.

– Ҳеҷ намеёбам.

– Дурусттар бинед.

– Нест.

– Сабр кунед, ҳозир худам ёфта медиҳам.

Зан гӯгирдро ёфта ба шавҳараш доду худаш омада дар назди телевизор нишаст.

– Азизам!

– Лаббай!

– Кадом хонаи газ барои ошпазӣ буд?

– Дуюмаш.

– Кадом дуюмаш?

– Аз тарафи дасти рост, дуюмаш.

– Ҳа, ёфтам.

Мард газро даргиронда ба рӯи он дегро монд.

– Азизакам!

– Чӣ шуд?

– Равғанро намеёбам.

– Ҳозир…

Зан рафта хурмаи равғанро ба шавҳараш нишон дод.

Пас аз чанд дақиқае боз овози мард аз ошхона баланд шуд:

– Меҳрубонам!

– Лаббай.

– Реза кардани сабзию пиёз аз ёдам баромадааст.

– Биёр, худам реза мекунам. Аз равған эҳтиёт шав.

Зан ба реза кардани сабзию пиёз машғул шуд. Аз ошхона ногоҳ тараққосе баромад.

– Ҳа, чӣ шуд? – саросема пурсид зан аз шавҳараш.

– Табақчаро мегирам гӯям, косаю пиёла афтода шикаст. Овози маъюсонаи мард шунида шуд.

– Садқаи сар. Омада сабзию пиёзро баред.

Мард сабзию пиёзи занаш резакардагиро ба лагане андохта ба ошхона бурд. Зан ба руфтучини рӯи миз машғул шуд. Дар ҳамин вақт овози шавҳараш баромад.

– Ҷонакам.

– Боз чӣ шуд?

– Як ин ҷо биёед. Аввал сабзию пиёзро андозам ё ин ки гӯштро?

Зан давида ба ошхона рафт. Вай тайёр кардани зирбакро ба шавҳараш фаҳмонд.

– Равед, азизам, истироҳат кунед. Ин тарафашро худам дуруст мекунам.

Зан акнун омада ба ҷояш нишаста буд, ки шавҳараш аз ошхона пурсид:
– Кафгир дар куҷост?
– Дар болои саратон.
– Ҳеҷ чиз нест.
– Дурусттар нигоҳ кунед.
– Шифти хона ҳасту халос.
– Эҳ, – зан норозиёна аз ҷояш хеста ба ошхона рафт.
– Ана, дидед, – вай кафгири дар девори хона овезонро ба шавҳараш нишон дод.
– Эҳ, ҳеҷ зеҳнам нагирифтааст. Бекор туро ташвиш додам.
Зан акнун аз ошхона баромаданӣ буд, ки шавҳараш ӯро боздошт.
– Як дақиқа сабр кунед, чӣ қадар биринҷ меандозем?
– Якуним кило бас будагист.
– Биринҷи тоза кардагӣ дорем?
– Не. Ҳоло ҳам биринҷро тоза накардаед?
– Канӣ вақт.
Зан аз халтае биринҷ гирифта онро тоза карда, шуста ба назди шавҳараш гузошт.
– Зирбак тайёр шуд, биринҷро андоз.
– Хуб шудааст, ҳамаашро худам тахт мекунам.
Зирбак тайёр шуд. Мард онро чашида дид. Тамоман намак надошт.
– Ҳой занак, намак наандохтем-ку?
– Ана халос, – давида ба ошхона омад зан.
– Хайрият, ба хотирам расид, – гуфт мард, – Набошад кор расво мешуд.
Зан намаки ошро дуруст карда, биринҷро андохт.
Пас аз муддате мард боз давида ба назди занаш омад.
– Азизам, сарпӯши дег дар куҷост? Ошро дам партофтан лозим.
– Ҳозир…
Онҳо дукаса ошро дам партофтанд.
– Уфф-ф, – гуфт зан ба курсӣ нишаста.
– Сабил монад, душвор будааст, кори хона, – гуфт мард.

# МИЁНАРАВ

Зард, Сиёҳ, Кабуд – ҳарсе дӯстони ҷонӣ буданд. Ҳамеша бо ҳам мегаштанд. Нони субҳро дар чойхонаи «Фароғат», нони чоштро дар чойхонаи «Роҳат» ва шомро дар чойхонаи «Малоҳат» мехӯрданд. Зард қоматбаланд, Сиёҳ миёна ва Кабуд қадпаст буд. Вақте ба ягон ҷой дохил мешуданд, аввал Зард, сонӣ Сиёҳ, баъд Кабуд медаромад. Ҳангоми хориҷ шудан, баракс, аввал Кабуд, сонӣ Сиёҳ, баъд Зард мебаромад. Дар гулгаштҳои шаҳр ҳарсе баробар ё ин ки пасу пеш қадам мезаданд. Ҳеҷ гоҳ касе онҳоро ба тартибе надида буд, ки дар байн Зард ё ин ки Кабуд бошад. Дар ҳар сурат дар байн ҳамеша Сиёҳ меистод.

Иттифоқан рӯзе дар миёни Зард ва Кабуд нохушӣ афтод. Дӯстон чанд рӯзе аз ҳам ҷудо шуданд. Касе дигар онҳоро дар гулгаштҳои шаҳр намедид. Шахсоне, ки ба гашти онҳо одат карда буданд, дар назарашон шаҳр холӣ менамуд.

Сиёҳ як рӯз, ду рӯз дар хона нишаст, сонӣ танҳоӣ ба дилаш зад: «Гапи Зарду Кабуд гурехт, ба ман чӣ?» – гӯён аз хона баромад. Ҳамон рӯз Зардро дар боғи марказии шаҳр вохӯрд. Зард танҳо, хотираш парешон ва табъаш хира дар курсие менишаст. Дар дасташ рӯзномае буд. Ӯ Сиёҳро дида, худро чунон вонамуд кард, ки гӯё саргарми мутолиаи рӯзнома аст. Сиёҳ ба ӯ баробар шуда, салом дод ва дар паҳлуяш нишаст. Зард бо ишораи сар ба саломи ӯ аллейки сарде гирифт, фикр мекардед, ки гапаш бо Сиёҳ гурехтааст. Онҳо чанд лаҳзае хомӯш нишастанд, сонӣ Зард рӯзномаро чаҳорқат карда ба Сиёҳ гуфт:

– Канӣ ошнот?

– Намедонам.

– Ошнот одами паст будааст.

Сиёҳ бо оҳанги каме нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт:

– Чаро ошнои ман? Ошнои ҳардуямон.

– Не, ман аз рӯзи аввал бо ӯ ошно набудам. Ба хотири ту дар сари дастархонам Кабудро роҳ медодам. Дидӣ, аз худ рафт. Мақоми худашро фаромӯш кард. Як бор не, ду бор не, чандин бор гапи маро бурид. Агар дар давраамон одамони

бегона бошанд, аввал худаш гапро сар мекунад. Худашро аз ҳама баланд мегирад. Хайр, ман мӯҳтоҷи шиносоии ӯ нестам. Тамоми шаҳр маро мешиносад. Худат медонӣ…

– Ҳа, медонам. Ҳама ману Кабудро аз паси ту ҳурмат мекунад. Дар ин шаҳр моро кӣ мешинохт. Ҳеҷ кас. Худоро шукр, ҳоло ба куҷое равем, ёру ошно дорем.

– Ана, гап ҳам дар сари ҳамин. Одам набояд кӯрнамак бошад. Ту Сиёҳ мефаҳмӣ, гап аз худат намемонад, одами пухта ҳастӣ. Аммо Кабуд хом, пук аст. Ман дигар қатии ӯ ошноӣ намекунам. Камтар хасис ҳам…

– Камтар не, – гуфт Сиёҳ, – тамоман хасис. Се бор агар аз кисаатон пул баоред, як бор намебарорад. Ман худам мушоҳида кардам. Ба хотирам ҳаст, вақте дар ресторани «Душанбе» нишаста будем, худашро ба мастӣ андохт, ҳамроҳаш боз се каси дигарро оварда буд. Ту кисаи чапатро кофта, аз байни шиносномаат як панҷоҳсӯмаи напа-навро бароварда ба пешхизмат додӣ. Ҳоло ҳам дилам ба ҳамон панҷоҳсӯма месӯзад.

– Гап дар сари панҷоҳсӯма не. Ман ин гуна пулҳоро бисёр дидагӣ.

– Ман медонам, вале гап дар дигар чиз. Ягон бор ҳам миннатдорӣ накард.

– Ту Сияҳ, агар хоҳӣ дӯсти ман бошӣ, дигар қатии ӯ дӯстӣ накун. Туро ҳам ягон рӯз шарманда мекунад.

– Ман аввал ҳам намехостам қатии ӯ бошам. Аммо фикр кардам, ки аз ду кас дида, се кас беҳтар. Ман қатияш дигар гап ҳам намезанам. Ҳамон гапҳое, ки ба ту гуфт, ҳоло ҳам дар гӯшам садо медиҳанд.

– Биё, гапи ҳамон Кабудро монем. Худаш чию гапаш чӣ? Рафтем, ягон пиёла чой менӯшем.

– Ман сад фоиз тарафдор, – гуфт Сиёҳ.

Онҳо баробар аз ҷой хестанд. Зард пешопеш, Сиёҳ аз дунбол ба чойхонаи «Фароғат» даромаданд. Зард дар пеши дукони чойфурӯшӣ рост истода, аз Сиёҳ пурсид:

– Чӣ мехӯрем?

– Камтар калбаса, маска, нон, чой. Бас.

Зард чою нонро гирифта, ба дасти Сиёҳ дод. Сиёҳ бурда

ба рӯи кат гузошт. Сонӣ ҳардуи онҳо гарму ҷӯшон сӯҳбат карда, чой нӯшиданд. Вале дар ҷараёни сӯҳбат аз лавҳи хотирашон ягон лаҳза ҳам Кабуд дур намешуд. Хусусан, Сиёҳ, фурсат ёфта, дар ҳузури Зард Кабудро маломат мекард, аз осмон гирифта, ба замин мезад, аз об кашида, ба гил меандохт. Зардро таърифу тавсиф мекард.

– Дар олиҳиматӣ ва саховат дар шаҳр ба мисли ту касе нест, – мегуфт. – Мо, дӯстон, ҳама дар сояи давлати ту мегардем. Агар ба Кабуд ҳамин хел дӯстони самимӣ нафорад, чор тарафаш қибла. Мо мӯҳтоҷи дӯстии ӯ нестем, ӯ мӯҳтоҷи мост. Ё гапам нодуруст?

– Дуруст, дуруст, – гуфт Зард, – Сиёҳ, як пешниҳод дорам.

– Хуш, чӣ пешниҳод будааст?

– Сӯҳбат ширин омад. Ҷоямон нобоб. Ба ресторан даромада садто-садто кунем-чӣ?

– Ман зид не.

Онҳо ба ресторан даромаданд. Зард саховат ва олиҳиматӣ нишон дод. Аз ҳисоби ӯ то ҳадде метавонистанд, нӯшиданд.

Пас аз ду рӯзи ин воқиа Сиёҳ дар кӯча бо Кабуд рӯ ба рӯ омад. Кабуд, ба мисли Зард не, балки гарму ҷӯшон бо Сиёҳ вохӯрӣ кард.

– Зардро дидӣ? – пурсид Кабуд.

– Не, надидам. Ту чӣ?

– Ман ӯро дидан намехоҳам, агар ту хоҳӣ бо ӯ ошноӣ кардан гир, аммо ман, тамом. Аз ҳамон рӯз рафту омадамро бо ӯ қатъ кардам. Дар дунё одам қаҳт шуд? Хуб одаме ёфтам-да. Ними шаҳр ёру дӯсти ману боз…

– Медонам, медонам. Туро ҳама ҳурмат мекунад.

– Ту фикр мекунӣ, ки маро ҳамту ҳурмат мекунанд. Ман кори мардумро буд мекунам. Масалан, рӯзи шанбе Мавлонхон тӯй дошт. Биринҷи хуб наёфт. Дар байни ду соат ман сад кило биринҷи кори калон ёфта додам. Ин кор аз дасти Зард меояд? Не, асло, намеояд.

– Ту, Кабуд, одами худодод. Зард фақат даҳон дорад. Кори кардагияш ду пули пучаку калонгарияш як оламро мегирад.

– Ана, ҷони гапро гуфтию мондӣ. Ҳама гап дар ҳамин. Мо ӯро ҳурмат кардем, аз худ рафт. Рости гап, ман барои ту шу-

да бо ӯ ошно шуда будам. «Одами дароз беақл мешавад» – мегуфтанд, – акнун бовар кардам. Худо қаду қомат додаасту ақл не. Маро дар рӯи худам хасис гуфт.

– Наход?

– Ҳа, пеши ту дурӯғ бошад, пеши Худо рост.

– Бовар мекунам, бовар мекунам. Ту одати дурӯғгӯӣ надорӣ. Хасис гуфт? – саволомез ба сӯи Кабуд нигарист Сиёҳ. – ман дар куҷо будам? Даҳонашро зада мешикастам.

– Будию диққат надодӣ.

– Эҳ, нашунидаам. Зор монад, ин гӯшҳо. Гапи нодаркорро мешунаванду даркорро не.

– Сад одам таърифи маро мекунаду боз ман дар пеши Зард хасис будаам. Ман ба ӯ гуфтам: «Худат хасис, авлодат хасис!»

– Боб кардӣ.

– Зард агар ба даҳ сӯму сад сӯм бозӣ кунад, ман ба ҳазор бозӣ мекунам.

– Медонам, медонам. Ба ҳар кас гӯӣ ҳам, ҳамин гапро ба ман нагӯй. Наход ман туро надонам. Дар шаҳр ду ҷавонмард бошад, якеаш ту.

Кабуд пас аз шунидани ин таърифҳои Сиёҳ қомати пасташро рост гирифт, шикамчаи фарбеҳашро каме пеш баров진 варда, сарашро баланд бардошта, гуфт:

– Рафтем, ба хона меравем. Зирбаки ош тайёр. Дирӯз пӯхта, дар яхдон монда буам. Спирт ҳам дорам. Якто ошча пухта, чорта маишат мекунем. Бачаҳо ба қишлоқ ба хонаи модарашон рафтагӣ

Сиёҳ каме ба фикр фурӯ рафт, гӯё ки кори муҳиме дошта бошад, сонӣ ба соаташ нигарист:

– Ду соат вақт дорам.

– Рафтем, дар ду соат одамон як тӯйро мегузаронанд.

– Хуб, рафтем…

Рӯзи дигар Сиёҳ ба Зард телефон кард, саҳатию саломатӣ пурсид. Узр хост, ки дирӯз кори муҳиме дошт, ба дидори дӯсташ Зард расида натавонист.

– Кабудро дидӣ? – пурсид Зард.

Сиёҳ каме худро гум карда, аввал чӣ ҷавоб доданашро надонист, сонӣ гапашро хоида-хоида гуфт:

– Дидам.

– Ҳа, чӣ хел? Пушаймон шудааст?

– Як олам пушаймон. Аммо аз асп фарояд ҳам, аз рикоб намефарояд.

– Чӣ мегӯяд?

– Чӣ мегуфт? Худситоӣ, чизи холиро ҳамеша садояш баланд.

– Ҳа, баланд садо карда гаштан гирад. Садояш аз худаш.

– Садояш аз худашу ману туро шарманда карданаш мумкин.

– Чӣ хел?

– Дар ҳама ҷо овоза карда гаштааст, ки Зард одами мумсик, тангдаст. Ман бароящ ин чиз, он чизро харидам. Костюми танааш ҳам аз ман. Одамон ба гапи ӯ бовар мекунанд. Зеро ки чандин вақт боз ӯ ба мо ошно буд. Ҳамроҳ мегаштем, ҳамроҳ нону намак мехӯрдем.

– Чӣ илоҷ? Даҳони одами пукро баста нашавад.

– Чаро намешудааст? Мешавад. Ҳамин гапҳоро ту аз ӯ пештар дар ҳақаш овоза кун. Тамом. Мардум ӯро тӯҳматчӣ мегӯянд, ҷон халос.

– Эй, Сиёҳ, ба ту ман қоил. Каллаи ту калла не, ҳамааш мағз.

Сиёҳ гӯшаки телефонро монд. Хушҳолона табассум кард, сонӣ, пешонаи тангашро, ки каме пеш баромада буд, ба дасти чапаш молид: «Ҳа, ёфтам!» – гуфт худ ба худ. Ҳамон лаҳза ба Кабуд телефон кард.

– Кӣ мепурсад? – ҷавоб дод телефон.

– Ман, Сиёҳ. Аҳволҳо? Саломатӣ? Бачаҳо аз қишлоқ омаданд?

– Не, ҳоло наомадаанд.

– Ба чӣ кор машғулӣ?

– Ба кӯча баромаданӣ будам. Биё, ба боғи марказӣ. Чой менӯшем. Вақт дорӣ?

– Не, вақтам бисёр танг. Як гапро мехостам ба ту бигӯям. Ба телефон он қадар хуб несту…

– Хайр, ба боғ биё. Гапи бисёр зарур аст? Зарур набошад, сонӣ мегӯӣ.

– Зарур, баъд дер мешавад. Медонӣ чӣ? Ман Зардро ди-

дам. Қаҳру ғазабаш тамоман хестагӣ. Шармандагии Кабудро мебарорам мегӯяд.

– Чӣ, шармандагии маро мебаровардааст?

– Боз ҳамон гапҳои пештарааш. Кабуд одами хасис, мумсик. Дар ресторанҳо ҳамеша аз киссаи ман мехӯрд. Худаш як ошно ҳам надорад. Ҳамаи ошноҳояш ошноҳои ман. Мегӯям, ки ба Кабуд дигар салому аллейк накунанд ва ғайра ва ҳоказо.

– Хайр, гуфтан гирад, ба ӯ кӣ бовар мекунад?

– Мекунанд, одамони сода бисёр.

– Чӣ бояд кунем?

– Пеши ин гапҳоро фавран бояд бигирем. Аллакай ду-се кас, аз ман пурсид, ки дар байни Зарду Кабуд чӣ гап гузаштааст? Ман то ҳадде ки метавонистам, ба онҳо фаҳмондам. На туро ганда кардаму на Зардро.

– Хуб кардӣ. Ман ба каллачаи ту қоил.

– Ту аз Зард пештар овоза кун, ки ӯ дӯсти бевафост, садоқат надорад, худписанд аст. Имрӯз туро фурӯхт, фардо дигар дӯстонашро ҳам мефурӯшад. Ба ту бовар мекунанд. Зард мемонаду сари қоқаш. Ана, баъд мебинӣ, худаш омада аз ту узр мепурсад, тамоми гуноҳҳояшро ба гарданаш мегирад, аз мум ҳам нармтар мешавад.

– Гапат ҷон дорад, Сиёҳ. Офарин, ёфтӣ.

Сиёҳ гӯшаки телефонро монд.

Аз байн якчанд рӯз гузашт. Сиёҳ дар ин муддат на ба Зард вохӯрду на ба Кабуд. Ба хонаҳояшон телефон кард, аммо онҳоро наёфт. Дар ҷои корашон ҳам набуданд. Ба боғи марказӣ баромад. Дар он ҷо ҳам сояи онҳо наметофт. Ба ресторани «Фароғат» даромад, ногаҳон ҳуш аз сараш парид. Зарду Кабуд бо ҳам нишаста сӯҳбат мекарданд. Сиёҳ толорӣ ресторанро ду бор давр зад, вале касе ӯро ба нишастан даъват накард. Сонӣ оҳиста ба берун баромад.

Аз ҳамон вақт инҷониб Зарду Кабуд, бо ҳам боз дӯстанд. Ҳамеша якҷоя мегарданд. Зард аз пеш Кабуд аз дунболи ӯ, Зард аз тарафи дасти рост, Кабуд аз ҷониби дасти чап, Кабуд пешопеш, Зард аз дунболи ӯ…

Сиёҳро дигар касе дар сафи онҳо намебинад. Баъзеҳо мегӯянд, ки ӯ аз шаҳр баромада рафтааст.

## БЕТАРАФ

Дувоздаҳ сол пеш, вақте ки ман бори аввал ба идораи Н. ба кор омадам, дар даромадгоҳ, дар тарафи чапи зинапоя дар назди гули хонагии аз беобӣ пеш аз маҳал хазон шуда, марди 45-50 солаеро дидам. Вай миёнақади гандумгун буд. Шиками равғанбастааш ба мисли думбаи гӯсфанд ба поён мефаромад.

Ман аз вай дафтари кори мудирро пурсидам. Вай ба сӯи ман бепарвоёна нигаристу нимғурма тарафи рости роҳравро нишон дод.

Баъдҳо фаҳмидам, ки ин мард Ҳаким Раҳимзода ном доштааст. Аммо дар идора ҳама ӯро Бетараф мегуфтанд. Ин ном ба ӯ ба мисли гӯшту нохун чунон часпида буд, ки касе онро аз Ҳаким Раҳимзода ва Ҳаким Раҳимзодаро аз он ҷудо карда наметавонист. Ҳатто хазинадори идораамон ҳам вақти маошгирӣ ба ӯ Бетараф ғӯён мурочиат мекард. Дар маҷлисҳо низ ҳама «Фикри Бетараф чист? Бетараф, дар ин хусус шумо чӣ фикр доред?» гӯён мурочиат мекарданд. Вай бошад, ҳамеша ба ин гуна саволҳо бо як ҷумла, кутоҳакак ҷавоб медод:

«Ман намедонам, худатон бинед!»

Дар ҳақиқат ҳам Бетараф бо рафтору кирдори худ дар идора аз дигарон фарқ мекард. Вай, ҳатто, дар назди бисёр касон одами пурасрор менамуд.

Ана, ҳамин Бетараф боре сирашро ба ман кушод. Чӣ шуду чӣ нашуд, дар яке аз маҷлисҳо тасодуфан гуфтам:

– Ман намедонам, худатон бинед.

Бетараф баъди маҷлис оҳиста ба дафтари кориам даромад. Рӯ ба рӯям нишасту ба ман нигариста гуфт:

– Офарин! Одам, бояд, ана, ҳамин тавр бомулоҳиза бошад. Бисёр нағз кардӣ, ки тарафи касеро нагирифтӣ, медонӣ, баъд ба сарат чӣ ғавғоҳо меомад.

Вай аз зери айнакаш саволомез ба сӯи ман нигарист.

– Намедонӣ?

– Намедонам, – гуфтам ман.

– Аммо ман медонам, – гуфт вай. – Баъд аз маҷлис як гурӯҳ ба сарат ҳуҷум мекарданд, ки чаро тарафи онҳоро

нагирифтӣ, тарафи дигаронро гирифтӣ. Ана, фикратро ба онҳо исбот куну бин. Дар як лаҳза ҳазор далел меоранд. Майнаатро гич мекунанд. Ҳатто ба ту гап намезананд. Қаҳрӣ мешаванд. Фаҳмидӣ, ана, одамон чӣ гунаанд? Аз ин ба ману ту чӣ фоида, ҳеҷ чиз!

Бетараф аз киссааш сигарет баровcovarда, онро дар байни ангуштонаш пасу пеш тоб додан гирифту боз аз ман чашм наканда, суханашро давом дод:

– Ҳозир ту ҷавон ҳастӣ, оянда дорӣ, эҳтиёт шав! Ман бисёр чизҳоро аз сар гузарондагӣ, аз таҷрибаам гап мезанам. Мӯи сарам дар ҳамин кор сафед шудагӣ. Агар эҳтиёт намекардам, кайҳо аз ин кор мерафтам.

Дар пеши чашми ман чӣ қадар одамон омада рафтанд? Қариб 15 сардор иваз шуд. Аммо ман иваз нашудам.

Хайр, нақшаи кори фалон шӯъба иҷро нашудааст, ба ман чӣ? Хоҳед гунаҳгорро ҷазо диҳед, нахоҳед не. Ин кори шумо. Ё фарз кунем, «Фалонӣ интизомро вайрон мекунад, ба ӯ чӣ чора бинем?» гӯён аз ман мепурсанд. Ба ман чӣ. «Ман намедонам, худатон бинед». Мегӯяму ҷонам халос.

Бетараф дид, ки ман суханҳояшро бодиққат гӯш мекунам, боз ҳам ба ман наздиктар нишаста, гуфт:

– Медонед, боре як воқеаи аҷоиб шуд. Як касро ба тахтаи фахрӣ пешбарӣ кардан лозим буд. Дар маҷлиси умумӣ ба овоз монданд. 12 кас тарафдор баромаду 12 кас зид. Ман бошам бетараф будам. Аз ман хоҳиш карданд, ки ё ҳа ё не гӯям. Аммо ман бошам сар нафаровардам. «Ман намедонам, худатон бинед» гуфтам. Ғавғои бисёре хест. Дар охир дигар касро ба тахтаи фахрӣ пешниҳод карданд.

Оё аз ин ман ягон чиз бой додам? Баракс, ман бурд кардам. Аз ман на ин кас ранҷиду на он кас.

Се-чор сол пеш мо як директории хуб доштем. Фақат аз ман маслиҳат мепурсид:

«– Бетараф, шумо одами холис ҳастед, – мегуфт вай. – Ман фалон касро ба фалон кор таъин карданӣ, фикри шумо чист?»

«– Ман намедонам, худатон бинед.» – мегуфтам ман.

«– Офарин, – мегуфт вай, – офарин!» – ба китфи ман зада.

Вай боре аз ман пурсид:

«– Бетараф, мо шуморо мудири шӯъба таъин карданӣ, дар ин бора фикратон чист?»

Медонед, ман чӣ гуфтам? «Ман намедонам, худатон бинед.» – гуфтам.

Ҳамон рӯз Бетараф аз ин хусус, аз он хусус бо ман бисёр сӯҳбат кард. Ман ҳам тоқат карда, то охир гапашро гӯш кардам. Пас аз ин вай дар ҳар маҷлис дар назди ман менишаст. Агар ба тарафе овоз доданӣ шавам, оҳиста дастамро пас мекашид. Баъзан пешакӣ ба гӯшам мегуфт, ки бетараф бошам.

Боре чанд рӯз паси ҳам Бетараф ба кор наомад. Касе сабабашро намедонист. Баъд дар идора овоза шуд, ки Бетараф аз дунё гузаштааст. Қисме ба ин бовар карданд, қисме бовар накарда, гуфтанд, ки: «Не, ин ҳамааш тӯҳмат аст. Бетараф намурда, балки зинда аст!»

Дар идора ғавғо бархост. Касе дар бораи марги Бетараф фикри аниқе гуфта наметавонист.

Лекин дар ҳақиат ҳам Бетараф мурда буд.

## ИҶОРА

*(Тамсил)*

Сангпушт, Хорпушт ва Мор дар марғзоре зиндагӣ мекарданд: ҷои хушманзара, обаш равон, осмонаш тобон, сабзаҳояш тару тоза, бӯи гулҳо ба димоғ мезанад, хониши булбулон ба гӯш мерасад. Сангпӯшт тамоми рӯз алафи сабзу хуррам мечариду сонӣ ба мағоке даромада сарашро дарун кашида, бо ду чашми осмонрангаш ҷунбидани шохи сафедорҳои баландро тамошо мекард. Хорпушт баробари задани офтоб аз ҳечааш берун мешуд. Ҷисмашро ба мисли тӯп лӯнда карда, аз боло ба поён ғел мезад. Барги алаф мехӯрду дар паси буттае пинҳон шуда, роҳи мушбачаҳоро интизорӣ мекашид. Ҳамин ки мушбачае роҳро ғалат карда ба ӯ наздик меомад, ҷаҳида аз думаш медошт. Мушбача роҳи халосӣ ҷуста, хештанро ба бадани серхори Хорпушт мезад, вале ҳамаи кӯшишҳояш бефоида буданд. Оқибат луқмаи хоми

Хорпушт мешуд. Мор боэҳтиёт аз байни алафҳо печу тоб хурда, пашаю малах шикор мекард. Вақте шикамаш сер мешуд, болои хоки гарм ба худ печида хоб мерафт ё ба дарахте баромада, мисли маймунҳо худро алвонҷ медод. Ба як гап, ҳар сеяшон хуш буд, бад буд, рӯзгори осуда мегузаронданду ғаме надоштанд.

Дар як рӯзи офтобӣ Рӯбоҳе ба марғзор омад. Ӯ ҷаст ба пеш, ҷаст ба пас. Оқибат чашмаш ба Сангпушту Хорпушт ва Мор расид. Ба хашм гуфт:

– Шумо кистед? Чаро дар сарзамини ман мегардед? Дафъ шавед аз ин ҷо!

Сангпушту Хорпушт ва Мор ҳайрон шуданд ва пурсиданд:

– Ту худат кистӣ? Чаро ба мо ба ин оҳанг ҳарф мезанӣ?

– Ман, – гуфт Рӯбоҳ, дандонҳояшро гиз карда, фуки борикашро ба осмон бардошта, – соҳиби ин марғзорам.

– Чӣ хел соҳиб? Ин замини бобоҳои мост. Ҳафтод пушти мо дар ҳамин ҷо зиндагӣ карда, дар ҳамин замин хок шудаанд.

– Ман ба ҳафтод пуштатон ҳам кор надораму ба як пуштатон ҳам. Зуд аз ин ҷо дафъ шавед, вагарна ба саратон сарбозҳои силоҳдорро меорам. Ман ҳамаи ин мулкро иҷора гирифтаам. Санад дорам, ки дар он мӯҳру имзо аст.

Ӯ аз бағалаш коғазеро бароварда ба Сангпушту Хорпушт ва Мор нишон дод. Онҳо айнак монда хонданд. Тамоми марғзор ба Рӯбоҳ гузашта буд. Тибқи ин санад касе ҳуқуқ надошт, ки пишаки Рӯбоҳро «пишт»» гӯяд.

– Холӣ кунед! Холӣ кунед! – гуфт Рӯбоҳ боғазаб.

Сангпушту Хорпушт ва Мор ноилоҷ аз марғзор баромаданд. Се шабонарӯз роҳ рафтанду ба як ҷои дилхоҳашон расиданд.

– Ҳамин ҷо ҳам макони бад нест, – гуфт Мор ҳалқа зада, дам гирифт.

– Боду ҳавояш форам! – гуфт Хорпушт.

– Хокаш мулоим, хона сохтан осон, – гуфт Сангпӯшт, ки хаста шуда базӯр нафас мекашид.

Ногоҳ аз дур нолаи Шағоле ба гӯш расид.

– Ин ҷо Шағол доштааст-ку? – гуфт Мор.

– Ҳар кас ба роҳи худаш, – гуфт Сангпушт. – Мо ба Шағол чӣ кор дорем.

Нолаи Шағол торафт наздик мешуд. Баъд овозаш шунида шуд:

– Кист дар мулки ман беиҷозати ман мегардад? Канӣ, пинҳон нашуда бароед ва худатонро нишон диҳед?

– Моро мегӯяд, – гуфт Сангпушт.

– Не, ягон каси дигарро меҷӯяд.

Чашмони оташбори Шағол намудор шуданд.

– Ҳа, шуморо мегӯям, чаро хомӯшед?

– Мо нафаҳмидем, ҷаноб, чӣ гап?

– Чаро дар мулки ман мегардед, ин заминҳоро ман иҷора гирифтаам.

– Ватани мо, – гуфт Мор сарашро баробари фуки Шағол бардошта, – дар марғзор буд. Онро ҷаноби Рӯбоҳ иҷора гирифтааст. Ҳамаамонро пеш кард. Ба ин ҷо омадем.

– Дар ин ҷо ҳам ҳаққи зистан надоред, зуд ин маконро тарк кунед!

Сангпушту Хорпушт ва Мор ноилоҷ боз ба роҳ даромаданд. Пас аз се рӯз ба доманаи кӯҳе расиданд.

– Ин ҷо санглох аст, – гуфт Хорпушт. – Эҳтимол касе иҷора нагирифта бошад.

Онҳо дар он санглох як рӯз зистанд, ду рӯз зистанд, се рӯз зистанд. Дар рӯзи чорум Гурги бӯре пайдо шуд:

– Ҳа, шуморо ба ин ҷо кӣ гуфт ки биёед?

– Ҳеҷ кас нагуфтааст, мо худамон омадем, – ҷавоб дод Сангпушт.

– Харатонро кашед аз ин ҷо. Ин заминҳои ман. Иҷора гирифтаам. Намемонам, ки ба ҳудудаш мӯре дарояд, паррандае аз осмонаш гузарад.

– Мо ба куҷо равем, ҷаноби Гург, – гуфт Хорпушт. – Заминҳои бобои моро Рӯбоҳ иҷора гирифтааст, моро пеш кард, ба назди Шағол рафтем, ӯ ҳам моро зистан намонд. Шумо, агар моро аз ин ҷо ронед, бехонумон мешавем.

– Ба инаш ман кор надорам. Мисли шумо, ҳар рӯз даҳҳо кас меояд. Ман пул дода ин заминро гирифтаам, андоз месупорам. Гуфтам-ку, харатонро кашед аз ин ҷо!

Гург бо қаҳр уллос кашид, бо пойҳои пасаш Сангпуштро як лагат зад. Сангпушт қариб сад метр ҷар шуда, дар паси харсанге дармонд. Тамоми аъзои баданаш ба дард даромаданд. Ин аҳволро дида, Хорпушту Мор ларзида гуфтанд:

– Ҷаноби Гург, мебахшед, мо нафаҳмида ба ин санглох омадем. Меравем, ба куҷое, ки поямон барад.

Онҳо поён фаромада, ба назди Сангпушт омаданд. Ӯро ҳамроҳ гирифтанду рафтанду рафтанд. Оқибат ба дашти васее расиданд. Дашт на аввал дошту на охир. Дар байнаш як чанор буд, дар сояи он одаме менишаст.

– Ба наздаш равем чӣ? – гуфт ба ҳамроҳонаш Хорпушт, – боз замин аз ҳамин Одам набошад.

Онҳо ба назди Одам омаданд. Салом доданд ва саргузашташонро ҳикоят карданд.

– Замона ҳамин тавр, – гуфт Одам. – Вале як илоҷ ҳаст. Ман шуморо метавонам, ки иҷоракор гирам.

– Иҷоракораш чӣ гуфтагӣ гап? – пурсид Мор, ки то ин дам метарсид, ки Одам бо каланде ба сараш боз нафарорад.

– Иҷоракор, ба шумо чӣ хел фаҳмонам, шахсоне, ки дар замини ман кор мекунанду музди меҳнат мегиранд.

– Мо чӣ кор мекунем?

– Ана дидед, замин шудгор нокардааст. Ман ба шумо юғу испор медиҳам. Ду кас мекашаду як кас испорро меқапад.

Онҳо аз ноилоҷӣ розӣ шуданд. Одам юғро ба гардани Сангпушту Мор гузошта испорро ба дасти Хорпушт дод.

– Агар суст ҳаракат карданд, ба сарашон бо қамчин зан,– гуфт.

Сангпушту Хорпушт ва Мор рӯз ба рӯз замини сабзазорро ҷуфт мекарданду «оҳ» мекашиданд. Рисқу рӯзияшон зери хок мешуд.

## «САГИ ЗАРД»

Дар утоқи кориам, бинои Иттифоқи нависандагон, ошёнаи дувум, хонаи нӯҳ, нишаста будам, марде дарро кушода, сарашро дарун кард:

– Дароед! – гуфтам.

– Маҷид Салим лозим буд.

– Ҷои кораш ошёнаи сеюм.

– Рафтам, набуд.

– Дар ҳамин ҷойҳо гаштагист. Чӣ кор доштед, ба Маҷид Салим?

– Як кор буд-да…

Дар ҳамин вақт дар паҳлӯяш Маҷид Салим рост шуд.

– Ана, Маҷид Салим, – гуфтам ба мард.

Мард канор истод. Маҷид Салим даромад. Ӯ саволдор ба сӯям нигарист.

– Шуморо мепурсад, – гуфтам.

Мард ҳам даромад.

– Ман ба Маҷид Салим кор доштам, – рамида-рамида гуфт ӯ.

– Марҳамат…

– Ман мақолаатонро дар бораи «Саги зард» хондам. Соҳиби ҳамон саг манам.

Маҷид Салим хушҳол шуд. Пас ба ман нақл кард, ки чӣ хел се ҳафта пеш ҳам ба бозори сагфурӯшони Яккачанор рафтаасту ин мард ва саги зардашро дидааст.

– Сага фурӯхтед?

– Не-да, – гуфт мард. – Мақолаи шуморо хондаму аз фикри фурӯхтанаш гаштам. Агар шумо онро дӯст доред, беҳтараш ба шумо тӯҳфа мекунам.

– Ба ман?

– Ҳа, ба шумо.

– Бисёр кори хуб мешавад, – гуфтам ман. – Маҷид ҳам ҳайвонҳоро дӯст медорад. Ҳоло Саги зард дар куҷост?

– Овардам, дар поён, дар зери арча.

Мо ба дидани Саги зард ба поён фаромадем. Дар рӯи ҳавлӣ, дар зери дарахти арча Саги зарди лоғаре мехобид. Саг бо чашмони меҳрбор ба сӯямон нигариста, дум ликонд.

– Гӯшна аст, – гуфтам ман.

– Шаб боз чизе ба даҳон набурдааст. Дар хона ҳам ғизое надорам. Вагарна ин сагро намефурӯхтам. Саг нею ҷони одам аст.

Аз посбони идора чанд пора нон гирифта ба саг додем.

Саросема, нахойда фурӯ бурд. Хурсанд шуд. Чашм аз мо намеканд.

– Ана, ҳамин саг аз шумо! – гуфт мард. – Ман ҳеҷ даъво надорам.

Мард рафт.

– Чӣ кор кард? – гуфтам ба Маҷид Салим.

– Рафт!

– О, сагро монд-ку?

– Сага ба мо дод.

Саг ба ақиби соҳибаш нигариста нола кард. Аммо бастагӣ буд. Баъд ба мо бо илтиҷо нигарист, ки онро раҳо кунем.

– Чӣ кор мекунем бо ин қаҳрамони ҳикояат? – пурсидам аз Маҷид Салим.

Ӯ ҳам бо ишораи «намедонам» китф ҷунбонд. Саг, гӯё ки забони моро мефаҳмида бошад, ба сӯямон менигарист. Чашмони кабуд ва гавҳаракҳои зардчааш медурахшиданд.

– Ба «Боғи ҳайвонот» бурда месупорем, – гуфтам.

– Дуруст, фикратон, – гуфт Маҷид Салим.

Як таксӣ киро карда сагро ба «Боғи ҳайвонот» бурдем. Дар он ҷо ба сӯямон рӯй турӯш карда гуфтанд:

– Ин саги маҳаллӣ аст. Кӯчаҳои Душанбе пур аз ин хел сагҳо. Агар хоҳед, мегирему ба ҳайвоноти ваҳшӣ медиҳем, гӯшташро хӯранд.

Дар пеши назарамон Саги зардро зинда ба зинда пора карданиі гургҳо ва шеъру паланг ҷилва намуд. Мӯи баданамон хест. Ҷисмамон ларзид.

– Не, – гуфт Маҷид Салим. – Ин ҳайвон ҳам ба мисли инсон аст, ҳама чизро мефаҳмад. Чи хел онро зинда ба зинда пеши ҳайвоноти даранда мепартоем…

– Нахоҳед, сагатонро баред, – гуфтанд ба мо.

Саги зардро каш-кашон боз ба назди бинои Иттифоқи нависандагон овардем.

– Ғам нахӯред, ҳамин ҷо зиндагӣ мекунад, – гуфтам ба Маҷид Салим. – Аз ошхона нон-пон гирифта медиҳем.

Ду-се рӯз Саги зард дар назди бинои Иттифоқи навсиандагон монд. Хӯрокаш ҳам хуб буду табъаш ҳам хуш. Вале рӯзи чорум дарбон ба мо гуфт:

– Сагатонро аз ин ҷо баред. Шабҳо «ав-ав» карда маро хоб рафтан намемонад.

– Чӣ кор мекунем, акаи Равшан? – гуфт Маҷид Салим.

– Дарбон гуфтан мегирад, посбон бояд шаб хоб наравад…

– Ба бӯстонсарои шумо, ба Гулбутта барем-чӣ?

– Мебурдему дар он ҷо саг бисёр. Аз худам сето, боз сагҳои ҳамсоя ҳам дар ҳавлии ман ҷамъ мешаванд. Ба посбон гӯед, ки сабр кунад, ягон илоҷашро меёбем…

Маҷид Салим ба назди посбон рафт. Ба ӯ чӣ гуфту чӣ нагуфт, дигар напурсидам.

Рӯзи дигар, вақте ба кор меомадем, дар сари роҳ аз наздамон мошини боркаше гузашт. Ба гӯшамон овози саг расид. Дидем, ки аз панҷараҳои паси мошин Саги зард ба сӯямон менигарад. Ӯ моро шинохта буд.

– О, ин мошини сагбарак-ку! – гуфт Маҷид Салим. – Саги зарда бурданд.

Мо аз паси мошин даст афшонда «ҳой-ҳой» кардем. Вале мошин рафт.

– Ҳайф шуд, – гуфт Маҷид Салим, – саги хуб буд.

## РӮБОҲ

Барф ҳама ҷоро пӯшонда буд, рӯбоҳ гоҳ-гоҳ аз хонааш сар ба берун мебаровард. Шамоли барфолуди сард ба рӯяш мезад. Чашм кушодан мушкил буд. Завҷааш, ки дар кунҷи ғор ҳалқа зада, забон мелесид, мепурсид:

– Дар берун чӣ гап?

– Ҳеҷ чиз намебинам.

– Барои рӯбоҳ дидан чӣ лозим, шамол бӯе меорад?

– Бӯи саг меояд.

– Чӣ?

– Бӯи саг меояд. Дар наздикиҳо рамае ҳаст.

– Рамаи гӯсфандон дуранд, дар хамӣ.

Рӯбоҳи нарина боз сар берун кард. Шамоли сахт боз бӯи сагро ба димоғаш расонд. Биниашро хост маҳкам кунад. Ин бӯй барояш нофорам буд.

– Ман ба кори Парвардигор ҳайронам, – гуфт завҷааш. – Рӯбоҳ офарид, ки чобуку зираку доно ва пӯсташ ба бандаҳо лозим, чаро боз саг офарид?

– Оё зиндагӣ бе саг мешавад? – сар ба даруни ғор кашида гуфт шавҳараш.

– Чаро намешудааст? Он гоҳ мо озод мегаштем. Аз дасти сагҳо ба деҳ наздик рафта наметавонем.

– Саг ҳам то саг дорад, – гуфт шавҳараш. – Баъзеаш бистучор соат чашм намепӯшад, баъзеаш дар паси бом аз субҳ то шом хоб меравад.

– Боз бӯй каш, бӯи саг меояд ё не, азизам.

Шавҳараш боз баргашта ба даҳони ғор рафт.

– Меояд.

– Гӯш кун, овози саг ба гӯшам расид.

– Дар ин ҳавои сард саг ба ин тарафҳо намеояд.

– Онҳоро шикорчиҳо меоранд. Саг бӯй гирифта, хонаи рӯбоҳ мекобад. Агар ҷои хобамонро ёбанд, дар ин барф ба куҷо мегурезем?

Садои сагҳо баландтар шунида шуд.

– Даҳони ғорро банду ақиб биё! – амр кард рӯбоҳи модина.

Рӯбоҳ бо дасташу фукаш даҳони ғорро маҳкам кард, акнун овози сагҳо ба гӯш намерасид ва бӯяшон ба машом намезад.

Онҳо ҳарду бағал ба бағал ҳалқа заданд. Гурусна буданд. Пораи пӯстаки қоқе зери манаҳи рӯбоҳи модина меистод, ки аз шӯрии намак ба он даҳон зада намешуд. Рӯбоҳи нарина хост, ки пӯстакро хояд ва нафси бадашро ором кунад. Рӯбоҳи модина сӯяш бад-бад нигарист. Шавҳараш ба ин нигоҳ эътиборе надод. Аз лаби пӯстак кашид.

– Мон!..

Рӯбоҳи нарина оҳиста пӯстакро сар дод.

– Агар ту ба доми сайёдҳо афтӣ ман чӣ мехӯрам. Дар хона ба ғайр аз ҳамин пораи пӯстак дигар чизе боқӣ намондааст.

– Парвардигор ризқи ҳар махлуқашро худаш медиҳад.

– Ба умеди Парвардигор нашав. Пеши ӯ ҳам мо эътибор надорем. Одамон дар ҳаққамон чунон бадгӯӣ кардаанд, ки на аввал дораду на охир.

– Ба фикрам айб дар саг нест, ҳама фитнаҳо аз одамон ме-

хезанд. Одам ӯро омӯзондааст, ки рӯбоҳро кофта ёбад, аз шаб то рӯз ак-ак занад. Саги беақл ба доми одам афтида, ҳамчун ғуломи ҳалқабаргӯш барои як бурида нон як умр хидмат мекунад.

– Одамон, – гуфт рӯбоҳи модина, – сагро вафодор номидаанд, моро ҳиллагару дузд.

Замин ларзид. Садои суми асп ба гӯш расид. Сагҳо ак-ак намекарданд. Ҳарду рӯбоҳ хомӯш монданд. Лаҳзае чанд гузашт. Рӯбоҳи модина ба гап даромад:

– Торик шавад, ба як ҷо меравем.

То шом ҳоло хеле вақт буд. Рӯбоҳи нарина лаб лесид. Фук бардошт, дандонҳояшро гиз кард.

– Дар ин саҳро ғизое нест, – гуфт завҷааш, – ба деҳа медароем.

– Боз саг, боз ав-ав.

– Фаҳм, ки то зиндаем, аз саг халосӣ нест. Ин сагҳо боз фарзандони моро ҳам азоб медиҳанд.

– Зиракӣ моро аз дами марг наҷот медиҳад. Оё қиссаи момоямро нашунидаӣ?

– Не.

– Раҳматӣ мегуфтанд, ки зимистони қаҳратун буд. Ҳамроҳи дигар рӯбоҳҳо ба деҳа наздик шудем. Дар назди қабристоне бӯи тут ба димоғ зад. Он ҷо рафтем, коҳ пошида ва тути хушк ҳарҷо-ҳарҷо рехта. Ман ҳис кардам, ки макре ин ҷост, аммо нафси бад, балои ҷон гуфтаанд. Бо эҳтиёт қадам монда, донаҳои тутро лапидам. Ногоҳ садои чараққаси доме баланд шуд. Рӯбоҳҳо ба ақиб гаштанд. Ман ҳам қафо ҷастам. Поям ба доме дармонд. Ҳарчанд зӯр задам, илоҷи халосӣ наёфтам. Шаб рӯз шуд. Мо се рӯбоҳ дар дом афтода будем. Соҳиби домҳо – Одам омад. Ҳамроҳонам ба ҷасту хез даромаданд. Ман худро мурда андохтам. Соҳиби домҳо ба сари ҳамроҳонам тӯрба кашид. Онҳоро аз болои тӯрба бӯғӣ карда кушт. Маро аз дом раҳо карда, назди тӯрбаҳо партофт. Ва худ домҳоро боз гузошт, рӯи онҳо коҳи тозаю тут партофт. Ман дидам, ки одам саргарми кори худ аст, оҳиста хешро канор кашида гурехтам. Рӯбоҳро ҳилааш, зиракияш, чолокияш аз балоҳо наҷот медиҳад.

Ҳаво торик шуд. Онҳо пасопеш ба роҳ даромаданд. То деҳа хеле роҳ буд. Вақте ба наздикии деҳа расиданд, ба овози сагҳо гӯш доданд. Онҳо бетартиб аз ҳар канори деҳа мечақиданд.

– Меистем ё пеш меравем? – пурсид рӯбоҳи нарина.

– Пеш меравем. Ин сагҳо ба сари мо не, беҳуда мечаканд.

Ба хонаи канори деҳа расиданд.

– Мурғ дорад, – гуфт рӯбоҳи модина, – аз паси ман биё.

Онҳо ба катаке наздик шуданд, ки панҷараҳои оҳанин дошт ва болояш пӯшида буд.

– Аҷиб, – гуфт рӯбоҳи нарина, – одамон мурғро ҳам мисли тӯтӣ дохили қафас нигоҳ доштаанд.

Ногоҳ садои зане баланд шуд. Ӯ бо шавҳараш ким-чӣ мегуфту хархаша мекард.

– Ин хона ба фикрам саг надорад, – гуфт рубоҳи модина.

– Аз куҷо медонӣ?

– Бин зан чи навъ ав-ав дорад ба сари шавҳараш. Пас ба онҳо саг чӣ лозим. Ман ба атроф менигарам, ту замини зери панҷараҳоро бикан.

Мурғҳо рӯбоҳҳоро дида ба қиғу пиғ даромаданд. Аммо соҳибони хона миёни хеш ғавғо бардошта, дар фикру хаёли мурғҳо набуданд.

Бо азобе зери қафас кушода шуд.

– Аввал сари хурӯсро бикан, то фиғон набардорад, – гуфт рӯбоҳи модина.

Сари хурӯс ва чанд мокиён канда шуд. Мурғҳои дигар аз тарс мух заданд.

– Дуто-дуто мебарем, – гуфт модина.

Чор мурғро аз қафас баровarданд. Ними роҳ тай накарда буданд, ки нарина гуфт:

– Дам мегирем.

Рӯи барф истоданд. Шиками мурғҳоро дарронда, бо иштиҳо хӯрданд. Хурсанд буданд. Рӯ-рӯи барф рақсиданд. Сипас боқимондаи гӯштро гирифта, боз ба роҳ даромаданд. Ба лонаашон наздик шуда буданд, ки аз пеш селаи гургҳо баромад. Онҳо мисли гирдбод хез задаю давр хӯрда меомаданд.

– Мегурезем! – гуфт рӯбоҳи модина.

Рӯ ба гурез ниҳоданд. Аммо гургҳо торафт ба онҳо наздик мешуданд.

– Партo! – гуфт рӯбоҳи модина.

Рӯбоҳи нарина мурғи даҳонашро партофт. Гургҳо ба гӯшт часпиданд.

Вақте ба хона расиданд, гӯшти хӯрдаашон аз даҳонашон омада буд. Ба зӯр нафас мекашиданд. Саге аз дур ак-ак мекард.

– Гургаш аз саг ҳам бадтар, – гуфт модина. – Агар ба дасташон меафтодем, пора-пора мешудем.

– Як саг ҳам набуд, ки гургҳоро пеш кунад.

– Хайрият, ки набуд…

*06.11.2008*

## ХОРПУШТАК

*(Ба муносибати ҷашни 80-солагии маҷаллаи «Хорпуштак»)*

Ба деҳаи мо як марди аҷоиб омад: дар сар кулоҳи хасӣ, дар по мӯзаи латтагӣ, дар тан пироҳани украинӣ дошт, ки гиребон ва лаби доманаш гулдӯзӣ буд. Эзораш васеъ, гӯё ду киссаашро пӯф кардаанд. Гашти мард ҳам аҷоиб буду суханронияш ҳам. Вале диққати одамонро кифи ҷигарии ӯ бештар ҷалб мекард. Мегуфтанд, ки дар кифаш Хорпуштак дорад. Ин мард Хорпуштакро бо худ мегардонд. Кифашро аз даст намемонд ва касе ҳам намегуфт, ки даруни онро дидааст.

Номи аслии мардро касе намедонист ва намепурсид ҳам. Ҳама ӯро зуд шинохтанд ва Хорпуштак мегуфтанд.

Он солҳо ман ҷавон будам, дар мактаби миёна мехондам. Ҳавас доштам, ки Хорпуштакро бинам. Аз пасаш мегаштаму гоҳ аз пешаш мебаромадам. Ӯ маро намедид ё медиду писанд накарда мегузашт.

Рӯзе Хорпуштакро дар чойхонаи деҳа дидам. Дар лаби кат нишастагӣ, пойҳояш овезон, кифи ҷигарияш боз. Хорпуштаке дар наздаш. Пеш рафтам. Хорпуштаки ҳақиқӣ буд. Сари мӯшмонандашро аз даруни хорҳо бароварда, ким-чӣ мехӯрд. Чашмонаш сип-сиёҳ, милт-милт мекарданд, гӯшҳояш майдаяк, мӯйлабҳояш аз мӯйлаби гурбача хурдтар. Ё тавба, як мардаки капа-калон дар кифаш Хорпуштак мегардондааст?!

Хорпуштак хорпуштакашро ба даруни кифаш андохта, кулоҳи хасияшро ба сараш дурусттар монда хеста рафт.

Ман мушоҳидаамро ба хонандагон дар мактаб гуфтам.

– Мегӯянд, ки Хорпуштакаш сеҳрнок аст, – гуфт Ҳасан ном бачаи қадпаст.

– Чӣ хел сеҳрнок? Хорпуштаки оддӣ аст, – гуфт Бежан ном бачаи қаддароз.

– Ром кардааст, – гуфт бачаи сеюм, ки Сангин ном дошт.

– Ба одами калон Хорпуштак чӣ лозим? – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд Фотимаи ҷингиламӯ.

– Чӣ хел, чӣ лозим? – гуфт Ҳасан. – Ба шумо гуфтам-ку, сеҳрнок аст. Боз бовар намекунед.

– Чӣ, фол мекушояд?

– Не. Ин хорпуштак дузд, фиребгар порахӯр, дурӯғгӯ, танбал, худписанд, мардумозор ва ҳамин тариқ одамонро мешинохтааст.

Аз ин гап ҳамаамон дар ҳайрат модем.

– Чӣ, дигар хорпуштакҳо ин корро карда наметавонанд?

– Не, – гуфт Ҳасан, – наметавонанд. Саҳро пури Хорпуштак, рав биёр, канӣ ягон сирро фош мекунад.

– Ёд додааст, – гуфт Бежан.

– Хайр, ту ҳам як Хорпуштакро гиру ёд деҳ.

Гап дар ҳамин ҷо монду пас аз як ҳафта кифҳои хонандагон ба ҷои китоб аз Хорпуштак пур шуд. Дар синф, дар хона садои чирроси онҳо ба гӯш мерасид. Таг-таги мизҳо мегаштанд, деворҳоро мекананд. Фикр мекардед, ки дар деҳа фермаи хорпуштакпарварӣ амал мекунад. Аммо рӯзҳо, ҳафтаҳо мегузашту аз дасти хорпуштакҳо ҳеҷ коре намеомад. Ягон бачаи дурӯғгӯро фош накарданд. Пулҳои Сангин аз кисааш гум шуд, наёфтанд, ҳама медонистад, ки Тошпӯлод талабаи танбал аст, лаби домонашро нагазиданд.

– Нашуд, – гуфтанд бачаҳо, – ҳамааш гап, аз дасти Хорпуштак ҳеҷ кор намеояд.

Вале марди кулоҳи хасидор Хорпуштакашро дар кифаш мегардонд.

Дар хоҷагӣ овоза шуд, ки мудири анбори ғаллаи ҷамъиятӣ дузд будааст. Корашро ба суд додаанд.

– Ҳамин қадар сол мардумро ғорат мекардаасту мо бехабар, – мегуфтанд калонсолон. Оҳ, беинсофе. Боз худашро уволак гирифта мегашт.

– Кӣ сирашро фош кард? – мепурсиданд бехабарон.

– Намедонӣ, ба хоҷагиамон Хорпуштак омад. Аз дасти ӯ халосӣ нест.

– Ҳамон кулоҳи хасӣ?

– Ҳа, ҳамон кулоҳи хасин.

Гап байни худамон монад, ман боз аз паси марди кулоҳпӯш шудам, ки даруни кифи ҷигарияш Хорпуштаки зинда дида будам. Ӯ ба идораи хоҷагӣ медаромаду мебаромад. Ҳеҷ ба чойхона намерафт. Ноилоҷ думболагираш кардам. Шабҳо дар меҳмонхона хоб мерафтааст. Ҳаво торик шуду аз тиреза ба кораш нигаристам. Он солҳо дар хоҷагиҳо чароғи барқӣ набуд. Чароғи керасиние, ки «бистум» ном дошт, хонаҳоро равшан мекард. Мард бехабар аз ман кифашро кушод, аз даруни он Хорпуштакро баровард. Ба рӯи хона сар дода, гуфт:

– Офарин, як дузди калонаш ба даст афтод, лаҷоми дигаронашро ҳам мекашам.

Ба даст қалам гирифту коғаз, навишт. Чӣ менавишт, ман намедидам, бо худ ғур-ғур мекард, ман намешунидам.

Рӯзе аз назди идораи хоҷагӣ мегузаштам, ки се марди калонсол сӯҳбат доштанд.

– Хорпуштаки ганда будааст, – гуфт яке. – Ахираш мудири анборро шинонд.

– Бо Хорпуштак ҳазл накунед, аз муфаттиш ҳам ҳушёр асту аз додситон ҳам доно.

– Рафт ё дар ҳамин ҷост?

– Нарафтааст, мегӯянд, ки ба домани мудири ферма часпидааст.

– Аз дасташ халосӣ надорад.

– Мон, ҳаромхӯронро зада аз ҷамъият берун барорад. Шарманда шаванд.

Ба Хорпуштак, ба фикрам, деҳаи мо маъқул шуд: обу ҳавояш, боғу роғаш, сарсабзияш, одамони чапдасту ҳаром-

кораш, ки меҳр басту зуд-зуд меомадагӣ шуд. Найзаҳояшро тез мекард, бадхашм буд. Ба одамони ростраву ҳақшинос коре надошт, вале мезад фиребгаронро, чаправу чапдастонро. Роҳашро пок мекард, то ки одамон аз пасаш биоянду озоре набинанд.

Мо, бачаҳо, ба кифи ҷигарии Хорпуштак бо ҳасад менигаристем. Ба назарамон рӯз ба рӯз ғафстар менамуд.

– Ду Хорпуштак андохтааст, – гуфт бачае.

– Не, ҳамон як Хорпуштак аст, вале калон шудааст.

## АЗ СИЛСИЛАИ «САРГУЗАШТИ ДӮСТОНИ ШИНОСУ НОШИНОС»

*Хаёл ва Шамол ҳамкурс буданд. Хаёл аз Ғарм буду Шамол аз Ҳисор. Хаёл ҷавони қоматбаланд, лоғарандом, гандумгун. Шамол қадпаст, фарбеҳ, сафедпӯст. Хаёл камгап, фурӯтан, шикастанафс, Шамол чолок, шӯх, сӯҳбаторо. Дониши Хаёл назар ба дигар ҳамсабақонаш баланд буд.*

*Шамол, баракс, ҳамеша аз як ё ду фан қарздор мегашт. Дӯстии Хаёлу Шамол ҳам аз ҳамин нуқта ибтидо меёфт. Хаёл кӯшиш мекард, ки ба Шамол ёрӣ расонад. Шамол кӯшиш мекард, ки аз хаёл чизе биомӯзад. Онҳо дар хобгоҳ дар як хона хоб мерафтанд, субҳ якҷо мехестанд, якҷо дарс мерафтанд, пас аз дарс якҷо нон мехӯрданд, якҷо дар китобхонаи донишгоҳ, ё дигар ҷой дарс тайёр мекарданд.*

*Хаёл – номаш ҳам ба худаш мувофиқ буд, баъзан чунон ба фикр фурӯ мерафт, ки кӯлоҳашро аз сараш гирифта баред ҳам огоҳ намешуд. Агар дар паҳлӯяш Шамол набошад, вақти нонхӯрӣ, вақти дарс ва вақти хобро ҳам фаромӯш мекард. Чунин фикр мекардед, ки Хаёл бе Шамол ва Шамол бе Хаёл зиндагӣ карда наметавонанд.*

*Вақте ки ман донишҷӯ будам, қиссаҳои бисёре дар мавриди дӯстии Хаёлу Шамол паҳн шуда буданд, чанде аз онҳоро, дӯстони азиз, ба хотири он рӯзҳо ба шумо нақл мекунам.*

# КАРОМОТ

Дар хона касе набуд, аммо бо вуҷуди ин ҳам Шамол Хаёлро ба гӯшае бурд ва оҳиста ба гӯшаш гуфт:

– Ман як коре карданиам, вале ба ҳеҷ кас намегӯӣ. Тамоман махфӣ аст!

– Чӣ кор?

– Чанд муддат аст, ки ба омӯхтани каромот машғулам.

– Чӣ, чӣ?..

– Каромот!

– Ту девона шудаӣ?

– Худат девона. Дар китоби «Канз-ул-Ҳусайн» хондам. Ҳоло якеашро мехоҳам таҷриба кунам. Ҳамчун дӯст кӯмаки ту ба ман зарур аст.

– Биё мон, ин корҳои пӯкатро. Каромот гуфтанӣ чиз дар олам вуҷуд надорад, ҳамааш фиреб ва дурӯғ аст.

– Мон ин гапҳоятро. Ҳамчун дӯст ба ман кӯмак кардан мехоҳӣ ё не? Агар нахоҳӣ. Ман ягон каси дигарро меёбам.

– Ту маро, охир, ба ягон бало гирифтор мекунӣ?

– Хайр, чӣ балое биёяд, ба сари ҳардуямон меояд. Аввал ба ман, баъд ба ту.

– Чаро аввал ба ту меомадааст, баъд ба ман?

– Зеро ки ман иҷрокунандаам, ту мушоҳидачӣ. Боз инашро ҳам гуфта монам: агар каромот амалӣ нашавад, зиёнаш ҳам мерасад, гуфтаанд.

– Ту каромот не, балки нағмае эҷод карданиӣ. Хуб, ман розӣ.

– Агар розӣ бошӣ, ба бозор рафта як мурғи сиёҳи нулу поҳояш зард мехарем…

– Ҷӯгӣ шаву рав!

– Гӯш кун. Дар каромот гуфта шудааст, ки мурғро дар шаби торик сар бурида, дар як ҷои аз шаҳр дур, ки на овози одам ба он ҷо мерасад, на овози саг, на рӯшноии чароғе аз дур менамояд, дар деги сарпӯшдор чунон бояд пухт, ки гӯшт аз устухон ҷудо шавад. Пас рӯ ба рӯи худ оинаи калоне гузошта, даст ба дег мебаред, аз он ҷо устухонеро мегиред, гӯштро аз танаи устухон меафшонед, устухонро аз пеши оина

гузаронида, ба тарафи дасти чап мегузоред. Ҳамин гуна амалро то тамом шудани устуғонҳои мурғ иҷро мекунед. Дар дохили устуғонҳои мурғ як устуғони сеҳрнок аст. Агар ҳамон устуғон ба даст афтад, дар вақти аз пеши оина гузарондан, дар оина лашкари ҷину аҷинаҳо машъалҳо дар даст пайдо мешаванд. Ана, дар ҳамин лаҳза «Бисмиллоҳи раҳмону раҳим» гуфта аз ҷой мехезед, ба лашкари ҷину аҷина ғолиб мебароед. Онҳо як умр ба ту хизмат мекунанд. Агар тарседу усуғонро аз даст афтонед ё аз ҷой хеста натавонед, каромот мебӯрад ва зиёнаш ба кас мерасад.

– Аҷоиб?! – гуфт Хаёл.

– Аҷоиботаш боз дар дигар ҷост, – гуфт Шамол. – Гӯш кун, ба ту фаҳмонам. Вақте ки устуғони сеҳрнок ба даст меояд, онро бо худ гирифта ба кучое равӣ, касе туро намебинад. Масалан, имтиҳони таърих давом дорад. Ту устуғон дар киса ба синф медаровӣ. Ҳамаи билетҳоро рӯ гардонда мебинӣ, якеашро гирифта ба парта менишинӣ, китобро кушода мехонӣ, муаллим туро тамоман намебинад, устуғонро мемонию хеста омада ҷавоб медиҳӣ. Панҷ тайёр! Фаҳмидӣ!

– Фаҳмидам. Аммо ин гуна панҷҳои қалбакӣ ба кӣ зарур?

– Ба ман. Ту медонӣ, барои як се гирифтан чӣ қадар азоб мекашам.

– Ба ҳар ҳол азоб кашӣ ҳам баҳои қалбакӣ нею ҳақиқӣ мегирӣ. Агар ҳеҷ чиз надонӣ, муаллим ба ту баҳои се намемонад-ку?

– Ман мехоҳам, ки каромот кунам. Аз ҳама пешқадам бошам. Аз ту ҳам. Ҳама дар ҳайрат монанд. Дар ҳама ҷо маро таъриф кунанд.

– Хуб, ихтиёрат. Ман чӣ хизмат кунам.

– Ҳоло не. Вақте устуғони сеҳрнок ба даст омад, ту ба мисли Санчо Панчо[2] аз пасам мегардӣ. Фаҳмидӣ?

– Ҳа фаҳмидам.

Шамол шаби ҷумъа тамоман ба хобгоҳ наомад. Субҳ хаставу беҳол, вале хеле хурсанд аз дар даромад.

– Чӣ шуд? – пурсид Хаёл.

---

[2] Санчо Панчо. Яке аз қаҳрамонҳои романи «Дон кихот»-и Сервантес.

– Ба фикрам каромот амалӣ шуд, – ҷавоб дод ӯ.

– Устуғонро ёфтӣ?

– Ёфтам.

– Канӣ, бинам.

– Ана, – ӯ кафи дасташро кушод. Дар дасташ устуғони шикастаи аз зону болои мурғ буд. – Ба дигар кас додан мумкин нест. Каромот мебӯрад.

– Ба фикрам, каромоти ту аллакай бӯридагӣ аст.

– Чаро?

– Зеро ки дар даст устуғони сеҳрнок дорию ман туро мебинам.

Шамол хандид:

– Эҳ сода. Боз ояте дорад. Онро ҳафт бор хонда, баъд амалро иҷро мекунанд.

– Ҳамту гӯ! – маълум набуд, ки Хаёл ин гапро бо тамасхӯр гуфт ё бо тааҷҷуб.

Ҳамон рӯз Шамол ба дарси аввал нарафт. «Каме хоб мекунам, пас меравам, – гуфт, – канӣ муаллим маро мебинад ё не.»

Тахминан пас аз гузаштани чиҳил дақиқаи дарс дари синф боз шуд. Шамол ҳарфе назада, бе салому аллейк даромад. Рафта ба паси яке аз мизҳои пеш, ки дар рӯ ба рӯи муаллим меистод, нишаст. Муаллим ҳатто ба ӯ нанигарист. Аз донишҷӯён ҳам касе ба ӯ ҳарфе назад. Хаёл аз ҷояш хест, ки шамолро дурусттар бинад. Муаллим ба сӯи ӯ нигариста, гуфт:

– Шин, ҳоло занг нашудааст.

Дар вақти танаффус Шамол ба Хаёл чашмакӣ зад. Хаёл ба ӯ оҳиста гуфт:

– Ман туро дидам-ку?

– Ман фақат муаллимро каромот карда будам. Ба касе дар ин бора зинҳор забон накушо! Бегоҳӣ, дар кинотеатр боз имтиҳон мекунем. Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам!

Бегоҳӣ Хаёл ва Шамол ба кинотеатри «Ватан» рафтанд. Шамол як чипта харида, ба дасти Хаёл дод.

– Ту чӣ?

– Ман дарвозабонро каромот мекунам. Маро намебинад.

– Агар бинад чӣ?

– Намебинад, гуфтам, намебинад. Хотират ҷамъ бошад.

– Дар толор ҷои нишаст набошад чӣ?

– Ҷой ёфт мешавад. Ҳамеша қатори аввалу охир холӣ аст. Ба ғайр аз ин ҳам, мақсади ману ту тамошои филм нест-ку? Мо устуғони сеҳрнокро имтиҳон мекунем.

Хаёл дигар ба ӯ саволе надод. Онҳо дар саҳни кинотеатр каме сайр карданд. Ба назди самбӯсафурӯш рафта, чор самбӯса хариданд, дутоӣ тақсим карда хурданд. Баъд ба автомати оби газнок тангаи сетина партофта, оби апелсин нӯшиданд. То ин вақт дар пеши дарвозаи кинотеатр ҳам одами зиёде ҷамъ шуданд.

– Вақт расид, – гуфт Шамол.

– Ту аввал медароӣ. Баъд ба ман нигоҳ мекунӣ. Тамом, вазифаи ту ҳамин аст. Фаҳмидӣ?

– Бале.

Хаёл чиптаашро нишон дода даромад. Шамол саҳни кинотеатрро боз давр зад. Сонӣ рост ба сӯи дарвозаи кинотеатр омад. Ба касе нигоҳ накарда даромад. Дарвозабон ҳам ба ӯ ҳарфе назад. Хаёл дар тааҷҷуб монд. «Дар ҳақиқат ҳам, дар ин ҷо сирре ҳаст» – худ ба худ аз дил гузаронд ӯ. Аммо ин фикри худро ба Шамол ошкор накард. Шамол ба назди ӯ омада, пичиррос зад:

– Чӣ тавр?

– Надид.

Дар толори кинотеатр онҳо аз ҳамдигар дур нишастанд. Хаёл ба фикру андеша фурӯ рафта буд: «Наход, ки ҳақиқат бошад? Дар дарс ӯро муаллим надид, дар ин ҷо дарвозабон. Аз таги бинии дарвозабон гузашт. Дарвозабон масруф ҳам набуд. Эҳтимол, устуғон сеҳрнок бошад?» боз ӯ қонунҳои кимиё, физика, табиатро ба хотир оварда, худ ба худ таҳлил мекард, натиҷа мебаровард, ҳеҷ ба ақлаш рост намеомад, ки ин тавр шуданаш ҳам мумкин бошад. «Фақат дар афсонаҳо ин тавр мешавд. Вале ӯ дар ҳақиқат, дар пеши чашми худ дид. «Инро инкор кардан мушкил аст. Хусусан ба Шамол, – аз дил гузаронд ӯ. – Илм ҳоло бисёр чизҳоро кашф накардааст. Эҳтимол… эҳтимол… эҳтимол…»

Филм ба охир расид, онҳо ба берун баромаданд. Хурсандии Шамол ҳаду канор надошт. Қариб монда буд, ки ӯ худро дар назди Хаёл пайғамбари замона эълон кунад. Аммо истиҳола кард, каме тарсид, ки аз ҳадаш гузарад, Хаёл метавонад, сирри ӯро фош созад. Ӯ боз ба Хаёл таъкид кард, ки дар мавриди каромот ба касе забон накушояд. Хаёл ба ишораи ризоият сар ҷунбонд.

Рӯзи дигар Шамол ба Хаёл гуфт:

– Ана, нигоҳ кун, ман аз назди назоратчии роҳ мегузарам, ӯ маро намебинад.

Шамол роҳро миёнабур кард. Милитсионер гӯё кӯр шуда бошад, ба ӯ ҳарфе назад. Хаёл аз ин амал дар шигифт монд.

– Ана, кори ман омад кард. Китобхоначӣ ҳамеша ба ман, қарздор гуфта, китоб намедод. Акнун бемалол даромада китоби дилхоҳамро мегирам. Чанд рӯзе, ки хоҳам мехонам, боз ба ҷояш бурда мемонам.

Онҳо ба китобхона рафтанд. Шамол аз таги бинии китобхоначӣ ба дарун даромад. Аз он ҷо китоби дилхоҳашро гирифта баромад, касе инг нагуфт.

– Як имтиҳони дигар мегузаронем, – гуфт Шамол, – бозор меравем.

Онҳо ба бозор рафтанд. Шамол ба назди ангӯрфурӯше рафт. Хушаи ангӯреро гирифта ба ҳузур хӯрд. Пас аз он ба назди нокфурӯш рафт, як нокро бардошта тамошо кард, дар дасташ бозӣ доронда, аз ҳузури фурӯшанда дур шуд. Касе ба ӯ ҳарфе назад.

– Дидӣ?

– Дидам.

– Як харбуза мегирему меравем.

– О, ин корат дуздӣ-ку?

– Пӯш даҳонатро, каромотро бо дуздӣ омехта накун.

Онҳо ба назди харбузафурӯш рафтанд. Шамол як харбузаи калонро гирифта, канор омад. Харбузафурӯш ҳарфе намезад.

– Шуд, аз имтиҳон гузаштӣ, вале ба каромотат ҳеҷ бовар надорам. Дигар мардумро ғорат накун.

– Ман, акнун, муаллимро ғорат мекунам. Ӯ ҳамеша маро азоб медод…

Пас аз чанд рӯз муаллими таърих имтиҳон гирифт.

Шамол яке аз аввалинҳо шуда ба синф даромад. Билет гирифт, дар паси мизе нишаст ва китобро бароварда дар пешаш монд, аз рӯи он навишт. Тахминан пас аз ним соат аз ҷояш хест, ба назди муаллим омад.

– Тайёр кардӣ? – пурсид муаллим.

– Бале.

– Ҷавоб деҳ.

Шамол аз рӯи коғази дасташ навиштаҳояшро хонд.

– Мон ин коғазро. Инро аз китоб бардоштӣ. Он чизеро, ки дар каллаат ҳаст, ҳамонро гӯй.

Шамол худашро гум кард. Чизе гуфта натавонист. Муаллим ӯро аз синф ронд.

– Каромот нагузашт! – гуфт, – муаллим одами арақхӯр аст, ба арақхӯр намегузарад.

Аз байн чанд рӯз гузашту Шамол бо лабу лунҷи овезон ба хобгоҳ омад.

– Чӣ шуд? – пурсид Хаёл.

– Напурс! Шарманда шудам.

– Китоби пештар гирифтаамро монда, китоби дигар мебарорам гуфтам, ки китобдор фаҳмид. Дар пеши ҳама шарманда кард. Номамро навишт, курсамро навишт. Ба деканат хабар медиҳам гуфт.

– Каромот накардӣ?

– Кардам, нагузашт.

– Пас аз чанде хабар омад, ки Шамолро дар кинотеатр ҳам даст гирифтаанд.

Баъд муҳокимаи Шамол дар ҳузури донишҷӯён сар шуд. Худаш нахост, ки сирри каромотро фош кунад. Хаёл ҳамаи воқеаро аз аввал то охир гуфт.

Баъзеҳо ба ҳолаш механдиданд, баъзеҳо тааҷҷуб мекарданд.

## ҶОРӮБИ ДАСТАДАРОЗ

Боре Хаёл ба Шамол гуфт:

– Биё, ба толор рафта дарс тайёро мекунем.

– Наметавонам, – ҷавоб дод Шамол, – амакам аз колхоз меояд, маро наёбад хуб намешавад, худат рав.

Хаёл танҳо ба толор рафт. Вақте баргашт, чароғи ҳуҷра хомӯш буду Шамол баланд-баланд нафас кашида мехобид. Хаёл чароғро равшан кард. Дар кати ӯ як марде мехобид, ки дар сар кулоҳи пӯсти қарокулӣ дошт. Мӯзаи чармии сиёҳаш ҳам аз зери курпа каме менамуд. Хаёл оҳиста Шамолро бедор кард:

– Кист?

– Хоб кун, амакам. Дар меҳмонхона ҷой набуд. – Шамол сарашро ба даруни курпа кашид.

Хаёл дар ҳуҷра ба қадамзанӣ даромад. Шамол сарашро аз зери курпа бароварда ба ӯ гуфт:

– Хоб кун, меҳмон бедор мешавад.

– Дар куҷо хоб равам. Ҷоям банд.

– Дар рӯи фарш, палтоятро ба зерат партою ду-се китобро ба таги сарат мон. Як шаб як шаб да, ҳеҷ бало намезанад.

Хаёл ба гуфтаи Шамол амал кард. Пас аз лаҳзае ӯро хоби сахт бурд. Вақте бедор шуд, ҳама ба дарс рафта буданд. Шамол ҳам набуд. Ӯ зуд ба соат нигарист. Пас аз понздаҳ дақиқа дарс сар мешуд. Аммо амаки Шамол ҳамон тавре, ки шаб хобида буд, мехобид. Хаёл садои радиоро баланд кард, то меҳмон аз хоб бедор шавад ва худ ба ташноб рафта дасту рӯ шӯст. Вақте бозгашт, меҳмон ҳоло ҳам хоб буд.

Хаёл ба назди кати меҳмон омад ва оҳиста гуфт:

– Амак, бархезед, субҳ шуд. Мо ба дарс меравем.

Аммо аз ин гуфтаи ӯ як мӯи бадани меҳмон наларзид. Хаёл ба овози баландтар гуфт:

– Амак, ман ба дарс меравам!

Аммо меҳмон наҷунбид. Сонӣ Хаёл бо дасташ катро ҷунбонд. Меҳмон ҳаракате накард. Хаёл тарсид: «Боз намурда бошад?» – аз дил гузаронд. Ӯ катро каме сахттар ҷунбонда гуфт:

– Амак, хезед, мо ба дарс меравем…

Амак ҷавобе надод. Хаёл давида ба берун баромаду ба овози баланд садо кард:

– Меҳмон мурдааст, меҳмон мурдааст!..

Донишҷӯёни зиёде ҷамъ шуданд:

– Чӣ гап?

– Мурдааст!

– Кӣ?

– Меҳмон.

Хаёл онҳоро ба дохили ҳуҷра даровард.

Касе оҳиста курпаро бардошт.

Садои ханда дар ҳуҷра баланд шуд. Дар рӯи кат ҷорӯби дастадарозе мехобид, ки дар сар кулоҳи пӯсти қароқулӣ ва дар по мӯзаи сиёҳ дошт.

– Ҳа, ин кори Шамол, – ба ғазаб гуфт Хаёл, – рӯзе қасосамро мегирам.

## ЗИЛЗИЛА

Шамол хурофотпараст буд. Ҳар расму оине, ки дар хона дар айёми тифлиаш ба ӯ омӯхта буданд, бечуну чаро иҷро мекард. Масалан, пеш аз хоб мегуфт: «Хоб рафтам ба дасти рост, ё малоикаҳои дасти чапу дасти рост, ба шумо дорам ихлос…» Субҳ ҳам пичир-пичир карда, чизе мехонд, баъд аз бистар мехест. Дар рӯшӯӣ ҳам, дар либоспӯшӣ, дар шишту хез… ҳар қадамашро бо ояте таҳким мекард. Мӯи сар намемонд. Мегуфт, ки дар ҳар тори он аҷинаҳо бозӣ мекунанд. Агар хоби вазнин медид, аз бистари хоб мехест, сураи «Қулҳу оллоҳу аҳад»-ро ҳафт бор мехонд, ба кундаи синааш туф-туф мекард, пас каме хомӯш менишаст. «Акнун ҷину аҷина рафт» гӯён ба ҷойгоҳи хобаш медаромад. Ба ин рафторҳои ӯ баъзе донишҷӯён механдиданд, баъзеҳо эътибор намедоданд.

Хаёл, баракс, ба хурофот эътиқод надошт. Ба ҳар амали шамол механдид, гоҳо хашмгин шуда, ӯро танқид мекард. Шамол дар ҷавоб ба ӯ мегуфт, ки ту кайфияти ин чизҳоро намефаҳмӣ, зеро ки дар тифлият ба гӯшат нахондаанд. Хоби ту хоби ҳаром аст, хоби ман хоби ҳалол.

– Чӣ хел хоби ту ҳалол мешудааст, ки ҳар шаб се бор хеста сура мехонӣ! Гирду атрофат пур аз ҷину аҷина.

– Аҷинаҳо ба одами рӯҳаш пок кор доранд.

– Ба фикри ту рӯҳи мо пок нест?

– Пок нест, ки ба хобат намедароянд.

– Хайр. Биё ин гапҳоро мемонем, рӯҳи покатро ба худат додам, – мегуфт Хаёлу ба баҳс хотима медод.

Боре, бегоҳии рӯзи якшанбе буд, Шамол ба назди Хаёл омада гуфт:

– Медонӣ, имрӯз чӣ рӯз аст?

– Якшанбе.

– Офарин, аммо чаро ором нишастаӣ?

– Чӣ кунам?

– Сару либосатро дарзмол кун. Ба кино меравем.

– Ман намеравам.

– Чаро? Дар нақшаи корамон ин бегоҳӣ тамошои кино навишта шудааст. Худат гуфта будӣ, ки нақшаро қатъиян риоя мекунем.

– Гуфта будам, аммо наметавонам. Ба китобхона меравам.

– Иҷрои нақшаи корамон чӣ мешавад?

– Ҳар нақша истисно дорад. Худат рав, сари маро гаранг макун.

– Меравам, ба як шарт.

– Хӯш, чӣ шарт будааст?

– Пули кинои туро ҳам ман сарф мекунам. Розӣ ҳастӣ!

– Розӣ, розӣ…

– Шамол ба кино рафту Хаёл ба китобхона.

Вақте ки Хаёл ба хобгоҳ баргашт, Шамол дар хона набуд. Ногаҳон фикре ба сари Хаёл зад: «Шамолро боб мекунам!» гуфт худ ба худ. Зуд чароғи хонаро хомӯш карда, ба зери кати хоби Шамол даромад. Пас аз ним соат Шамол омад. Чароғро равшан карда, хонаро аз назар гузаронд, сонӣ ба ташноб рафта дасту рӯяшро шуст. Хаёл бошад дар зери кати ӯ нафас накашида мехобид. Устухонҳои баданаш дар рӯи фарши холӣ ба дард омада бошанд ҳам паҳлӯ намегашт, то ин ки Шамол пай набарад. Дар охир Шамол чароғро хомӯш намуда, ба даруни бистараш даромад ва зери лаб хонд: «Хоб мерам ба дасти чап, мехезам ба дасти рост, эй малоикаҳои дасти чап ва эй малоикаҳои дасти рост, маро то субҳ нигаҳбон бош!»

Зуд хоби Шамол бурд. Хаёл, ки ҳамин лаҳзаро интизор буд, аз зер оҳиста кати хоби Шамолро бардошт. Шамол хо-

болуд аз ҷояш хест: «Ло иллоҳу иллолоҳ Муҳаммаду расулоллоҳ!» гуфт. Пас аз чанде боз хоби Шамол бурд. Хаёл аз зер катро боз сахттар ҷунбонд. Шамол аз ҷояш ҷаста хест. Чароғро равшан кард. Хонаро аз назар гузаронд. Ба чароғҳои овезони барқӣ нигарист. Онҳо намеҷунбиданд.

«Эҳтимол хоб дида бошам» аз дил гузаронд. Боз ба бистараш даромада хоб рафт. Пас аз чанде боз хобаш бурд. Хаёл аз зер катро сахт ҷунбонд. Сонӣ онро ба китфаш ба дигар тараф тела дод. Шамол ҷаҳида аз хоб хест: «Ло иллоҳу…» гуфту хез зада ба долони хобгоҳ баромад, ба овози баланд садо кард: «Зилзила…!».

Донишҷӯён аз хоб бедор шуда ба долон баромаданд.

– Ҳа, чӣ гап? Чӣ шуд?..

– Зилзила!..

– Наход? Хонаҳои мо наҷунбид-ку?

– Чӣ хел наҷунбид. Кати ман қариб чапа шуда буд.

– Не, не, замин наҷунбидааст, – гуфтанд дигар донишҷӯён. – Хоб дидаӣ.

– Хоб-поб надидам. Се бор ҷунбид.

– Не, наҷунбидааст, – аз ҳар тараф мегуфтанд донишҷӯён.

– Наҷунбидааст, наҷунбидааст, ҳамаатон хоб будед, ана дароед, бинед, кати хобам дар куҷост.

Донишҷӯён аз долон ба ҳуҷраи хоби Шамол даромаданд. Дар ҳақиқат кати хоби ӯ аз ҷояш беҷо шуда, дар байни хона меистод.

– О, Хаёл хоб аст-ку? – гуфт донишҷӯе.

– Хаёл набуд, – гуфт Шамол.

– Набуд?

– Бале, қасам мехӯрам, ки набуд.

– Чи хел набуд, о, ҳаст-ку?

– Ё аз тиреза даромад.

– Ду бор чароғро равшан кардам, набуд.

– Ба хаёлат намудааст, гуфтанд донишҷӯён. Баъзан мешавад, инро хоби бисмил (даҳшатнок) мегӯянд.

Донишҷӯён ҳуҷра ба ҳуҷра рафтанд. Шамол ба рӯи каташ нишаст. Хаёл мӯяшро наҷунбонда хоб мерафт. Шамол ҳам ба бистар даромад. Вале то рӯз хобаш набурд.

# «ҚАҲРАМОН»

Ба ҳуҷраи кориям яке аз коргарони идора, ки аз ғаму шодии нависандагӣ бехабар буд, зуд-зуд медаромад. Соатҳо менишаст, аз шунидаю дидааш ҳикоят мекард, ба ӯ аҳамият надошт, ки суханҳояш ба дарди ман мехӯрад ё не, ӯ худ аз гуфтаҳояш хуш мешуд, завқ мекард, механдид. Ба ман даст медод, ба китфам мезад.

Рӯзҳои аввал аз рӯи одоб тоқат мекардам, ба суханҳои пучу пукаш гӯш медодам. Ба саволҳояш кӯтоҳ-кӯтоҳ ҷавоб мегардондам. Омаду рафташ торафт бештар шуд.

– Ҳа, зиқ шуда шиштӣ? – мегуфт дарро кушода.

– Зиқ не, фикр мекунам.

– Бисёр фикр накун, мӯи сарат сафед мешавад.

Ман ба ӯ ҳарфе нагуфта ба навиштан машғул мешудам. Вале ӯ хомӯширо дӯст намедошт.

– Шунидӣ? – мегуфт ба ман

– Не, – сар бардошта ба чеҳрааш менигаристам: симояш тоза, гӯё саҳарӣ як қадаҳ май нӯшида бошад, гунаҳояш сурх. Дандонҳо тилло. Пироҳан оҳар задагӣ, тавқи гардан нақшин.

– Ҳар саҳар ҳуҷра ба ҳуҷра гаштан лозим. Одамонро мебинед, гапҳои нав мешунавед.

– Худат шунида бошӣ, гӯё ман шунидаам.

– Одамон раиси идораро дар автобус дидаанд.

– Хайр, ҳамин ҳам гапи нав шуд?

– Дар даст сатил доштааст.

– Сатил барои чӣ?

– Ана, ҳама гап дар сари ҳамин-да, ҳеҷ кас намедонад, ки сатил барои чӣ?

– Аз худаш напурсидед?

– Кӣ ғайрат мекунад, ки инро аз раис пурсад.

– Ман ҳозир мераваму аз раис мепурсам, – гуфта аз ҷоям хестам.

– Нарав, айб аст.

– Меравам!..

Аз дар баромадам. Ӯ аз ҷояш нахеста ба ман менигарист.

– Ту мешинӣ ё дарро қулф кунам?

– Ман дар беруни дар интизор мешавам.

Ӯ ноилоҷ аз дар баромад. Ман ба сӯи қабулгоҳи раис рафтам. То чошт ба ҳуҷраи кориам наомадам, ки ӯро набинам.

Рӯзи дигар дари ҳуҷраи кориамро мекушодам, ки дар пасам ҳозир шуд.

– Дирӯз хеле туро мунтазир шудам, ба фикрам ҳамроҳи раис шоҳмот бозӣ кардед?

– Ман шоҳмотбоз не.

– Шоҳмотбозӣ ҳам кори хуб, баъзеҳо бо сардорҳо шоҳмот бозӣ карда, ошно мешаванд, сонӣ бепарво мегарданд. Хайр, аз сатил пурсидӣ?

– Пурсидам, – дурӯғ гуфтам.

– Чӣ гуфт?

– Аз бозор сатили нав харидам, гуфт.

– Сардор ба бозор ҳам мерафтааст-да…

Ӯ боз аз бозору сардору дигар коргарон ба ман ҳикоятҳо кард. Рӯям намешуд, ки аз ҳуҷраам ӯро пеш кунам. Ба суханҳояш ҷавоб намедодам, ба навиштан машғул мешудам. Аммо ба ӯ фаросат намерасид, ки камбудияшро ислоҳ кунад. Оқибат рафтораш ба дилам зад, тоқатам намонд. Рӯзе ба ӯ гуфтам:

– Хоҳед чой монда нӯшед, хоҳед китоб хонед, аммо аз ман ҳар гапи майда чӯйдаро напурсед. Ман вақт надорам, ки ба ҳар саволи лозиму нолозими ту ҳар рӯз даҳҳо бор ҷавоб диҳам. Ба ғайр аз ин ҳам, охир ман нависандаам, бояд нависам, мутолиа кунам. Кори ман ҳамин аст. Аз рӯи ҳамин ҳунар нон мехӯрам..!

Вай ранҷид:

– О, ман ба навиштану хондани ту кордор нестам-ку?

– О, ту дар ин ҷо нишинӣ, ман чӣ хел менависам?

Ӯ ҳайрон ба сӯям нигарист. Ба ӯ гуфтам:

– Дар ин мизе, ки ту нишастаӣ, бояд қаҳрамонҳои ман нишинанд. Дар ин ҷойҳое, ки ту қадам мезанӣ, бояд қаҳрамонҳои ман қадам зананд. Ба ҷои ту ман, бояд ки онҳоро бинам. Ин ҳуҷра гоҳо ба боғ, гоҳо ба майхона, гоҳо ба кӯҳсор, гоҳо ба биёбон, гоҳо ба шаҳри азим табдил меёбад. Қаҳрамонҳои ман ҳамчун фариштаҳои осмонӣ парвоз

карда, даврам рақс мекунанд, суруд мехонанд. Онҳо ошиқанду аз дарди ишқ ашк мерезанд. Онҳо аз кинаю хусумат зидди якдигар теғ мекашанд… Фаҳмидӣ?

Ӯ суханонамро ҳазл фаҳмид, бо тааҷҷуб сӯям нигарист. Баъд қоҳ-қоҳ хандид.

Ба ӯ гуфтам:

– Ту, ки дар ин ҷо нишастаӣ, ман ба ғайр аз чеҳраи муборакат дигар чизеро намебинам.

Баъд аз ҷой хест. Маро оғӯш карда гуфт:

– Агар ин тавр бошад, ман қаҳрамонҳои ҳамаи асарҳои ту будаам…

Рӯзи дигар дарро беибо кушода гуфт:

– Зиқ нашав, қаҳрамонат омад!...

*27.11.2008.*

## БАРОР

Пас аз хатми донишкадаи олӣ Барор ба ҷустуҷӯи кор сар кард. Дари чанд идораро куфта, оқибат ба шӯъбаи барномаҳои хориҷии Радиои Тоҷикистон омад. Дар ин шӯъба шахси хеле ҳам сахтгир ва собиқадор Қодир Наимӣ кор мекард. Ба сару рӯи Барори ҷавон нигариста пурсид:

– Укаҷон чӣ хизмат?

– Ман, – гуфт Барор ларзидаю тарсида, – имсол шӯъбаи арабии Университети давлатии Тоҷикистонро хатм кардам. Кор мекобам… Агар бошад…

– Шумо аз куҷо?

– Аз Уротеппа.

– Ҳм, – гуфт Қодир Наимӣ. – Уротеппагиҳо одамони нағз, дар мо чанд нафарашон кор мекунанд. Вале укаҷон, ҳозир кор нест, ҷои холӣ надорем.

Барор аз бебарории кораш ғамгин шуда, аз шӯъбаи барномаҳои хориҷии радио баромад. Дар сари чорраҳаи Хонаи матбуот ба яке аз рӯзноманигорони машҳур ва таҷрибадор, ки ҳафтае қабл тасодуфан шинос шуда буд, рӯ ба рӯ омад. Рӯзноманигор аз ӯ аҳвол пурсид. Барор бебарориҳои корашро ҳикоят кард. Рӯзноманигори ботаҷриба хандиду гуфт:

– Ин кори мушкил нест. Рафта самбӯса ва ду арақ гир. Фардо ба кор қабул мешавӣ.

Барор бо кисаи холӣ ба сари дукони самбӯсапазӣ давид. Дукон дар ҳудуди Хонаи матбуот ҷой гирифта буд. Барор медонист, ки дукони самбӯса ба мудири матбаа вобастагӣ дорад. Зиракӣ карда ба самбӯсапаз гуфт:

– Амак, мудир фиристонданд. Даҳ самбӯса диҳед.

Вақте самбӯсапаз даҳ дона самбӯсаро ба коғаз печонда ба дасташ дод, Барор гуфт:

– Ду шиша арақ ҳам фармуданд.

Самбӯсапаз аз дукони шаробфурӯшии паҳлӯяш ду шиша арақ ҳам ба ӯ харида дод.

Барор хурсанд шуда ба назди рӯзноманигори ботаҷриба омад, ки сари чорраҳа ӯро интизор буд.

– Бо пули худат харидӣ? – пурсид рӯзноманигор.

– Не, аз номи амакам гап задам.

– Фикр кун, ки ту аллакай ба кор қабул шудаӣ.

– Чӣ хел?

– Дигар напурс.

Онҳо ба чойхона рафта самбӯсаҳоро хӯрда, арақҳоро нӯшиданд. Пас аз хестан Барор гуфт:

– Ман чӣ кор кунам?

– Гуфтам-ку, ту ба кор қабул шудагӣ?

– Чӣ хел? – боз пурсид Барор.

– Охир номат Барор, номи падарат Исрофил. Исрофил дӯсти раиси Кумитаи телевизион ва радио мебошад. Онҳо хешӣ ҳам доранд. Сухани якдигарро намегардонанд.

– Кадом Исрофил?

Ин тарафашро напурс. Рост ба назди Раиси Кумитаи радио ва телевизион Аминҷон Шукӯҳӣ рафта, ман ҷияни Исрофилов гӯй. Натарсида, маро тағоям фиристоданд, мегӯӣ.

Барор рӯзи дигар дари ҳуҷраи кории Аминҷон Шукӯҳиро куфт. Сонӣ оҳиста кушода даромад. Хонаро дуди тамоку ғуборолуд карда буд. Барор салом дод. Аминҷон Шукӯҳӣ ба саломаш ҷавоб надода, ба сиёсат даромад. Чунон кард, ки аз сару рӯи Барор арақ шашқатор рехт. Пас гӯшаки телефонро бардошта занг зад. Лаҳзае нагузашта ба ҳузураш зани қомат-

баланди пешобағалаш васеъ, ки сардори шӯъбаи кадрҳо буд, даромад.

– Ҳозир фармони аз кор рондани инро навис! гуфт Аминҷон Шукӯҳӣ.

Сардори шӯъбаи кадрҳо ба чеҳраи Барор бодиққат нигаристу гуфт:

– Ин бача дар идораи мо кор намекунад.

– Ту кӣ? – пурсид Аминҷон Шуқӯҳӣ.

– Ман ҷияни Исрофилов.

– Ҳоҷамқулов канӣ?

– Ҳоло ба кор наомадааст, – гуфт сардори кадрҳо.

– О, ман ин бачаро Ҳоҷамқулов гуфта сахт ҷанг кардам. Равед, Ҳоҷамқуловро кофта биёред!

Сардори шӯъбаи кадрҳо аз ҳузури Аминҷон Шукӯҳӣ баромад. Раис аз Барор пурсид:

– Ман кӣ гуфтӣ?

– Ҷияни Исрофилов. Тағоям телефон накарданд?

– Не. Чӣ кор доштӣ?

– Ҳамин сол университетро тамом кардам. Шӯъбаи арабӣ. Тағом гуфтанд, ки ба назди шумо дароям, ягон кор ёфта диҳед.

– Кадом забонро медонӣ?

– Арабӣ, форсӣ, афғонӣ, тоҷикӣ, ӯзбакӣ…

– Шуд, шуд!...

Аминҷон Шукӯҳӣ гӯшаки телефонро бардошта, ба Қодир Наимӣ занг зад. Тахминан пас аз даҳ дақиқа он кас нафаскашон дарро кушода даромад. Ба Барор каҷ-каҷ нигаристу хушомадҷӯёна хам шуда ба Аминҷон Шукӯҳӣ салом дод.

– Ҳамон ҷои гуфтагиам холӣ аст?

– Бале, раис.

– Ана ҳамин бачаро ба кор мегиред.

– Охир, ин бача нав университетро тамом кардааст, барои мо мутахассиси услубшинос лозим.

– Ин бача қобил аст. Надонад ёд диҳед.

Ҳамин тариқ кори Барор барор гирифт. Ӯро оварда ба коргарони идораи радиои хориҷӣ муаррафӣ карданд. Дар ин ҷо мутахассисони забонҳои арабӣ, форсӣ, дарӣ, ки аксар

хориҷиёни муҳоҷир буданд, кор мекарданд. Пас аз хатми маъракаи муаррафӣ яке аз онҳо ба тариқӣ шӯхӣ аз Барор пурсид:

– Писарам, кадом забонро нағз медонӣ?

– Барор гуфт:

– Дувоздаҳ забонро медонам, бо шаш забон менависам.

– Масалан?

– Забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, арабӣ, дарӣ, мисрӣ, суриёӣ, русӣ, украинӣ (он ҷо дар аскарӣ хидмат кардаам), ӯзбекӣ, қазоқӣ, туркманӣ, қирғизӣ. Бо тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ, арабӣ, мисрӣ, суриёӣ, ӯзбекӣ, русӣ менависаму мехонам.

– Забондоният, писарам, маълум шуд. Чӣ ҳунар дорӣ?

– Ҳунар…, – дар монд Барор.

– Ҳунари арақнӯшӣ дорӣ?

– Бале.

– Ишқбозӣ чӣ?

– Дорам.

– Ҳа, ҳамин ҳунарҳоро дошта бошӣ, одам мешавӣ. Хеста раву арақу самбӯса биёр.

Барор боз ба сари самбӯсафурӯши назди Хонаи матбуот рафт.

– Ҳа, писарам, чӣ гап?

– Ҳамааш нағз. Боз амакам фиристоданд. Меҳмон дошта-анд.

– Чанд самбӯса лозим?

– Чилта бошад, мешавад. Ду арақ кифоя.

Самбӯсапаз бе пурсупос супоришро иҷро кард.

Ҳамин тариқ Барор аъзои мустақил ва комилҳуқуқи идора шуд.

Аз байн чанд рӯз гузашту Қодир Наимӣ Барорро ба ҳуҷраи кориаш хонд.

– Чаро раиси Комитет Аминҷон Шукӯҳиро фиреб додӣ?

– Фиреб надодаам, ин гапро кӣ гуфт?

– Ман хеши наздики вазир Исрофилов. Аз ӯ пурсидам. Ин хел ҷиян надорам гуфтанд.

– О, ман ҷияни Исрофилови вазир не, ҷияни Исрофилови ӯротеппагӣ, падарам домулло Исмоилов.

– Баъд ҳамин гапро ба раис нагуфтӣ?

– Гуфтам. Ман ҷияни Исрофилов гуфтам.

Қодир Наимӣ дар маҷлиси навбатии сари ҳафта Барорро зери танқид гирифт. Вале кормандони идора ӯро ҷонибдорӣ карданд.

Ин овозаҳо ба гӯши вазир Исрофилов расиданд. Ӯ аз Қодир Наимӣ хоҳиш кард, ки Барорро ба ҳузураш фиристонад. Бинад, ки чӣ хел бача аст. Барор боз араку самбӯса гирифта, ба ҳузури Исрофилов рафт. Вазир аз ӯ пурсид, ки чаро ин тавр ҳарф задӣ?

– Ман ҳеҷ касро фиреб накардаам, тағоям Исрофилов ном доранд. Дар Ӯротеппа кор мекунанд, деҳқон. Ба ман фалон рӯзноманигор гуфтанд, ки ба назди Аминҷон Шукӯҳӣ рафта, гӯй ки ман ҷияни Исрофилов. Ба кор қабул мешавӣ. Рафтам, ба кор қабул карданд.

– Ана, ҳамон рӯзноманигори тарамарг ҷияни ман аст, – гуфт вазир. – Вале аз имрӯз сар карда, ту ҷияни ман. Натарсида, ман ҷияни Исрофилов гуфтан гир.

Барор бо табъи хуш аз идораи вазир Исрофилов баромад.

Рӯзи дигар Қодир Наимӣ аз Барор пурсид:

– О, ҷияни Исрофилов будай-ку?

– Мо хеш! – гуфт Барор.

## ҚАСР

*(Тамсил)*

Муҷики Наҷик дар курсии нимдоште нишаста, ба оби кабуди ҳавз менигарист. Дилтанг буд. Хаёлаш парешон. Оби ҳавз мавҷ мезад. Акси як қисми бинои қаср дар об меҷунбид. Ин ҷунбиш ба назараш хавфнок намуд. Ӯ намехост, ки об ҷунбад ва қаср ларзад: Худо накунад, ки он фурӯ равад, аз Муҷики Наҷик на ном мемонад, на нишона…

Зоғе баланд парвоз кард, сояаш аз ҳавз гузашт. Муҷики Наҷик сар бардошт, зоғро надид. Вақте ки боз ба оби ҳавз нигарист, чашмаш ба қурбоқаи сабзранге бархӯрд, ки чашмонаш булуқ буданд. Қурбоқа намеҷунбид. Ба Муҷики Наҷик менигарист.

Дар ин ҳавз қурбоқа аз куҷо пайдо шуд? – худ ба худ гуфт Муҷики Наҷик. Ӯ хизматгори хонаашро мефармуд, ки се рӯз пас оби ҳавзро тоза кунад. Акнун хизматгор ҳам ӯро партофта рафтааст. Ба дохили ҳавз қурбоқа омадааст. Қурбоқаи сабзранг наҷунбида ба ӯ менигарист. Муҷики Наҷик аз ҷояш хест, ба қурбоқа наздик шуд. «Вақ!» садо баровард қурбоқа, пойҳояшро дароз кард. Панҷаҳои ақибаш мисли шиноварҳои баҳрӣ парда доштанд. Оби ҳавз боз мавҷ зад, акси қаср дар дохили он ларзид.

– Аз куҷо омадӣ? – суол дод Муҷики Наҷик ба қурбоқа.

– Худат аз куҷо омадӣ? – ба мисли одам бо овози борике, ки гӯё аз қаъри ҳавз меомада бошад, ҳарф зад қурбоқа.

– Ман аз ҳеҷ куҷо наомадаам, ин хонаи шахсии ман аст.

– Аввал дар куҷо хона доштӣ?

– Аввал дар деҳот, мудири анбори хоҷагӣ будам.

– Ҳа.., – гуфт қурбоқа ба оби ҳавз ғӯта зад. Муҷики Наҷик дар ҳайрат монд. Бори аввал қурбоқаро медид, ки мисли инсон ҳарф мезанад.

Қурбоқа ба канори дигари ҳавз рафт. Муҷики Наҷик чашм молид, ба атроф нигарист: «Худоё, ман хобам ё бедор!» Дар ҳақиқат ҳам ӯро каме пинак бурда буд…

Соли 1992 Муҷики Наҷик дид, ки қувваҳои низомӣ ба шаҳри Душанбе дохил шудаанд, аз куҷое як автомати бетир ёфт. Дар паҳлуяш ду-се ҷавони тануманди бекоргардро ҷамъ кард. Ба ҳар куҷое мерафт, аз номи дастаи «Ғаффор Седой» ҳарф мезаду амр мекард. Ба шарафи номи «Ғаффор Седой» кораш пешрав буд. Ба ҳар ширкате ва мағозае наздик мешуд, бепурсиш чизе мехост мегирифт.

Боре ба амбори сӯзишворие омаду раиси онро ба каноре хонд:

– Оромӣ аст? – пурсид раис.

– Хоҳӣ, ки саҳат саломат монӣ, – гуфт Муҷики Наҷик ба ӯ, – ҷоро холӣ кун!

– Чӣ хел?

– Амри «Ғаффор Седой» аст.

– О, «Ғаффор Седой» худаш маро ҳамин ҷо монда буд-ку?

– Акнун бас, фарбеҳ шудааст, гуфт.

Раиси ширкати сӯзишворӣ ҷоро холӣ кард. Пул ба кисаи Муҷики Наҷик меомад. Ҷои монданаш ҳам набуд. Дар шаҳр паси ҳам қасрҳои шахсӣ қомат бардоштанд. Ба сари Муҷики Наҷик ҳам зад, ки қасре аз худ ёдгор гузорад. Ба ӯ маҳаллаи кореягиҳои Душанбе маъқул шуд. Чор оиларо бо дигар ҷо ронду ба сохтани қаср сар кард…

Муҷики Наҷик аз курсӣ хеста, ба канори дигари ҳавз рафт. Қурбоқа сарашро аз об баровarda буд.

– Ту инсӣ ё ҷинсӣ? – аз ӯ пурсид Муҷики Наҷик.

Қурбоқа забончаашро баровард. Мисли забони мор меларзид.

– Вуқъ! – гуфт.

– Нафаҳмидам?

– Ту маро намефаҳмӣ, – боз мисли одам ҳарф зад қурбоқа.

– Аз куҷо ба ин ҳавз омадӣ?

– Ман ҳамин ҷо будам, ту маро намедидӣ, пеши чашматро хун гирифта буд. Гарданат ғафс шуда.

– Маро таҳқир накун! Кафлезро мегираму туро дур мепартоям!

– Гузашт замони ту…

Қурбоқа боз ба об ғутта зад.

…Муҷики Наҷик қасрро бино карду ба сари зану фарзандонаш ба деҳот рафт. Чор мошин пешопеш, чор мошин аз қафо. Дар мошини сиёҳи хориҷӣ дар байн занаш, се фарзандаш ва модараш меомаданд. Вақте аз ағба фаромаданд мошинҳо бо ҳам бархурданд. Мотам шуд. Модараш ва зану фарзандонаш қасрро надида ҷон доданд.

Гузашт ин ғамҳо ҳам. Ба никоҳи мусулмонӣ зан гирифт. Як қисми қасрро ба ӯ бахшид. Чанде аз байн гузашту бо зани қашанге ошно шуд. Вуҷудашро ин зан ларзонд, қалбашро ба шӯр овард. Як қисми қасрро ба ин занаш дод. Аввал занҳо бо ҳам мисли дугона меҳрубон буданд. Вақте ки аз Муҷики Наҷик соҳиби фарзанд шуданд, бо ҳам сагу пишак гаштанд.

– Дар ин хона ё ман мемонам, ё ҳамин зани фоҳишаат! – дод мезад ба сараш зани якумаш. – Ҳамин рӯз ӯро пеш кун, ё хона харида деҳ!...

– Маро аз болои кӣ овардӣ? Айб аст, ки ту барин мард ба

ҳамин шалота нигоҳ кунӣ! Рон ӯро аз хона. – Аз шавҳари аввалаш ҳам кӯдак доштааст…, – маҒал мебардошт зани дуюм.

Кор ба судбозӣ расид. Муфаттишон омаданд, оқибат Муҷики Наҷик аз вазифаҳо барканор шуд…

«Ин қурбоқаи оддӣ нест. Ягон рӯҳ аст. Оқибат ба сари ман балое меорад». – худ ба худ гуфт Муҷики Наҷик. Ба канори дигари ҳавз ба ҷустуҷӯи қурбоқа рафт. Қурбоқа дар таги ҳавз шино мекард. Об меҷунбид. Осмонро ҳам гӯё касе меҷунбонд. Дар об акси як пора абрро дид, ки бе ҳеҷ тарсу ларз ба сӯи офтоб ҳаракат мекард. Як пора абр метавонад, пеши офтобро гирад, рӯи заминро тира кунад. Оё касе ҳаст, ки ҳаракати офтобро боздорад ё пораи абрро пароканда кунад?

Вақте ки дар дасташ автомат буду дар паҳлуяш панҷ-шаш марди танумaнд, аз ҳеҷ чиз тарс надошт, касе пеши роҳашро гирифта наметавонист. Чӣ ки дилаш мехост мекард.

– Ба бағалашон санг андохта ба дарё партоед! – амр медод. Понздаҳ касро ба дарёи Вахш партофтанд.

– Чуқур канда гӯр кунед, ки саг бӯяшонро наёбад! – амраш иҷро мешуд.

Акнун чӣ? Қурбоқае ба ӯ итоат намекунад.

Қурбоқа фикри Муҷики Наҷикро фаҳмид, сар берун аз об баровард:

– Он дунёро дидаӣ? – пурсид қурбоқа.

– Не.

– Азобаш аз ин дунё дида бештар аст. Ҳар касе аз дасти ту ситам дидааст, даҳ баробар бештар туро ҷазо медиҳад. Дунёро бесоҳиб гумон кардӣ?

– Ту ба ман бигӯ, оё қурбоқаи ё одам?

– На ину на он. Ман Азроилам. Ҷони туро гирифтанӣ омадаам.

– Ҳазл накун.

– Вале ман ба осонӣ ҷони туро намегирам.

– Чӣ хел?

– Аввал ба ҳамаи гуноҳҳоят ҷавоб медиҳӣ. Пас туро ба зиндон мешинонам, аз он ҷо ба дузах мефиристам.

Муҷики Наҷик ба қаъри ҳавз нигарист. Дар он ҷо қурбоқа набуд.

– Куҷо шудӣ, ман аз ту як хоҳиш дорам?

– Ман дар осмонам, ту дар оби ҳавз акси маро мебинӣ.

– Маро аз ин варта халос кун. Ҳама дороиямро ба ту медиҳам. Дар зери ҳавз таҳхона аст, дарашро кушой, чизҳои қиматбаҳое дорам, ки соҳиби ҳамааш мешавӣ.

Садо омад:

– Агар ман бо пора ҳаромкоронро наҷот медодам, дунё пури фасод мешуд. Боигариатро мебарӣ бо худ ба он дунё.

Оби ҳавз ларзид, сипас фавора зад. Қаср дар назари Муҷики Наҷик ларзид. Ӯ беёд шуд.

Рӯзи дигар муфаттишон ҳамроҳи ҳарду занаш ба қаср омаданд, ҷасади ӯро аз даруни ҳавз ёфтанд.

## ВАСИЯТНОМА

*(Фелетон)*

Нооромиҳои суқути Иттиҳоди Шӯравӣ сар шуду бисёр касон манзилҳояшонро партофта аз шаҳри Душанбе ба хориҷа рафтанд. Маймун, ки ҷорӯбкаши бозори «Саховат» буд, ба ду-се кас ҳамроҳ шуда, ба ғорати дӯконҳо даст зад ва аз ин маблағи ба даст овардааш дар наздикии бозор дар бинои чорқабатае ду хонаи сеҳуҷрадор харид. Дар ҳамсоягиаш як пиразани танҳои рус монда буд: умраш ҳам аз ҳафтод гузашта, маризмонанд, бо асо мегашт. Маймун хурсанд буд, ки пиразан ҳам ба ягон ҷо фирор мекунад ва ӯ бо нархи арзон соҳиби хонаи сеюм мешавад.

Пиразан ҳар саҳар аз хоб мехесту ба мағоза мерафт. Аз он ҷо як кулчаи нарм, як қуттӣ ҷурғот, камтар ҳасиб, гоҳо ду-се мева мехариду ба ҳавлӣ меомад. Дар харак менишаст. Занони тоҷик, ки ҳамаашон нав аз деҳот ба шаҳр омада, ба иҷозату беиҷозат, хонаҳои бинои истиқоматиро ғасб карда буданд, ба ӯ ҳамсӯҳбат намешуданд. Пиразан ҳамеша рӯ ба сӯи офтоббаро менишасту ба пеш менигарист. Пеши ҳавлӣ ҳам васеъ ва хушманзара набуд. Майдончаи валангори кӯдакона. Ду-се дарахти арказ, ки аз беобӣ каҷу хазон буданд. Пиразан ба мисли зоғи танҳо, гоҳ-гоҳ сарашро ба чапу рост гардонда соате чанд он ҷо менишаст. Баъд ба хонааш медаромаду пеш аз

шом мебаромад. Вақте ҳаво торик мешуд, боз ба манзилаш мерафт.

Маймун, ҳар вақте ки ӯро медид, мегуфт:

– Кампир, чӣ аҳвол дорӣ?

– Интизорам…, – мегуфт пиразан.

Маймун хурсанд мешуд, ки пиразан касеро интизор аст ва омада ӯро мебарад. Насиб бошад ин хонаро ҳам ӯ соҳиб мешавад.

Аз байн моҳҳо гузаштанд, касе ба аёдати пиразан намеомад. Маймун ҳар вақте ба ӯ рӯ ба рӯ мешуд, боз ҳам мепурсид:

– Кампир, чӣ аҳвол дорӣ?

– Интизорам…, писарам, – мегуфт.

Пиразан чанд рӯз ба мағоза нарафт, ба рӯи ҳавлӣ ҳам набаромад. Дари хонааш ҳам на кушода мешуду на пӯшида. Маймун хотирпарешон шуд, боз намурда бошад? Оҳиста дарашро куфт. Садое набаромад. Баъд дарро кашид. Қулф набуд. Ба хонаи пиразан даромад. Ӯ рӯи девоне хоб буд. Хона тоза, ҷевонҳо аз китобу чиниворӣ пур. Дар девори назди девони хоб қолини зебое задагӣ. Дар рӯи қолин аксе дохили чанбараи чӯбин. Дар акс се кас: марди ҷавон, зани зебо ва писарбачае дар мобайн…

Пиразан фаҳмид, ки касе ба хонааш даромадааст, оҳиста дохили бистар ҷунбид ва сарашро бардошта гуфт:

– Кист?

– Ман, ҳамсоя.

– Биё.

– Бетоқат нашавед, – гуфт Маймун. – шуморо рӯи ҳавлӣ надидаму ташвиш шудам. Саломатиятон чӣ хел?

– Интизорам… – боз гуфт пиразан.

– Киро? – пурсид Маймун

– Касе надорам, фарзандам, – маргро интизорам. Эҳтимол гуноҳам бисёр будааст, ки Парвардигор ҷонамро ба осонӣ намегирад.

Маймун фаҳмид, ки «интизорам» гуфтани пиразан маънии дигар доштааст.

– Ин тавр нагӯед, ҳар кор вақту соат дорад, – гуфт. – Шукр кунед, ки зиндаед.

– Оё аз ҳамин зиндагӣ марг беҳтар нест. Ҳама шиносҳо рафтанд. Касе аз дарам намедарояд.

– Мо ҳамсояҳо, ҳастем, – шуморо танҳо намемонем, – гуфт Маймун.

– Ташаккур, фарзандам.

– Чӣ хидмат кунам?

– Ҳама чиз дар яхдонам ҳаст, аммо тавоноии аз бистар хестан надорам.

– Ман ҳозир барои шумо ғизои гарм мефармоям, – гуфт Маймун. Аз таҳти дил хурсанд буд, ки оқибат пиразан ба чангакаш меафтад.

– Ташвиш накаш, писарам. Иштиҳо надорам.

– Ҷои ташвиш нест. Ин қарзи ҳамсоягӣ аст. Хӯроки гарм хӯред, қувват мегиред.

Маймун шитобон аз хонаи пиразан баромад.

Пас аз ягон соат табақчаи ширбиринҷ дар даст ҳамроҳи занаш ба хонаи пиразан даромаданд. Соҳибхона аз бистар хеста буд, рӯи хона қадам мезад.

– Ана фоли нек, – гуфт Маймун, – аз бистар хестаанд.

– Қадамат сабук будааст, фарзандам, – гуфт пиразан.

– Пушти мо бақувват, гузаштагонамон авлиёю саидзода.

Пиразан ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонд.

Зану шавҳар пиразанро меҳрубонона паси миз шинонданд ва табақчаи ширибиринҷи гармро пешаш монданд. Вай оҳиста-оҳиста ғизо хурд. Маймун гуфт:

– Номи занам Майрам, шинос шавед. Шуморо нигоҳубин мекунад. Чи ки лозим бошад, бароятон меорад.

– Ташаккур фарзандам.

Пас аз ин рафтуомади Маймуну занаш ба хонаи пиразан бештар шуд. Аз ғизоҳои гарм кампир тавоноӣ гирифт. Ба берун мебаромаду ба мағозаҳо мерафт. Рӯзҳои шанбею якшанбе либосу баъзе анҷомҳои хонаашро ба сари роҳи калон бароварда савдо мекард.

Маймун бегоҳие ба хонаи пиразан даромада, дурру дароз сӯҳбат кард. Пурсид, ки меросхӯр дорад ё не? Пиразан оҳи бадард кашид. Касе надорам, гуфт. Шавҳарам бист сол пеш вафот кард. Писарам дар хоки Афғонистон шаҳид шуд. Як хоҳар доштам, ба Россия рафт. Гоҳ-гоҳ хаташ меояд.

Маймун гуфт:

– Одаму ҳаводис, гуфтаанд. Дилатон ганда нашавад, ҳамин хонаро шахсӣ кардаед ё не?

– Не, бачам. Даводаваш бисёр гуфтанд. Поям ба лаби гӯр расидааст…

Аз ин хабар дар қалби Маймун оташаке шӯъла зад. Чеҳраи кулӯлааш шукуфт. Чашмони аз фарбеҳи танг шудааш дурахшиданд.

– Бибӣ, – гуфт ба тарафи пиразан хам шуда, – агар иҷозат диҳед, ман даводав карда, хонаро ба номатон шахсӣ мекунам.

– О, бачам , ҳамин барои ман зарур аст?

– Зарур аст. Шахсӣ ин мулк аст. Метавонед, фурӯшеду якхонагӣ гиред ё ба ягон кас эътимоднома медиҳед, гурӯ чӯбатонро ба гардан мегирад. Ҳафту чил ва сари солатонро мегузаронад. Дар сари қабратон санги ёдгорӣ мегузорад.

Пиразан ҳам аз он ки дар сари қабраш санги ёдгорӣ мегузоранд, хурсанд шуд.

Маймун рӯзи дигар ҳуҷҷатҳои хона ва шиносномаи пиразанро гирифта, дари идораҳои зарурири куфтан гирифт. Расо, пас аз се ҳафта пиразанро ҳамроҳаш бурд, ки ба ҳуҷҷатҳо имзо гузорад.

Хона шахсӣ шуд. Маймун ҳам хурсанд буду пиразан ҳам.

Пас аз чанде Маймун ба пиразан пешниҳод кард, ки васиятнома нависад, ки молу мулкаш пас аз сараш ба кӣ мемонад.

– Ман, писарам, аз худат дида одами боэътимод надорам. Ман, ки мурдам, хонаю анҷомам насибат шавад. Худат ва занат ҳар рӯз дар ҳаққи ман некиҳо мекунед.

Аз ин суханҳои пиразан Маймун шерак шуду пиразанро ба идораи нотариалӣ бурд. Ба номи худаш – Маймун Тешаевич Нафсов васиятнома гирифт.

Аввалин хурсандияшро ба занаш изҳор кард:

– Азизам, ин хона ҳам аз худамон шуд. Ба фикрам, рӯзҳои башумори пиразан мондагӣ. Ба ӯ рафтори хуш кун, ки боз васиятномаашро гардонда нагирад.

– Гардонда гирифтанаш ҳам мумкин?

– Бале. То зиндааст, метавонад, ки аз ваъдааш гардад. Пас аз мурданаш ҳама чизаш аз они мо мешавад.

Акнун меҳрубонии зану шавҳар нисбати пиразан дучанд шуда буд. Маймун ба пиразан гуфт, ки анҷоми хонаашро ба сари роҳи калон бароварда нафурӯшад. Се вақт хӯрокаш медиҳанд, дору лозим шавад, мехаранд. Бепарво зиндагӣ кардан гирад.

Аз байн як солу ду сол гузашт. Пиразан бардам шуд. Нишони беморие дар баданаш намонд, механдиду бо одамон сӯҳбат мекард. Ба хона дугонаҳояш меомаданду мерафтанд.

Рӯзе зани Маймун ба шавҳараш гуфт:

– Ба фикрам ин пиразан мурданӣ нест.

– Мемурад, одаме нест, ки намурад, – гуфт Маймун ба занаш.

Пиразан ба хонаи Маймун омада ба зани ӯ ёрдам мекард, фарши хонаро меруфт, косаю табақро бо хокаи хушбӯй мешӯст, қолинҳоро бо чангкашак тоза мекард. Ёде ҳам аз мурдан надошт.

Маймун сари чанд вақт васиятномаи пиразанро аз кисааш бароварда тамошо мекард. Баъд ба хонаи пиразан даромада, қабат-қабат гӯшт мегирифт, ки се хона бо аҷносаш ба ӯ мерос мемонад.

Хонаҳо дар шаҳр торафт қимат мешуданд. Маймун худ ба худ ҳисоб мекард: «Хона панҷоҳ ҳазор доллар, аҷносаш ҳам панҷоҳ ҳазор доллар истад, сад ҳазор мешавад». Пиразан зарфҳои булурӣ, ҷевонҳои румӣ дошт. Қолинҳояш ҳам эронӣ буданд. Дар се хона девон, китобҳояш бисёр.

Маймун китобро дӯст намедошт. Агар мурад, китобҳояшро бароварда мепартоям. Ҳамсояҳо алав мекунанд. Ба ҷои китобҳо зарф мемонам. Ҳозир зарфи чинӣ арзон.

Аз байн даҳ сол гузашт. Сини пиразан ҳам аз ҳаштод гузашт. Дар чеҳрааш беморие ҳис карда намешуд.

Боз зани Маймун ба шавҳараш гуфт:

– Ин кампир мурданӣ нест!

– Мемурад, азизам, мемурад! Як рӯз не, як рӯз таппӣ афтида мемурад.

Аммо пиразан намемурд.

Маймун бемор шуд. Пиразан аз сари бистараш дур намерафт. Ба ӯ оби гарм медоду шарбат. Баъд Маймунро аз бемо-

ристон ба бемористон гардонданд. Бемориаш беҳтар намешуд.

Пиразан «писархондам» гуфта мегирист. Писархонд бо ранги зард ба чеҳраи «модархондаш» менигарист. Фаромӯш карда буд, ки васиятнома дар кисаи кадом костюмаш ҳаст.

Оқибат Маймун табобат наёфта мурд. Пиразан дар сари тобуташ чанд рӯймолчаро тар кард. Чанд бегоҳӣ ба гӯристон рафта, дар сари қабраш шамъ монд.

Вақте либосҳои Маймунро ба бенавоён медоданд, аз кисаи як костюмаш васиятнома баромад. Зани Маймун онро бехосият гуфта, даронда партофт.

Сини пиразан аз навад гузаштааст. Ҳоло ҳам зинда аст.

*18.10.2010*

## ПИСАРХОНД

Ҳамроҳи дӯстам Зарифи Шариф ба яке аз ошхонаҳои бозори «Баракат» даромада, паси мизе нишастем. Вақти шом буд. Дар рӯ ба рӯи мо ҷавони тахминан сисолае менишаст, ки дар пешаш як қадаҳ ва пораи мурғбирён дошт. Ӯ боодобона ба мо салом дод. Пас аз чанд лаҳза дид, ки пешхизматҳо ба мо таваҷҷӯҳе надоранд, ба овози баланд гуфт:

– Ба муаллимҳо хидмат расонед!

Пешхизмате, ки қаблан ҳам мо ӯро мешинохтем, реза-реза қадам монда, ба наздамон омад. Ғизою шароб фармудем. Вақте пешхизмат паси ғизою шароб рафт, ҷавон ба мо гуфт:

– Ҳурмату эҳтиром ҳам аз байн рафтааст…

Пешхизмат зуд фармоишҳои моро иҷро кард. Ҷавон ғизою қадаҳи шаробашро бардошта, ба назди мо омад:

– Иҷозат ҳаст, ҳамроҳи шумо шинам? Худам танҳо, аз одамони калонсол як гап-ним гап фаҳмам, давлати калон…

– Шин, – гуфт ба ӯ Зарифи Шариф.

Ҷавон ғизою шаробашро рӯи мизи мо гузошта, сонӣ дар курсии паҳлуи Зарифи Шариф нишаст.

– Номи ман Ятим. Аз падар ятим мондаам. Падарам рӯи маро надида, ин ҷаҳони равшанро тарк кардааст. Ба худатон маълум, ки кӯдак ятим монд, бетарбия калон мешавад.

Насиҳату панду ҳикматро нашунидаам. Ҳамеша кӯшиш мекунам, ки дар сӯҳбати калонсолон нишинам. Калонсолон ҳамеша аз таҷрибаашон гап мезананд. Таҷрибаи шумо барои мо дарс аст. Биёед, барои шиносоӣ менӯшем.

– Барои Ятим! – гуфт Зарифи Шариф. – Об, агар садпора гардад боз бо ҳам ошност.

Мо нӯшидем. Зарифи Шариф ба ҷавон гуфт:

– Маънии шеърро фаҳмидӣ?

– Эъ, муаллим, ман шеъра намефаҳмам.

– Шоир мегӯяд, ки об ҳарчанд ба қатраҳо ҷудо шавад ҳам, боз бо ҳам пайваст мешавад, инсон ҳам бояд аз он омӯзад. Бо ҳам дӯст ва муттаҳид бошанд.

– О, ана гап дар куҷо будааст.

Зарифи Шариф хеле хуш буд, ки ҷавоне майл ба сӯҳбати калонсолон дорад, мехоҳад, ки панду насиҳат гӯш кунад. Ба роҳи росту ба сӯи ҳақиқат равад. Боз чанд зарбулмасали дигарро хонду ба ӯ маънидод кард.

Мо боз нӯшидем. Шаробҳои рӯи миз ба охир расид.

– Муаллим, боз шароб биёрам? Сӯҳбат гарм шуд. Бисёр гапҳоро аз шумо фаҳмидам.

– Биёр! – гуфт Зарифи Шариф.

Ҷавон рафта боз се қадаҳ шароб овард. Қадаҳҳоро бардоштем. Ҷавон ба мо дигар сухан надода ба таърифи олиҳимматияш даромад. Маъракаҳои гузарондаашро ба хотир оварда, аз бевафоии дӯстонаш нолид.

– Шумо ба ман падар мешавед, одам бо шумо шинад, ҳаловат мебарад. Сӯҳбати шумо барои мо мактаб аст… боз садтоӣ биёрам?

– Майлаш, – гуфт Зарифи Шариф.

– Оҳ, бурутҳои падарма гардам. Аз таги дили ман гап мезанад.

Ӯ Зарифи Шарифро ба оғӯш кашид. Бӯса кард. Ба пушташу ба китфаш бо навозиш даст бурд.

– Боз чӣ фармоям? – аз ҷой хеста пурсид ӯ.

– Дигар ҳеҷ чиз лозим нест.

Ҷавон ба назди дӯкони шаробфурӯшӣ рафт. Ман ба Зарифи Шариф гуфтам:

– Ин ҷавон ё дузд аст ё ғар.

– Ин тавр нагӯй, ҷавони хуб аст. Ҷавонони олиҳиммат бисёранд.

Ҷавон се қадаҳ дар даст омад.

Қадаҳҳоро рӯи миз монда, ба Зарифи Шариф гуфт:

– Ман рӯи падарамро надидаам. Шуморо падархонд мегирам, – ӯ боз Зарифи Шарифро ба оғӯш кашид. Қатраҳои ашк дар чашмонаш пайдо шуданд.

Ман гуфтам:

– Падару писархондӣ ин тавр намешавад. Ду-се касро мехонед, шоҳид мешаванду фотеҳа медиҳанд.

– Сад касро даъват мекунам. Ана рӯзи ҷумъа.

– Баъд маслиҳат мекунем, – гуфт Зарифи Шариф.

– Ман дар хидмати шумо. Падар надоштам, ана падардор ҳам шудам. Худо ба ман дод. Ба хона барам, падарҷон.

– Не, ҳоло не…

Вақти хестан шуд. Ҷавон гуфт:

– Даст ба киса набаред. Ҳамаашро ман ҳисобӣ мекунам.

Пешхидмат дид, ки мо мехезем, ба наздамон омад.

– Ҳисоб кун, пулатро ман медиҳам.

– Мо берун баромадем, ҷавон ҳам ҳамроҳамон баромад. Зарифи Шариф ва маро сахт ба оғӯш кашид. Бӯса кард. Пас гашт.

Вақте ба автобус нишастем. Зарифи Шариф ба кисааш даст бурд.

– Оҳ! – гуфт.

– Чӣ шуд?

– Пулҳоям ғалтидаанд.

Ман ҳам ба кисаам даст бурдам.

– Пулҳои ман ҳам нест!

– Чӣ шуд?

– Писархондад дузд будааст.

– Наход…

– Гуфта будам-ку: ё дузд аст ё ғар.

Рӯзи дигар, вақте ба ошхона омадем, пешхизмат гуфт:

– Дирӯз пули хӯрокро надода рафтед.

– Вай ҷавон надод?

– Ҳамроҳатон рафт, барнагашт.

Арақфурӯш ҳам ба наздамон омад:

– Гоҳ-гоҳ мешавад, муаллим, дувоздаҳ сӯм қарздоред.
– Аз чӣ?
– Аз арақ…
Дигар ҷои даъвою далел оварда набуд. Ба Зарифи Шариф гуфтам.
– Ба ҷои «писархондат» ҳисобӣ кун!
Ӯ киса мекофт.

## ДУЗД ВА СОҲИБИ ХОНА

Шаб аз нисф гузашта буд. Шир-шире Ташрифро аз хоб бедор кард. Ӯ ба садо гӯш дод. Садо аз даруни ҷевони либосҳо меомад. Ӯ оҳиста рӯи ҷойгоҳи хоб хест. Кулоҳаш дар паҳлӯяш буд. Онро даст-даст карда ёфт. Сонӣ:

– Пишт, а пишт! – гӯён кулоҳро ба сӯи ҷевон ҳаво дод.

Шир-шир ба тақар-туқур табдил ёфт. Ташриф ҳис кард, ки касе дохили ҷевонро мекобад.

– Ту кистӣ?! – гӯён аз ҷояш таги эзор ҷаста чароғро гирён кард.

Дар назди ҷевон ҷавоне меистод, ки дар сар кулоҳи сиёҳ, дар тан костюми хокистарӣ, дар пой афзоли нав, дар гардан тавқи нақшҳояш монанди думи мор дошт.

– Ту дар ин хона чӣ кор мекунӣ? – пурсид ҷавон аз Ташриф.

– Ман? – Ман?... – забонаш ларзид.

– Ҳа, ту? Боз кӣ мешуд?

– Хоб меравам.

– Ёфти ҷои хобата! Боз ба даруни бистар даромадааст. Агар соҳиби хона фаҳмад, саратро аз тан ҷудо мекунад.

– Соҳиби хона? Соҳиби хона худам…

Марди ношинос назди Ташриф омад. Ба чашмонаш нигарист. Ба манаҳаш даст бурд.

– Бас будагист дурӯғ гуфтан.

Ташриф каме ба худ омад.

– Ту худат кистӣ? Дафъ шав аз ин ҷо!

– Ман ба ту кӣ буданамро нишон медиҳам! Канӣ либосҳоят?

Ташриф либосҳояшро ба ӯ нишон дод. Одами ношинос онҳоро ба даст гирифта, кисаҳояшонро кофт. Чанд сомонию даҳ доллар ёфт. Ба кисаҳои худаш андохт.

– Пулҳоро аз куҷо гирифтӣ?

– Чӣ хел аз куҷо? Пулҳои худам.

Марди ношинос онҳоро аз кисааш бароварда бӯй кашид.

– Боз дурӯғ мегӯӣ Аз ин пулҳо бӯи ту намеояд. Ту онҳоро дуздидаӣ.

– Чи хел, ман худам пулҳои худамро медуздам?

– Ана ҳамин хел? – бо пулҳо ба бинии Ташриф зад.

– Набошад ман киям?

– Дузд! Ба ман гуфтанд, ки як ҳафта мешавад соҳиби хона ба Россия рафтааст.

– Кӣ гуфт?

– Ҳамсояи қабати нӯҳуматон.

– Номаъқул кардааст. Кай гуфт?

– Як соат пеш ман дар хонааш будам. Гуфт, ки хонаи маро накоб, ба қабати шашум рав, ҳеҷ кас нест.

– О, бегоҳӣ мо вохӯрда будем-ку?

– Намедонам, вохӯрда будед ё не, вале ба ман гуфт, ки дар ҳамин хона касе нест.

– Ман ба ин аблаҳ нишон медиҳам! Дузди хонаи худашро ба хонаи ман мефиристад!

Ташриф боғазаб аз дар баромада, ба сӯи манзили нӯҳум давид. Ҳамсояашро аз хоб бедор кард. Ҳамсоя қасам хӯрд, ки касеро надидааст ва касеро ба хонаи Ташриф нафиристодааст. Боз ягон дузд набошад.

Дукаса ба хонаи Ташриф омаданд. Касе набуд. Либосҳо парешон.

– О, беинсофе! – гуфт Ташриф, – шиму костюмро ҳам бурдааст.

## ДАРЁДАМКАШ

*(Фелетон)*

Дари ҳуҷра оҳиста кушода шуд. Марди миёнсоли лӯндае якпаҳлӯ шуда ба хона даромад. Вай лаҳзае, гӯё худашро гум

карда бошад, хомӯш ба Раҳим Раҳимович нигарист. Баъд чеҳрааш ба мисли гули каду шукуфт, чобукона ба истиқболи сардор давид:

– О, Раҳим Раҳимович, муборак шавад. Ана, бахту насиб! Ҳеҷ гумон намекардам. Ош шавад, ош шавад. Саратон дарда набинад, давлататон завола. А, маро нашинохтед? Ман ҳамсинфатон. Бало Балоевич...

Дӯстон якдигарро ба оғӯш кашиданд.

– Э, Балое. Дар куҷоҳо мегардӣ? Ман ҳар вақте ҷавониямро ба хотир биёрам, туро ёд мекунам.

– Ҳа, чӣ рӯзҳое буд, он рӯзҳо.

– Ёд дорӣ, Бало: муаллим дар синфи ҳафтум чӣ хел аз гӯшат кашид?

– Эъ, зор монад, ҳамон риёзиёташ. Ҳеҷ сарфаҳм намерафтам.

– Шарт бастем, дувоздаҳ шиша лимонад хӯрдӣ...

– Ҳа, ин воқиа ҳам буд, бачагӣ-да...

– Бачаҳо туро машки лимонад номиданд.

– Бачагӣ-да, Раҳим Раҳимович...

– Ҳоло, Бало, ба чӣ кор машғулӣ?

– Эҳ, Раҳим Раҳимович, дар ин дунё кӯҳро ҳам чаппа кунед, агар одаматон набошад, намешудааст. Корро шумо мекунеду обрӯро дигарон мегиранд. Ҷое набуд, ки ман кор накарда бошам, коре нест, ки ман надонам. Лекин худам танҳо будам. Аз дасти як одам чӣ меояд? Ба мисли санги сари роҳ мегиранду дур мепартоянд.

– Дуруст, дуруст...

– Раҳим Раҳимович, ман ба назди шумо ба як маслиҳат омадам.

– Чӣ маслиҳат?

– Дар ҳар ҷо гаштан ба дилам зад. Ягон корча ёфта диҳеду дар гирду атрофатон сиёҳӣ карда гардам. Ба шумо фоидаам нарасад ҳам, зарарам намерасад. Ба хотири ҷӯрагӣ...

Раҳим Раҳимович сардори шӯъбаи кадрҳоро ба ҳузураш хонд.

– Дар идораи мо ягон ҷои холӣ ҳаст? – пурсид аз ӯ.

– Ҷои холӣ надорем. Ним ҷой ҳаст, барои боғбон.

– Мешавад, мешавад. – гуфт Бало. – Ман розӣ.
– Маошаш кам будагист?
– Ҳа чилу панҷ сӯм.
– Ман ғами пул надорам. Дар назди шумо бошам шуд. Ҳамин қадар пул кор карда, чӣ шудам?
Бало Балоевичро боғбон таъин карданд.
Аз байн чанд вақт гузашт. Рӯзе Бало Балоевич пеши роҳи сардорро гирифта, гуфт:
– Раҳим Раҳимович, ман аз корам шикоят надорам. Лекин гап дар сари он ки…
– Маошат кам…
– Не, ба ман маош лозим не. Ман бе маош ҳам кор мекунам… Лекин… ёрдамчии мудири хоҷагӣ аз кор рафтааст, мегӯянд. Агар маро ба ҷои ӯ ба кор мегузарондед…
Бало Балоевичро ёрдамчии мудири қисми хоҷагӣ таъин карданд.
Аз байн ним сол гузашт. Бало Балоевич боз назди сардор даромад.
– Раҳим Раҳимович, – гуфт ӯ, – ман аз шумо хафа.
– Боз чӣ гап шуд?
– Маро кам хабар мегиред.
– Коратон хуб, ташвиш додан чӣ лозим?
– Корамон нағзу… ман як фикр дорам…
– Чӣ фикр?
– Ҳамин ҷӯраи аз ҳама кадрдонам сардори як идораи калон бошаду дупула одамон мошинсавор гарданд, вале ман пиёда.
– Мошини шахсӣ гирифтанӣ?
– Э, не, канӣ пул? Ба ягон коре гузаронед, ки мошинаш бошад. Аз чор тараф давидана поҳоям латта шуд.
«Дар ҳақиқат ҳам дар корхона як ҷӯра дорам, ӯро дастгирӣ накарда, киро дастгирӣ кунам?» – аз дил гузаронд Раҳим Раҳимович.
Пас аз се рӯз дар бораи мудири қисми истеҳсолӣ таъин шудани Бало Балоевич фармон баромад.
Аз байн боз чанд вақт гузашт. Рӯзе Бало Балоевич сардорро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват кард. Вай ҳама чизу чораи хонаашро ба Раҳим Раҳимович нишон дода гуфт:

– Ҳамаи ин ба шарофати шумост. Пештар ин хонаҳо холӣ буданд. Чор девор доштанду халос. Шумо Раҳим Раҳимович дар ҳаққи мо бисёр некӣ кардед. Вале мо … Чӣ илоҷ, аз дастамон наояд…

– Мегӯянд ки садаспаро ба якаспа кор меафтад, – гуфт Раҳим Раҳимович. – Рӯзе мерасад, ки ёрии шуморо ҳам мебинем.

– Албатта. Барои ҳамин… мегӯям, ки … мансаб меросӣ нест. Як рӯз не, як рӯз одамро ё боло мебардоранд, ё поён мефароранд.

– Гапат дуруст.

– Ана, аз барои ҳамин… мегӯям, ки чӣ мешуд, шумо маро ба ҷои худатон мегузарондед? Шуморо ҳама мешиносанд, агар дар вазорат гапро пазонед, не намегӯянд…

Раҳим Раҳимович ба фикр фурӯ рафт. Сонӣ худ ба худ гуфт: «Ҷӯрагӣ-да, канӣ боз як зӯр занем, чӣ мешавад?...».

## МАГНИТОФОН

Магнитофони Созвор зуд дар маҳалла овоза шуд. Ҳар рӯз мардум сифатҳои нав ба нави онро тавсиф мекарданд.

– Японӣ, навбаромад, ду касета дорад. Зуд сабт мекунад ва ғайраю ва ғайраҳо.

Рӯзе ҳамроҳи як дӯстам ба зиёрати Созвор рафтем. Ӯ моро гарму ҷӯшон истиқбол гирифт. Зуд болои мизро аз нӯшу неъматҳо пур кард. Шишаи конякро кушода ба ҳар сеямон кам-кам рехт.

– Коняк бо мусиқии хуб маза медиҳад, – гуфт дӯстам ба Созвор, – магнитофони таърифиятонро як монед?

Созвор, гӯё ки интизори ҳамин ишора бошад, аз ҷояш ҷаста хест, махмали сурхро аз рӯи магнитофон гирифт ва онро фаъол сохт. Оҳанги хуше ба гӯш расид.

– Ана, ин гапи дигар, – гуфт дӯстам.

– Дуним ҳазор харидам. Зормонда боз ёфт намешавад. Аз Москва овардам.

– Ман ба шумо, Созвор, қоил. Чӣ ки хоҳед, меёбед.

– Ёру дӯстон зинда бошанд, ман хор намешавам. Дар ҳар шаҳри калон як-ду одами дилпур дорам. Чизе хоҳам, аз таги

замин ҳам ёфта медиҳанд. Гиред, аз коняк гиред. Ғизо хунук, нашавад, – гуфт Созвор. – Дунё худаш дурӯза. Аз ин дунё чӣ мебинем. Кор, кор, кор… як лаҳза маишат кунем, гуноҳ набудагист. Суруди эронӣ монам?

– Бале.

– Кадомаша? Гугӯш, Азито, Гито…

– Кадомаш ба худатон маъқул бошад.

Садои форами суруди форсӣ, ки зане аз нокомиҳои зиндагӣ менолид, дар фазои хона паҳн шуд. Мо дар зери таъсири ин суруд чанд қадаҳ бардоштем. Сӯҳбатамон авҷ гирифт. Оҳиста-оҳиста магнитофонро ҳам фаромӯш кардем. Дӯстам ба соаташ нигариста, гуфт:

– Ёздаҳ шудааст, хезем ҳам мешавад. Магнитофон мешунавем гуфта омадему вале худамон аз магнитофон ҳам зиёдтар гап задем.

– Боз камтар шинед, – гуфт Созвор. – Ҳоло ман ба шумо як чизи аҷиброс мемонам. Лентаи нав. Бори аввал мешунавед.

Мо боз ба ҷойҳоямон нишастем.

Созвор аз қуттие касетаеро бароварда, ба магнитофон монд.

– Эҳ, овози Мӯъминҷон-ку? – гуфт дӯстам.

– Ҳа, худи худаш, – тасдиқ кард Созвор.

– Кай навиштӣ?

– Се рӯз пеш.

– Худаш хабар дорад?

– Дорад.

– Эҳ, эҳ. Ҳамин гапҳои Мӯъминҷон?!

– Ҳа, худи худаш. Маст буд. Баъзеҳоро мазоқ, баъзеҳоро танқид кард.

– Боз моро ҳам танқид накарда бошад? – пурсид дӯстам.

– Ҳаст.

– Ҳаст!?

– Дар охираш.

Мӯъминҷон қариб ҳамаи ёру дӯстон, ҳамсояҳоро баҳо дода, баъзеҳоро савдогар, баъзеҳоро қаллоб, баъзеҳоро ошнобоз, баъзеҳоро маҳаллачӣ гуфта буд. Хуллас, аз назари Мӯъминҷон дар маҳаллаи мо ба ғайр аз ду-се пиру кампир дигар каси саҳату саломат намонда буд.

– Ту ин касетаро ба ҳар касе ба хонаат биояд, мешунавонӣ? – пурсид дӯстам.

– Ба ҳама не. Ба касоне, ки дилам об мехӯрад. Аз ин касетаҳо боз дорам. Мешунавед?

– Канӣ?

Ӯ касетаи дигарро ба магнитофон монд. Ман зуд овози ҳамсояи дасти ростам Раҳматуллоро шинохтам.

– Овози Раҳматулло. Ӯ кай омада буд?

– Рӯзи аввали магнитофон хариданам.

– Аҷиб? – гуфтам ман.

– Чаро?

– Ҳар вақте ба хонаи ман ягон меҳмон биояд, ман ӯро таклиф мекунам, ҳамеша вақт надорам, мегӯяд.

– Ӯ ба ман дӯст. Ана, гӯш кунед.

Раҳматулло ба танқиди ман сар кард. Ҳамсояи хуб нест гуфт. Ҳаққи намакро намефаҳмад. Каме хасис, барои ҳамин, вақтҳои охир ба хонааш намеравам.

– Агар ин хел кунед, ҳамаи одамонро ба якдигар ҷанг меандозед-ку? – гуфтам ман.

– Ҳӣ, ҳӣ, ҳӣ.., – хандид ӯ.

– Боз сабтҳои дигар ҳам доред? – пурсид дӯстам.

– Дорам, як қуттӣ пур. Монам?

– Не, зарур нест.

– Рафиқоне, ки гапашонро навиштӣ, фаҳмида чизе нагуфтанд?

– Гуфтанд.

– Чӣ?

– Ҳар чӣ. Дашном доданд. Мӯъминҷон ҳатто гуфт, ки сад сӯм медиҳаму ҳамин касетаро ба ман деҳ. Не гуфтам. Чӣ ман пул надорам. Як нишаста гӯш карданам як олам пул. Боз касетаҳое дорам, ки одамони калонро ҳам танқид кардаанд. Агар дар ҳузурашон як монам, лаппӣ меафтанд. Мақсади ман дигар. Лаҷоми ҳамаи маҳалларо ба дасти худ гирифтан. Касе ғинг гӯяд, шартӣ касетаро мебарорам. Ана, рафиқ, гапату амалат. Боз чӣ маҳмадоноӣ мекунӣ!

– Ин корат хуб не. Ҳамаи рафиқон аз ту меранҷанд.

– Аз худашон ранҷанд. Ҳама гапи худашон. Ман касеро маҷбур накардаам.

– Кӯр кун, – гуфт рафиқам, – фоида надорад.

– Не, асло. Шумо ҳоло хабар надоред, овози шумо ҳам ҳаст.

– Овози мо?

Бале.

– Кай навиштед?

– Ҳозир. Ҳангоми сӯҳбат. Пас аз хатми суруди эронӣ.

– Ҳазл накунед?

– Ҳазл не, бешӯхӣ. Монам?

Созвор аз ҷояш хеста касетаро аз магнитофон гирифт, ба ҷояш касетаи нав монд. Дар он сӯҳбати мо сабт шуда буд. Мо ҳам дар омади гап аз баъзеҳо гила, аз баъзеҳо шикоят карда будем.

– Ана, ҳамин, – гуфт Созвор.

– Кӯр кун! – гуфт дӯстам.

– Не, не. Ман ин касетаҳоро харидаам. Касетаро, ки кӯр кардед, расво мешавад.

– Баъзе ҷойҳояшро пок кун, – гуфтам ман.

– Не, – гуфт Созвор. – Агар кушед ҳам пок намекунам.

– Дар бало мондем-ку?– гуфт дӯстам.

– Ин хел балоро бори аввал мебинам, – гуфтам ман.

– И, боз маро бало ҳам мегӯед. Дар хонаи худам худам бало шудам. Гуноҳам ҳамин, ки дарро ба рӯятон кушодам. Бароятон магнитофонро мондам…

– Э, магнитофонат сарата хӯрад.

– Сазои некӣ, бадӣ. Боз дашном ҳам медиҳед. Хайр, аз ҳадаш нагузаронед.

– Биё, рафтем, магнитофону лентааш аз сараш монад. – Сонӣ ба сӯи Созвор нигариста гуфт дӯстам: – Чӣ мехоҳӣ, кардан гир. Дар байни маҳалла дар байни бозор, дар болои боми масҷид мон! Инсони паст будаӣ!

Мо аз дар баромадем. Аз пас овози Созвор ба гӯшам расид:

– Садқаи одаму одамгарӣ шавед.

Чанде нагузашта магнитофони Созвор дар маҳалла ғавғои калон бардошт. Якчанд кас пас аз шунидани сабтҳои Созвор даст ба гиребон шуданд. Ҳамсояҳо ба хонаи якдигар намерафтанд, дӯстон бо ҳам рӯ ба рӯ шуда, салом надода мегу-

заштанд. Дар маҳалла тӯйҳо камодам ва маъракаҳо хушку холӣ мегузашт. Шӯъбаи милитсия ҳам серкор шуд. Ҳар рӯз паси ҳам аризаю шикоятҳо меомад. Баъзеҳо ҳатто суди халқиро ба кор даровароанд.

Аммо ҳамаи ин ба мисли тӯфоне буд, ки бархесту боз, хомӯш шуд. Баъд аз муддате ҳамсояҳо аз якдигар узр пурсиданд, дӯстон бо чеҳраи хандон якдигарро ба оғӯш гирифтанд. Ҳама чиз ба мисли пештара ба ҷои худ қарор гирифт. Кору зиндагӣ дар маҳалла, гӯё ки ягон ҳодисае рух надода бошад, ҷараён дошт. Рафта-рафта номи магнитофони Созвор ҳам аз забонҳо хомӯш шуд. Вале як чиз монд. Дигар касе ба хонаи Созвор намерафт, аз аҳволаш намепурсид. Дар ягон тӯю маърака касе ӯро намедид. Чӣ тавре, ки мегӯянд: «Худашу як сари қоқаш монд».

## «УЗР»

Субҳ телефони хонаам занг зад. Гӯшакро бардоштам.

– Ҳа, бале ман. Ташаккур. Нағз гузашт. Шуморо нашинохтам.

– Ана, шумо ҳамин хел одам, касро намешиносед, – гуфт ҳамсӯҳбатам ба воситаи телефон.

– Ман шуморо мумкин шиносам, аммо овозатонро нашинохтам. Овоз дар телефон дигар хел садо медиҳад.

– Ман аз ҳарфи аввалаатон шинохтам. Овози шумо дар телефон ва дар ҳама ҷо як хел.

– Ба ман коре доштед?

– Ҳа, кор нею як гап доштам.

– Бифармоед?

– Ин гапи ба телефон мегуфтагӣ не.

– Ба хона биёед?

– Не, дар хона ҳам намешавад.

– Хайр, ягон ҷойро таъин кунед?

– Ана, ин фикратон дуруст. Хонаи шумо дар куҷост?

Ман ба тааҷҷуб мондам. Шахсе, ки тавассути телефон ба ман гап мезанад, маро хуб мешиносад, аммо боз мепурсад, ки хонаи ман дар куҷост?

– Ба кучҷое, ки телефон мекунед, дар ҳамон ҷост, – ҷавоб додам ман.

– Мебахшед, каме аз мо гузашт. Телефони шуморо ба ман Маҳзарзода дод. Ман ба тарафҳои шумо кам рафтаам. Ба он маҳаллаҳо шинос нестам.

Маҳзарзодаро ман мешинохтам, на танҳо мешинохтам, балки рафиқи наздик ҳам будем.

– Ман ба чойхонаи «Роҳат» наздикам, – гуфтам.

– Ана, дар ҳамон ҷо соати ёздаҳ вомехӯрем. Фикри шумо чӣ?

– Ман чӣ фикр ҳам доштам, розиям.

Телефонро монд.

Як рафиқам шаби гузашта маро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват карда буд. Замоне ки ман ба он ҷо расидам, маърака аллакай шурӯъ шуда буд. Маъзарат хостам ва гузашта ба ҷои холие нишастам.

Соҳиби хона ба ман «хуш омадед» гуфт, ман ҳам дар навбати худ аз ӯ саҳатию саломатӣ, хушии фарзандон ва аҳли оилаашро орзу кардам. Яке аз ҳозирон ҳар ду дасташро пеши рӯ бардошта: «Омин, хайрияти қадам, ободии макон, саҳатии фарзандон, Худо ба гузаштагон тавфиқ бахшад, ба ҳозирон бахту саодат. Аллоҳу Акбар!» гӯён кафи дастонашро ба дидагонаш молид. Дигарон ҳам амали ӯро такрор карданд. Пас аз «омин» диққати маро як мард ба худ ҷалб кард. Ӯ миёнақад, фарбеҳ, зардина буд. Сари паст тарошидааш ба мисли носкаду ялаққас мезад. Тоқии напа-нави чоргулашро дар пеши тиреза монда буд. Ин мард ҳангоми «омин» гуфтан даст ба абрӯ набурд, ҳарфе ҳам назад. Хомӯш, абрӯвонаш боҳам кашида, димоғаш сӯхтагӣ менишаст. Вай хост, ки кимчӣ бигӯяд, боз худдорӣ кард.

Мо маъракаро давом додем. Аҳли маҷлис як-ду қадаҳ бардоштанд. Сухан гуфтанд, якдигарро аз замин то осмон тавсиф карданд. Латифа мегуфтанд, механдиданд. Аммо он мард на чизе ба даҳон мебурд, на ҳарфе аз даҳонаш мебаромад. Ман ба ӯ пешниҳод кардам, ки бинӯшад, нон бихӯрад, ҳарф бизанад, аммо ба сӯям теғ кашида нигоҳ карду боз ба мисли ҳайкал дар ҷояш шах шуда монд. Ман ҳис кардам, ки вай аз касе сахт

ранҷидааст. Сӯҳбат тафсид, дигар ба ӯ касе эътиборе намедод. Дар охир ӯ аз ҷояш хест, ба ҳозирон сухани қабеҳе гуфт, тоқияшро аз пеши тиреза гирифта, аз дар баромад.

Ҳозирон нафаси сабуке кашиданд. Яке аз онҳо гуфт:

– Нони даҳонамонро заҳр кард.

– Ман ҳамин мардро ҳеҷ нафаҳмидам. Маъракае нест, ки ӯ вайрон накунад, – гуфт дигаре.

– Ҳоло худашро хеле ба даст гирифт. Одами расвост…

– Биёед, монед, гапи ӯро. Худаш кӣ боз гапашро кашол бидиҳем, – гуфт шахси сеюм. – Биёед, гапи худамонро занем.

– Шолӣ бекурмак намешавад, – гуфт шахси аввал. – Ганда бошад ҳам, гандаи худамон. Ба дарё партоем, нашавад. Агар ӯро хабар накунед, як умр гиламанд…

Ҳамон шаб дигар касе дар хусуси ӯ ҳарфе назад. Мо то бевақтии шаб нишастем, сӯҳбат кардем, пас хона ба хона пароканда шудем.

Соати ёздаҳ ба чойхонаи «Роҳат» рафтам. Ҳамон марде, ки шаб маъракаро заҳр гардонда буд, дар саҳни чойхона рост истода, омадани маро интизорӣ мекашид. Вай маро дидан баробар ҳарду дастонашро ба осмон бардошта, оғӯшашро васеъ кушода, ба истиқболам омад.

– Ман телефон карда будам. Маро нашинохтед-а?

– Ба воситаи телефон нашинохтам. Вале худатонро мешиносам.

– Ман шаб каме бемаънигӣ кардам. Хуб нашуд. Соҳиби хона ҳам ранҷид. Шумо ҳам…

– Ҳеҷ гап не, баъзан мешавад.

– Зор монад, ҳамааш айби арақ. Пеш аз меҳмонӣ садтоӣ карда будем. Таъсир карда аст. Худам ба хотир надорам. Чӣ гуфтам, тамоман ба хотирам нест. Субҳ Маҳзарзода ба ман телефон карда, ҳамаашро як ба як гуфт. Хуб нашудааст. Хусусан дар ҳузури шумо. Ман сифати шуморо бисёр шунидагӣ. Кайҳо мехостам бо шумо шинос шавам. Нону намак хӯрам. Аммо тасодуфа бинед, ки дар чӣ вазъияте бо шумо вохӯрдам. Хуб нашуд. Ман медонам, тасаввури шумо дар бораи ман тамоман дигар аст. Ман ин хел одам не. Ман барои ёру дӯст ҷонамро медиҳам. Маро баъд мефаҳмед…

– Ман дар хусуси шумо ҳеҷ гуна тасаввуре накардаам. Мешавад, баъзан мо ҳам аз ҳад мегузаронем. Ҳоҷати кашол додани ин гапҳо нест.

– Ана, ҷонам садқаатон, ҷони гап ҳам дар ҳамин-да.

Гап ки кашол ёфт, обрӯи кас мерезад. Масалан, шумо фикр кардед, ки ман ҳамеша ҳамин тавр майзадаам. Хоҳед, нахоҳед, ҳамин тавр фикр мекунед. Зеро ки пештар маро намешинохтед. Одамгарию ҷавонмардии маро надидед.

– Не, ман ҳеҷ гоҳ ин тавр фикр накардаам.

– Тасаввур кардем, ки ҳамин тавр фикр кардед. Дар он ҷо чанд кас буд. Маҳзарзода маро мешиносад. Хайр, вай одами худӣ. Ба дигарон ман эътимод надорам. Аз пашша фил месозанд. Ман бо Маҳзарзода машварат кардам. Вай маслиҳат дод, ки аз ҳамаи рафиқон бояд узр пурсам. Вале шароит нест. Агар имконаш мешуд, розӣ будам, ки ба гарданам таноб андохта, ба дари хонаҳояшон бареду аз ҳар кадомашон як-як узр пурсам. Аммо ин корро чӣ тавр мекунед? Ҳамсояҳо дида девона шудаанд, мегӯянд. Маҳзарзода як маслиҳати хуб дод.

– Чӣ маслиҳат?

– «Ҳамаи рафиқонро шаб ба хонаат даъват кун. Як табақ нону ду шиша дар ҳама ҷо пайдо мешавад. Бо одобона аз ҳамаашон узр пурс. Дигар чора нест».

– Ҳеҷ зарурате надорад. Ман, масалан, ягон зарра ҳам ба дил нагирифтаам. Дигарон ҳам.

– Не, ин тавр нагӯед. Ҳатман ин корро карданам лозим. Маслиҳат ҳамин ки шаб ба хонаи мо меҳмон мешавед. Агар нашавед, аз шумо то қиёмат меранҷам. Дилатон, агар соф бошад, меоед.

Ман розӣ шудам.

Бегоҳӣ, ҳамон касоне, ки дирӯз дар хонаи дӯстам меҳмон буданд, дар хонаи ин мард ҷамъ омаданд. Болои дастархон аз нӯшу неъмат пур буд. Раёсати маъракаро Маҳзарзода ба зима гирифт. Ӯ ба қадаҳҳо шароб рехта, пӯсткандаи гапро гуфт:

– Дӯстон, Расулӣ дирӯз як бемаънигӣ кард. Айши ҳамаамонро талх намуд. Ба миёни сӯҳбати ширин лағад зад. Ман саҳарӣ ӯро сарзаниш кардам. Пушаймонӣ изҳор кард. Ва ин маъракаро орост, ки аз ҳамаамон дар ҳузури дӯстон узр пурсад. Акнун сухан ба худи рафиқ Расулӣ дода мешавад.

Расулӣ аз ҷояш хест. Маҳзарзода ба ҷояш нишаст. Расулӣ аввал сарашро хам кард, гӯё ки ба фикре фурӯ рафта бошад, сонӣ ба чароғи сақфи хона назар дӯхт. Гумон мекардед, ки шарм медорад ба чашми рафиқон нигарад. Вай оромона, ботамкин суханашро сар кард:

– Рафиқон, узр пурсидан ҳар навъ мешавад. Сатҳӣ ва аз самими дил. Ман метавонистам аз ҳамаатон бо телефон узр пурсам. Аммо ин корро накардам. Чаро? Зеро ки ин гуна узрхоҳӣ аз самими қалб намешуд. Дар автобус ё тролейбус пои ягон касро зер мекунед ё ин ки дар бозор ба китфатон ногаҳон касеро зада, тарбузашро аз дасташ меғалтонед, «узр» ё ин ки «мебахшед» мегӯеду меравед. Оё ҳамин ҳам узр аст. Аз дӯстон, барои он ки ҳама чизу ночизи нохуш аз дилашон бароянд, бояд ки дар паси ҳамин гуна миз нишаста, рӯ ба рӯ узр пурсид.

– Зарурат надорад, монед, ҳамин гапҳоро. Касе аз шумо наранҷидааст, – гуфтанд ҳозирон.

– Гап дар сари ранҷидан нест. Гап дар сари он аст, ки мо дӯстон набояд ягон чизро ба дил гирем. Мо бояд ҳамчун оина гуноҳи якдигарро рӯ ба рӯ гӯем. Узр бихоҳем, ислоҳ шавем. Оинаи қалби якдигар бошем. Ман дар ҳузури ҳамаатон аз ҳамаатон узр мехоҳам. Агар розӣ бошед, ба гарданам таноб андохта дузону дар пеши ҳар кадоматон менишинам.

– Инаш аз ҳад зиёд, – гуфтанд баъзеҳо. – Ҳар кас як камбудӣ дорад. Аз мо ҳам баъзан сар мезанад. Биёед ба саломатии шумо менӯшем.

– Не, қадаҳи аввалро ба саломатии шумо, дӯстон, менӯшем, – гуфт Расулӣ. – Боз ҳам узр мехоҳам.

Расулӣ қадаҳро бардошт. Мо ҳам ба ӯ пайравӣ кардем. Ҳамин тавр ду-се қадаҳ паси ҳам нӯшида шуд. Сӯҳбат тафсид. Ҳозирон аз самими дил сухан мегуфтанд, дар мавриди дӯстӣ ва покдилӣ иқтибос меоварданд, шеър мехонданд. Ба Расулӣ аҳсан мегуфтанд, ки ҷавонмардона гуноҳи содир кардаашро эътироф карда, бо дили пок узр хост. Ана, мард бояд ҳамин тавр бошад. Аз таъсири арақ ки сари бемӯи Расулӣ суп-сурх шуда буд, баробари сухан гуфтани ҳар кас аз чой мехест, чорқат шуда таъзим мекард, боз ба ҷояш менишаст.

Ҳангоме ки шабнишинӣ қариб ба охир мерасид, нӯшидан ҳам қариб қатъ шуда буд, Расулӣ дигар тоқат накарда, шишаи арақро аз назди Маҳзарзода гирифт.

– Бародар, – гуфт ӯ, – ҷони одам нест, арақ аст. Агар мерезӣ зиёдтар рез, ҳалқамон қоқ шуд.

Расулӣ аввал қадаҳи худашро пур кард, баъд ба дигар қадаҳҳо низ арақ рехт.

– Имшаб маишат мекунем. Ин дӯстонро ман ҳар рӯз намеёбам. Гиред, дӯстон! – Вай қадаҳи пурашро чакондаю резонда нӯшид.

Лаҳзае нагузашта ӯ шишаро боз ба даст гирифт, қадаҳашро пур кард, ба дигарон нигариста, гуфт:

– Эъ, нанӯшидед-ку? Гиред, ба хотири ман гиред! – Худаш боз нӯшид.

Авзои Расулӣ тағйир ёфт. Чашмонаш хурд шуданд. Рангаш канд ва кабуд шуд.

– Нӯшед рафиқон, – нӯшед, чаро наменӯшед? Ё меҳмонии ман маъқул нашуд? Узр мепурсам, узр.

Расулӣ боз даст ба сӯи шиша бурд. Шишаи арақро чапа кард, арак ба рӯи дастархон рехт. Гӯё каме ба худ омада бошад, рост ба мо нигарист.

– Наменӯшед, наменӯшед? Нонамро ҳурмат намекунед. Агар нанӯшед чаро омадед? Ба ман механдед?

Касе, хост ки ба ӯ чизе фаҳмонад, аммо Расулӣ аз ҷояш нимхез шуда, ба дасташ ӯро тела дод.

– Ман шуморо эҳтиром мекунам, узр мехоҳам. Узр мехоҳам. Не, не, ман аз шумо узр мехоҳам? Шумо кӣ ҳастед? Не, ман Расулӣ, Расулӣ ҳеҷ гоҳ аз касе узр нахостааст. Аз шумо узр намехоҳам. Бояд шумо аз Расулӣ узр пурсед. Фаҳмидед? Хезед, равед, ман аз шумо муттаҳам нестам…

Расулӣ ба ҷояш нишаст. Ба мисли одами сармозада ва карахт ба рӯи меҳмонҳо нигарист. Пас аз лаҳзае сари вазнини бемӯяш ба сӯи китфи чапаш хам шуд. Сонӣ вазни сараш ҷисми лундаашро ба тарафи чап кашид. Расулӣ ба мисли тарбуз таппӣ ба рӯи фарши хона афтод. Меҳмонҳо паси ҳам ба берун баромаданд.

Пас аз ин ҳодиса ман Расулиро дигар дар ҳеҷ куҷо надидам.

## ДАФТАРИ КОРӢ

Ин воқиа пас аз он рух дод, ки сардори идораи мо Ӯрун Сафозодаро ба нафақа гусел карданд. Расо пас аз се рӯз ба ивази ӯ сардори нав омад. Дар бар шиму костюми напа нави духти хориҷӣ, галстуки сурхча, пироҳани сап-сафеди гиребонҳояш оҳарӣ дошт. Ӯ ҳамаи коргарони идораро дар дафтари кории сардори собиқ – Урун Сафозода ҷамъ кард. Пас аз ҷамъ омадани мо гӯшаки телефонро гирифта, ба ду-се ҷо занг зад. Сонӣ, тамоми ҳуҷраро як-як аз назар гузаронда, пурсид:

– Ин идора фаррош дорад ё не?

– Дорад, – ҷавоб додем мо.

– Кор мекунад?

– Ҳа, кор мекунад. Бегоҳ ҳамин ҷо буд.

– Агар кор мекардагӣ бошад, ҳалол кунад, набошад, равад.

Мо ҷавобе надодем.

– Чанги рӯи мизу курсиҳо як ваҷаб…

– Тирезаҳои кабинет аз тарафи кӯча, – гуфт яке аз ҷавонтарин кормандони идора. – Мошинҳо мегузаранд, чанг мехезад. Кӯчаҳоро касе об намезанад.

– Барои ҳамин ҳам ҳар як идора фаррош дорад.

– Фаррош бегоҳӣ пок мекунад, боз то рӯз…

– Бегоҳӣ пок кунаду боз саҳар омада аз назар гузаронад.

Ӯ аз кунҷи мизаш рӯзномаеро гирифта паҳн кард, сонӣ оринҷҳояшро оромона ба рӯи миз гузошт.

– Фаррош ҳоло куҷост?

– Дар хонааш будагист.

– Телефон дорад?

Баъзеҳо хандиданд. Ҳамон ҷавон боз гуфт:

– Худи идора телефон надорад. Фаррош аз куҷо…

Сардори нав ба сӯи ӯ теғ кашида нигаристу аммо дар ҷавоб чизе нагуфт. Сонӣ рӯзномаи дигареро гирифта аз назар гузаронд.

– Газетаҳо ҳам дар вақтҳои охир ягон чизи дуруст наменависанд, – гӯён онро боз ба гӯшаи чапи мизаш гузошт.

Сардори нав сонӣ аз ҷояш хест. Дар паси миз ду-се бор

пасу пеш қадам зад. Ба пӯштакии курсӣ вазнашро андохта, рӯ ба мо овард.

– Мақсади шуморо ҷамъ карданам ин аст, ки бояд мо бо ҳам шинос шавем. Ман вақти зиёди шуморо намегирам. Маро коллегияи вазорат сардори идораи шумо таъин кард. Хуб аст, бад аст, бо ҳам кор мекунем. Дар ҷараёни кор ҳамааш маълум мешавад. – Ӯ ногаҳон суханашро қатъ карда, ба котибаи идора гуфт: – Хоҳарам, ман тоқати дидани ин ҷангҳоро надорам. Ҳамин латтаро гирифта, чангҳоро пок кун.

Котиба латтаро гирифта мизи сардори нави идораро пок кард. Сардор дар ҷояш ба ҳузуртар нишаста, суханашро давом дод:

– Ҳаминро ба шумо гуфтан мехоҳам, ки ман аз паси шумо кофта намегардам. Ҳамаатон одамони боақл. Саҳар, ки ба кор омадед, як сари қадам ба кабинети ман даромада, аз омаданатон хабар расонед. Ба куҷое ки меравед, аз ман пурсед. Бегоҳ ҳам пеш аз рафтанатон ба назди ман дароед. Сад кор мебарояд. Сонӣ ман шуморо кофта нагардам. Худатон медонед, дар охири рӯз кор аз мӯи сар ҳам зиёд мешавад. Ман аксар вақт шабона дар кабинет нишаста кор мекунам. Шумо ҳам одат кунед. Ду-се соат пас аз кор монед, ҳеҷ гап намешавад. Баракс, автобусу тролейбусҳо камодам мешаванд, баҳузӯр ба хонаатон меравед.

Сардори нав дар бораи таҷрибаи кораш, тартиби хӯроку хобаш, чиро нағз мебинад, чиро не, як ба як ба мо нақл карда, пас аз дуним соат моро аз кабинеташ ҷавоб дод, аммо ному касби ягонтаамонро напурсид.

Пас аз баромадани ҳама маро нигоҳ дошт:

– Ту ист, ба ту кор аст, – гуфт, – дидӣ, ин мизро чӣ хел мондаанд? Мизро ба кунҷи хона мемонем. Ба назди ман сад кас медарояд. Бояд ки аз тарафи дасти рост бишинанд. Чашмашон ба рӯи миз наафтад. Ҳар кор ба худаш нозукӣ дорад. Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам.

Мо мизро ба кунҷи хона, каме яктарафа гузоштем. Курсиҳоро аз тарафи дасти рост мондем. Ҷевони китобҳоро рӯ ба рӯ ҷой кардем. Дар охири кор сардор ба ман гуфт:

– Раҳмат, барои имрӯз мешавад.

Аз ҳамин рӯз сар карда, мо ҳамаамон тибқи рафтору гуфтори сардори нав амал мекардем. Ҳатто фаррош ҳам ҳар саҳарӣ омада, мизи сардорро ба латтаи махсус пок мекард, ба кӯзаи шишагии рӯ миз оби хунук меандохт, аз боғи саҳни ҳавлӣ гул чинда, ба гулдон мегузошт ва гулдонро ба кунҷи рости мизи сардор мемонд.

Кабинети сардори нав дар ошёнаи дуюм буд, аз мо дар ошёнаи якум. Ӯ ҳеҷ вақт ба назди мо намеомад, мо ба назди ӯ мерафтем. Мо ҳеҷ гоҳ ба ӯ телефон намекардем, ӯ ба мо телефон мекард, ӯ сардори нав бошад ҳам ҳеҷ гоҳ аз мо маслиҳате намепурсид, мо аз ӯ машварат мехостем.

Ҳатто рӯзе як коргарро дар даҳлез нигоҳ дошта гуфт:

– Ин ҷо биё!

Ӯ омад.

– Дигар ин костюмро напӯш.

Ӯ чор тарафи костюмашро аз назар гузаронда, пурсид:

– Чӣ шудааст?

– Чӣ шудааст? Як дурусттар нигоҳ кун?!

Он мард боз костюмашро аз назар гузаронд.

– Нафаҳмидӣ? – пурсид сардори нав.

– Не.

– Ба костюми ман нигар!

– Ҳа… муборак шавад.

– Одам ба либоспӯшии сардораш тақлид намекунад. Хуб нест! Мардум гап мекунанд. Ба ту фарқ надорад, аммо ба ман гап мерасад. Фаҳмидӣ?!

Пас аз ин гуфтугӯ мо маҷбур шудем, ки ба тарзи либоспӯшии сардори нав эътибор диҳем. Ӯ дар ҳар се рӯз сару либосашро иваз мекард. Мо кӯшиш мекардем, ки либоси пӯшидаамон ба ӯ монанд нашавад. Аммо баъзан, тасодуфан монанд мешуд. Ҳамон рӯз худамонро аз чашми сардор дур мегирифтем.

Котибаи идора ва ду нафар коргарамон дар як кабинет менишастанд. Сардори нав ба мо фаҳмонд, ки: «Ин бахш котибаи идора не, балки котибаи сардори идора ном дорад. Аз ҳамин сабаб котиба бояд дар қабулгоҳи сардор нишинад». Сардор он ду нафаре, ки ҳамроҳи котиба менишастанд, ба дигар ҳуҷраҳо гузаронд. Дари собиқи дафтарашро хишт зада

маҳкам кард, аз тарафи ҳуҷраи котиба дар кушод. Аз берун, аз тарафи даҳлез дар болои дар ному насабашро бо ҳарфҳои калон-калон нависонд.

– Ана, дидед, кабинет каме ба кабинет монанд шуд. Касе ки дарояд, дар ин ҷо ҳам одамони ҷиддӣ нишаста будаанд, мегӯяд, – фаҳмонд ба мо сардор.

Аз байн шаш моҳ гузашт. Рӯзе, пеш аз хатми кор сардор моро дар дафтараш ҷамъ кард. Табъаш хуш буд.

– Медонед, – гуфт ӯ, – баро чӣ ман шуморо ҷамъ кардам?

Мо хомӯш нишаста, ҳарфе назадем. Одати сардорро медонистем, агар як гап занӣ, сад ҷавоб мегирӣ. «Даҳони баста ними давлат» – гуфтаанд.

– Ана, дидед, намедонед, ҳатто намедонед, ки сардори худатон ба чӣ корҳо машғул аст. Аммо ман бошам аз тамоми кору бори шаҳр бохабарам. Ҳамин одататон ҳам хуб, ташвишатон камтар. Зор монад, одат-да, тоқат карда наметавонам. «Он чӣ ки бо шир даромадааст, бо хун мебарояд» – мегӯянд. Хайр, қиссаро кӯтоҳ карда, вақти шуморо нагирам. Ман ба сад воситаю пурсуҷӯ як кори калонро иҷро кардам. Ба манфиати идора. Ба худи ман чизе лозим нест. Идора обод шавад, коргарон ба роҳат кор кунанд, шуд. Як гарнитури кори калони хориҷӣ ёфтам. Шӯъбаи муҳосиба ҳам ба супурдани пулаш розӣ шуд. Аввал хуб неву нестон кард. Ин хел чизҳо барои идораҳо иҷозат нест, гуфт. Барои дафтари вазир, муовинҳояш метавонам бихарам. Барои идора не. Ман ба ӯ фаҳмондам, ки гапат дуруст барои идора не, барои сардораш бояд бихаред. Албатта тамоми шӯъбаро аз гарнитур пур кардан имкон надорад. Ба коргарон ҷои нишаст ҳам намемонад. Дафтари сардори идора дигар аст. Он ҷо як кас менишинад, меҳмонҳо омаду рафт мекунанд. Медонед, чӣ гуфт муҳосиб? Не, наметавонем гуфт. Ман рост ба ҳузури вазир рафтам. Як бор не, даҳ бор. Ба ҷонаш намондам. Оқибат розӣ шуд. Ба муҳосиб амр кард, ки аз ҳисоби вазорат бихаранду ба мо диҳанд. Охир идораи мо идораи асосӣ аст. Кори мо ки пеш нарафт, кори тамоми вазорат ақиб мемонад. Ана, рафиқон, гап ҳамин, саҳарӣ барвақттар биёед. Рафта гарнитурро меорем. Онро ба кабинети ман мемонем. Мизу курсӣ ва ҷевони

дафтари маро ба ҳуҷраи муовин мегузаронем. Аз ӯро боз ба як ҳуҷраи дигар. Ҳамин тавр ҳамаи ҳуҷраҳо нав мешаванд. Фаҳмидед?!

Мо боз ҳарфе назадем.

– Дигар вақтатонро намегирам, раведу субҳ барвақттар биёед. Кор бисёр аст.

Мо субҳ барвақт омадем. Рӯзамон ба овардану фаровардани гарнитур, аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар гузаронидани мизу курсиҳои кӯҳна сарф шуд. Сардор дар охири рӯз ҳамаамонро ҷамъ карда, ташаккур гуфт.

Аз байн ду ҳафта нагузашта буд, ки сардори нав пешниҳоди наве ба миён гузошт.

– Ранги дафтари корӣ бояд мувофиқи гарнитур бошад, – гуфт. – Гарнитурро иваз кардан мушкилтар аст, назар ба ранг кардани хона. Гапам дуруст аст, ё не?

Мо ҳарфе назадем.

– Як зӯри дигар заданамон лозим. Субҳ барвақт биёед. Рангмолҳо меоянд. Ман гапзанон кардам. Рангашро худам аз база хуш кардам. Ман ин рангмолҳоро медонам. Ҳамеша корашон чашмкӯркунӣ. Ягон ранги аз дақёнус мондаро бензину карасин илова карда ба девор мемоланду монда меравand. Сонӣ як қулоч счёт навишта пули идораро мегиранд. Худатон медонед, маро фиреб карданашон мушкил. Ман рафта рангро худам хуш карда ба дасташон додаму гуфтам: «Ана, аз ҳамин ранг ҳуҷраи маро ранг мекунед!» Охир ин идораи давлатӣ аст, пул-пули давлат аст. Ман барои хонаи худам намегӯям-ку? Гапам дуруст ё не?

Мо чизе нагуфтем.

– Хоҳиш ҳамин, пагоҳ омада чизу чораи дафтари кории маро берун бароред. Ду-се рӯз ман беҷои кор мемонам. Боке надорад. Аз паси кори рангмолҳо назорат мекунам.

Рӯзи дигар мо чизу чораи дафтари сардори навро ба даҳлез баровардем. Рангмолҳо омада ранг молиданд, нақш монданд. Сонӣ рафтанд. Пас аз хушк шудани ранги ҳуҷра мо чизу чораи онро боз даровардем.

Табъи сардорамон бисёр хуш буд. Барвақт ба кор меомад, бевақт мерафт. Тамоми рӯз аз утоқаш намебаромад. Ба гуфти

худаш, тамоми корҳояшро ба воситаи телефон иҷро мекард. Ба мо кор ҳам надошт, ки чӣ мекунему ё чӣ намекунем. Мо ҳам мувофиқи дастури ӯ ҳар рӯз баробари сар шудани кор ба назди ӯ даромада, салом медодем. Пеш аз хатми рӯзи корӣ боз даромада хайру хуш мекардем. Гӯё ки корҳоямон бо як маҷрои муайяне пеш мерафт.

Аммо ғайри чашмдошти сардор дар маҷлиси солона идораи моро сахт танқид карданд. Корҳояш тамоман пасмонда гуфтанд. Планро иҷро намекунад. Ҳайфо, ки як идораи пешқадам, ба ақибмонда табдил ёфтааст. Номи сардори навро ҳам ду-се бор ба забон гирифтанд.

Пас аз маҷлис сардор моро боз дар дафтараш ҷамъ кард.

– Кори шудагӣ шуд, – гуфт, – аммо ин гапҳоро дар ҳама ҷо овоза накунед. Танқид ба як ман не, ба тамоми идора дахл дорад. Худатон медонед-ку? Кор ба шумо вобаста аст, на ба ман. Агар коргарон нағз кор кунанд, бе сардори идора ҳам кор пеш меравад. Мақсади ман дигар буд. Аммо маро нафаҳмиданд. Хайр, бало ба пасаш. Ман барои кори оянда замина эҷод карданӣ будам. Бе замина оё кор пеш меравад. Гапам дуруст аст ё не?

Мо чизе нагуфтем.

– Хайр, равед, ба шумо ҷавоб. Диққат нашавед, аммо beпарво ҳам набошед.

Пас аз се рӯз овоза шуд, ки коллегияи вазорат сардори идораи моро аз кор холӣ кардааст. Ӯ як рӯз ба кор наомад. Рӯзи дигар омада, қулфу калиди кабинетро ба муовин супурд. Ба мо хайру хуш намуда, гуфт:

– Маро нафаҳмиданд. Гапам дуруст ё не?

Мо ҳарфе назада аз дил гузарондем: «Туро фаҳмиданд, аммо ту худатро нафаҳмидӣ!»

## ЗИНАПОЯ

Воқеа чунин рӯй дод. Мо дар маҳаллаи нав хона гирифтем. Хонаи нағз, зебо, дар қабати сеюм. Ҳамсояҳои нав ҳамаашон одамони ношинос буданд. Аз ҳама зиёдтар ба ман ҳамсояи дасти ростам маъқул буд. Марди хушқаду қомат,

ороста, ширинсухан. Дар қабати якум қариб ҳама серфарзандҳо ҷой гирифта буданд.

Гумон накунед, ки ман ҳамсояҳоямро таъриф ё танқид карданиям. Не, гапи ман дар сари дигар чиз аст. Дар сари зинапоя. Ҳа, бовар кунед, зинапоя… ана, ҳамин зинапоя як моҳи расо ҳамаамонро саргардон кард.

Боре завҷаам ба ман гуфт:

– Зинапоя аз аввал то охир ифлос шудааст.

– Чаро?

– Ҳеҷ кас намерӯбад.

– Чӣ бояд кард?

– Агар тоза накунем ҳамаи ифлосӣ ба хона медарояд.

– Азизам, модоме, ки худат гапро баровардӣ, аввалин шумо зинапояро тоза кун. Дигарон дида ибрат мегиранд.

Завҷаам каме ба фикр фурӯ рафту сонӣ пошнаи туфли мушкинашро ба фарши хона сахт куфта, гуфт:

– Не, ман аввалин шуда зинапояро намерӯбам.

– Чаро?

– Худат як фирк кун. Ман аз ҳамсояҳо чӣ фарқ дорам. Дар назди онҳо худамро ҳеҷ паст намезанам.

– Дар ин кор ҳеҷ ҷои таҳқир нест.

– Аз аввал лаҷоми ҳамсояҳои навро ба даст гирифтан лозим. Шумо мардҳо чиро медонед? Як поятон дар хона бошад, як поятон дар берун. Бо ин ҳамсояҳо ман зиндагӣ мекунам…

– Ба фикри ту чӣ кор кунем?

– Ҳамаро ҷамъ намуда, маслиҳат мекунем. Ягон кас корро сар кунад.

Ҳамсояҳои мо чунон серкору серташвиш буданд, ки дар як ҳафта ба зӯр онҳоро ёфта, рӯзи ҷамъомадро таъин кардем.

Рӯзи якшанбе, баъди соати шаши бегоҳӣ ҳамаамон ҷамъ шуда, барои тоза кардани зинапоя хеле машварат гузарондем. Ҳама яктану якҷон тарафдори он буданд, ки зинапоя тоза карда шавад, аммо ҳеҷ кас намегуфт, ки ман тоза мекунам.

– Рафиқон, биёед, гапро кӯтоҳ мекунем. Пагоҳ зинапояро кӣ тоза мекунад?

Ҳама ба рӯи ман нигаристанд. Аввало ким-чӣ гуфтанӣ шуданд, лабонашон ба ҷунбиш даромад, лекин боз худдорӣ карда ҳарфе назаданд.

– Хуб шудааст, пагоҳ мо мерӯбем, – гуфтам ман.

Ҳама сар бардошта ба сӯям нигаристанд. Завҷаам «Оҳ!» гуфта монд.

– Ин тавр намешавад, – гуфт ҷавонзани олуфтае, ки аз мо поинтар истиқомат мекард. – Ман вақт надорам. Хонаамро модарам омада руфтучин мекунад. Кампири бечораро зинапоярӯбӣ фармоям? Не, ман розӣ не.

– Ними умри ман дар сафар мегузарад, – гуфт истиқоматкунандаи хонаи рақами ҳафтум, – ҷадвали тартибдодаи шумо бо ҷадвали сафарҳои ман мутобиқат накунад, баъд ман чӣ мекунам? Не, ба фикрам ман ҳам наметавонам.

– Ман ҳам наметавонам, – гуфт зани миёнсоле, – ман миёндард. Барои ҳамин ҳам дар қабати якум хона гирифтам. Чӣ тавр то қабати чорум мебароям?

– Оҳ, Ҷонӣ маро мекушад, агар зинапоя тоза кунам. Вай дастатро ба оби хунук назан мегӯяд. Тамоми хонаро худаш рӯбучин мекунад. – Ин овози ҳамсояи аз ҳама ҷавонтарини мо буд.

– Набошад, ҳамсояҳо, як маслиҳат, – гуфт завҷаи ман.

– Чӣ маслиҳат? – аз ҳар тараф пурсиданд ҳамсояҳо.

– Шӯстани зинапояро ба зимаи мардҳо мегузорем.

– Ёфтӣ!

– Ҳақи гапа гуфтӣ!

– Аз шоҳмотбозӣ дида ин беҳтар.

– Як бор онҳо ҳам дасташонро ба оби хунук зананд. – Аз ҳар тараф ба гап даромаданд ҳамсояҳо. Лекин дар ҳамин дам зани миёнақади нозукҷуссае як қадам ба пеш гузошта гуфт:

– Ман розӣ не, шавҳари ман одами маданӣ. Дар идора се кас кабинеташро тоза мекунад. Дар ин ҷо зинапоя рӯбад?

– Ин кор намешавад, – ба гап ҳамроҳ шуд зани дигаре. – Шавҳари ман ҳам соҳиби як идораи калон.

– Ман ҳам тарафдор не, шавҳарам шофёр. Сари азон хеста ба кор меравاду ними шаб меояд.

– Ана, дидед, ин тавр ҳам намешавад, – гуфтанд занҳо, – лекин илоҷи тоза кардани зинапояро ёфтан лозим?...

Мо илоҷи шӯстани зинапояро ёфтем. Бо зорию тавалло кампиреро, ки зинапояҳои маҳаллаи ҳамсояро тоза мекард,

розӣ кардем, ки ҳафтае як бор омада зинапояҳои моро ҳам шӯяд. Мо ҳамаамон музди меҳнати ӯро медиҳем.

Эҳтимол пурсед, ки хонаи мо дар куҷост? Дур не, Дар кӯчаи калон. Аз берун нигаред, кадом биное, ки тирезаҳои шишаҳои зинапояаш шикаста ва ифлос бошад, ҳамон хонаи мост. Марҳамат даромада бинед.

## ТЕЛЕВИЗОР

Гӯё ки барқасд бошад, дар арафаи Соли Нав телевизорамон вайрон шуд. Ба устохонаи таъмири телевизорҳо телефон кардам. Духтараке гӯшакро бардошт.

– Шуморо ба иди наздикшудаи…

– Мақсад? – гапамро шартӣ бурид вай.

– Телевизори мо, намедонам, чӣ шудааст, ки…

– Маркааш?

– «Восход».

– Шартнома?

– Шартнома надорем…

– Фамилияатон?

– Абдул Аҳадов.

– Адрес?

Ман кӯча ва рақами хонаро номбар кардам.

– Рақами шӯъбаи алоқа?

– Дуюм..

– Ноҳия?

– «Октябрь»

– Медонед чӣ, – гуфт духтарак, – корхонаи мо ба ноҳияи «Роҳи Оҳан» хизмат мерасонад. Шумо ба устохонаи ноҳияи худатон телефон кунед.

Вай шароққӣ гӯшакро монд. Ман беихтиёр боз ду-се бор «алло, алло» – гуфтам. Сонӣ каме ба фикр фурӯ рафта, ба устохонаи таъмири телевизорҳои ноҳияи «Октябр» занг задам.

Аз ин ҷо ҳам айнан ҳамон саволҳоро пурсиданд. Ман як ба як ҷавоб додам.

– Хуб, – гуфт духтарак, – пас аз понздаҳ рӯз усто меравад.

Шароққӣ гӯшакро монд. Ман боз занг задам, ба ӯ

фаҳмондам, ки дар арафаи Соли Нав… бе телевизор намешавад. Ягон илоҷ кунед, илтимос.

Гуфтам-ку, пас аз понздаҳ рӯз усто меравад, боз чӣ мехоҳед?

– Ман аз шумо чизи бисёре намехоҳам. Як хоҳиш дорам: усто фиристед, телевизори моро дуруст кунад. Дар Соли Нав бе телевизор…

– Мешад!

– Чӣ тавр?

– Магнитофон монед, дар гирди арча суруд хонед, рақс кунед…

– Мо магнитофон ҳам надорем. Дар хонаамон ягон хушовоз ҳам нест.

– Хайр, эҳтимол ҳамсоятон, ёру ҷӯраҳоятон…

– Ҳамсояҳо бо ман ҷангӣ, ёру ҷӯра ҳам надорам! – бо қаҳр гуфтам ман.

– Наход? Ин тавр бошад, телевизорро не, шуморо дуруст кардан лозим.

– Чӣ?...

– Усто мефиристем. Рӯзи сию якум, пас аз соати даҳ, интизор шавед.

– Чӣ хел усто?...

– Чӣ хел усто буданашро сонӣ мефаҳмед.

Вай шароққӣ гӯшакро монд.

Ман пас аз чанд дақиқа боз телефон кардам, касе ҷавоб надод, пас аз як соат, пас аз даҳ соат, пас аз як рӯз телефон кардам… касе ҷавоб надод.

Расо соати даҳ дар тақ-тақ шуд. Кушодам. Ҷавони қоматбаланди бадҳайбате дар ду даст халтаи пурбор, пушти дар рост меистод.

Ба Шумо кӣ лозим?

– Шумо Абдул Аҳадов!

«Худоё, номамро аз куҷо медонед?» – аз дил гузарондам ман.

– Телевизори ман вайрон… шумо устои …

Вай ба таклифи ман нигоҳ накарда, пойафзолаш лойолуд, зада ба хона даромад. Халтаашро таппӣ дар кунҷаке гузошт. Сонӣ чор тарафи хонаро аз назар гузаронд.

– Ана, телевизор, вайрон… – гуфтам ман.
– Вайрон?
– Вайрон.
– Шумо Абдул Аҳадов!
– Абдул Аҳадов.
– Шумо бо ҳамсояҳо ҷангӣ, ёру дӯст надоред, телефизоратон вайрон?
– Вайрон…
– Шуморо дуруст кардан лозим!
– Маро? Ман сиҳат – саломат, шумо чӣ мегӯед?
– Не, шумо дуруст не?
– Маро таҳқир накунед!
– Шумо агар дуруст мебудед, бо ҳамсояҳо, ҷанг намекардед, бе ёру дӯст ҳам намемондед. Телевизоратон ҳам вайрон намешуд.
– Телевизор ба ин чӣ дахл дорад?
– Дорад! Фавран ҳамаи ҳамсояҳо ва ёру дӯстонатонро ба ин ҷо даъват кунед.
Овози ӯ чунон ғафс ва омирона буд, ки ман чизе нагуфта ба ҳамсояҳо ва ду-се ёру дӯстонам телефон кардам: «Бисёр кори зарур дорам, як сари қадам дароед. Хоҳиш мекунам. Зуд бошед!».
Пас аз даҳ дақиқа ҳамсояҳо, ёру дӯстони хонаҳояшон наздик ҷамъ омаданд.
– Чӣ гап? – пурсиданд онҳо.
– Телевизор… вайрон… – гуфтам, усторо нишон дода.
– Барои ҳамин…
– Ҳа, барои ҳамин! – бо қатъият гуфт усто.
– Эй, шумо одами аҷоиб будаед-ку!..
– Ман одами аҷоиб? – ҳайрон шуда пурсид усто. – Ҳамсояатон одами аҷоиб. Дар арафаи Соли Нав бо ҳамсояҳо ҷангӣ, ёру дӯст надорад.
– Чӣ хел? Ёру дӯст надорад?
– Надорад. Ана, аз худашон пурсед. Ба мо телефон карда, ҳамин тавр гуфтанд.
– Наход? – ҳама бо таҳайюр ба сӯи ман нигаристанд.
– Ман, ҳамин тавр… барои омадани усто, – чашмамро аз ҳамсояҳо гурезонда гуфтам.

Усто каме ҳайрон шуда, гуфт:

– Шумо бо ҳамсояҳо ҷангӣ не…

– Не, не, асло!

– Бисёр хуб… Набошад як худи ман танҳо будаам. Э-э, боз фикр мекардам, ки Соли Навро дар кадом кӯю дар пешвоз мегирам. Хайрият, акнун мушкилам осон шуд. Ку, ин балогардонро кушоед!

Вай аз халтааш як шиша шампон бароварда ба рӯи миз гузошт.

– Телевизор худи ҳозир ба бозӣ медарояд. Мо як қадаҳ нӯшидем. Ҳамсояҳо ҳам нӯшиданд. Боз нӯшидем. Хурсандӣ кардем.

Соат ба дувоздаҳ наздик мешуд. Як вақт сар бардошта нигоҳ кунам, аз ҳамсояҳо ному нишон нест.

– Парво накун, ҷӯра, ҳозир мебардорем! Чунон бардорем, ки худи Бобои Барфӣ дида, қоил шавад. Ман дӯсти нағз, вафодор… – дар пушти телевизор хир-хир мекард усто.

Ман ҳам тааҷҷуб мекардам ва ҳам хурсанд мешудам. Лекин барои чӣ? Росташ, ҳанӯз намедонистам. Ку, ҳамроҳи усто боз як қадаҳ бардорем чӣ!?

## МУАММОИ МОШИН

Субҳ дари сарои мошинро мекушодам, ки завҷаам пеши раҳамро гирифт.

– Чӣ гап? Оромӣ аст? – пурсидам аз ӯ.

Лабу лунҷаш пир-пир мепариданд, аз чеҳрааш барфу борон меборид.

– Калидро ин ҷо диҳед! Дигар ин мошин як қадам аз сарой берун намебарояд!

Саволомез ва хомӯш ба сӯяш нигаристам.

– Чӣ, гапамро нафаҳмидед?

– Гапатро фаҳмидаму аммо мақсадат равшан не.

– Гуфтам-ку, дигар ин мошин берун намебарояд!

– Чаро? Мошин ки нагардад, аз он чӣ фоида. Вай гӯсфанд нест, ки дар сарой монему фарбеҳ кунем.

– Ба ман на фоидааш даркору на зарараш. Пӯсида равад

беҳтар. Аз паси ҳамин мошин шуда, на хона мегӯеду на дар, на зан мегӯеду на фарзанд. Ними шаб меоед.

– Хайр, чӣ кор кунам, азизам? – бо мулоиматӣ гуфтам ба ӯ. – Кор баромаду дер мондам.

– Мошин мехарему кори хона сабук мешавад, – гуфта будам. – Баракс шуд. Аз субҳ то шом аз бозор пои пиёда бор мекашонам. Шумо бошед, парво ҳам надоред. Хидмати дигаронро мекунед.

– Ҳама моро мешиносанд. Корашон меафтаду илтимос мекунанд. Не гӯем нашавад, меранҷанд. Ба дили худам ҳам даводавии зиёдатӣ задаст…

– Мошинам вайрон гӯед, чӣ даҳон надоред. Бензинаш нест, гӯед. Раванд, аз дигар ҳамсояҳо пурсанд.

Ман ба андеша афтодам. Завҷаам то андозае ҳақ буд. Аз рӯзе, ки мошин харидем, ба ҷои корам осон шавад, даводавам ду баробар афзуд. Аз хона набаромада, дар паси дар ба ду-се корафтода рӯ ба рӯ мешудам.

– Раҳимҷон, сари раҳ моро ҳам ба фалон ҷо бурда парто.

Не гуфта наметавонистаму корафтодагонро ба ҷояшон бурда мерасондам. Ба идора нарасидам, ки котиба мегуфт:

– Раҳим Раҳимович, шуморо сардор пурсиданд.

Ба ҳузури сардор медаромадам.

– Раҳимҷон, додарам, пиёдаӣ ё савора?

– Савора…

– Ҳеҷ куҷо нарафта ист. Баъди ним соат ба якҷо рафта меоем.

Сардор маро идора ба идора мегардонд. Охири рӯз ба ҷои кор меомадему мегуфт:

– Баракалло Раҳимҷон, ба шарофати мошини ту чанд корро буд кардем.

Бегоҳӣ, ҳатман ёру ҷӯраҳо аз чор тараф ба ман занг мезаданд, ки дар фалон ҷо маърака, дар фалон ҷо тӯй, дар фалон ҷо даъват аст. Пои пиёда рафта наметавонанд, аз он тараф омадан мушкил, нақлиёт нест. Оқибат чор-панҷ кас шуда ба меҳмонӣ ё тӯй мерафтем. Дар бозгашт ёру дӯстонамро ба хонаҳояшон бурда мерасондаму ними шаб ба хона меомадам. Ин амал як рӯзу ду рӯз набуд, қариб ҳар рӯз такрор мешуд.

Сухани завҷаам ҷон дорад, кори рӯзгору хонаро тамоман фаромӯш кардаам.

– Ҳа, гуфти ту шавад, мегӯям, ки бензин надорад.

– Не, вайрон гӯй, бензин надорад гӯӣ, моро хасис мебароранд.

– Ин гапат ҳам дуруст.

Сари ҳамин андеша будем, ки аз берун овози шиносам Шокирҷон баромад.

– Раҳимҷон! Ҳо, Раҳимҷон!...

– Ҳа, дароед, ман дар ин ҷо! – Садо додам аз сарои мошин.

– Ҳа, чӣ мекунӣ? – ба наздам омада пурсид ӯ.

– Сабил монад, вайрон шудааст…забон хоидаю паси сар хорида гуфтам.

– Куҷояш?

– Худам ҳам намедонам. Дар намегирад.

– Канӣ, пеши мошинро кушо!

Ноилоҷ пеши мошинро кушодам.

Ӯ ин тарафу он тарафи маторро даст-даст карда диду гуфт:

– О, дуруст аст-ку, чӣ хел дар намегирад? Канӣ, калида барор!

Калиди мошинро ба дасташ додам, ӯ сари ҷилав нишасту дар як дам мошинро даргиронд.

– Шин, – гуфт ба ман, – шин. Ба як ҷо меравем. Оши наҳор аст.

Ман мутеона дар паҳлуи ӯ нишастам. Шокирҷон мошинро фиррӣ аз сарой баровarду ба завҷаам нигариста гуфт:

– Янга, шавҳаратон як зиёфат қарздор шуд. Мошинашро дуруст кардам.

Чашмони завҷаам калон-калон кушода шуданду ӯ ҳарфе гуфта натавонист.

Бегоҳӣ, вақте ба хона баргаштам, завҷаам, гуфт:

– Ман илоҷи мошинро ёфтам. Ҳар касе мошин пурсад, мегӯед, ки шаҳодатномаамро ГАИ гирифтааст.

– Дуруст, дуруст, ҳамин тавр мегӯям.

Рӯзи дигар пиёда ба кор рафтам. Ҳар кас аз мошин мепурсид, ба ӯ мегуфтам, ки шаҳодатнома надорам, кормандони бехатарии роҳ гирифтаанд. Ин хабар дар байни кормандони

идора ва ёру дӯстонам зуд овоза шуд. Аз ҳама пеш Маҳмудҷон ба шӯр омад.

– Кӣ гирифт? Дар куҷо гирифтанд? Ҳозир ман ба сардорашон телефон мекунам. Худашон оварда медиҳанд. Номашро напурсидӣ?

– Номашро гуфт, ба хотирам намондааст.

– Афташ чӣ хел буд?

– Афташ чӣ хел мешуд, коркуни ГАИ-да. Ҳамаи онҳо дар либоси низомӣ як хел менамоянд.

– Раҳимҷон, ҳаққи гапа гӯям, ту худат ҳам одами суст. Боз ман ба умеди мошини ту будам. Рӯзи шанбе ба Ҳисор рафта меомадем. Як ҷиянам тӯй дорад.

– Хайр, чӣ илоҷ, кори шуданӣ шуд.

– Илоҷаш ҳаст. Ҳозир телефон мекунам, ёфта меоранд.

Маҳмудҷон ба куҷое ғайб заду пас аз ним соат омад.

– Дар кадом пост гирифтанд, кай буд? – пурсид аз ман.

– Пости назди Сирк.

– Ҳе осон, ҳозир гирифта меорад.

Вай боз ғайб заду пас аз ним соат омад.

– Сардораш гуфт, ки дар осмон ҳам бошад, оварда медиҳанд, дар замин ҳам. Ман ҷои хонаатро ҳам гуфтам. Дер монанд, ба хона бурда медиҳанд. Парво накун. Ба тӯйхӯрӣ тайёр шав.

Рӯзи шанбе саҳарӣ Маҳмудҷон ба хона омад. Пеш аз салому аллейк гуфт:

– Овარданд?

Дигар натавонистам дурӯғ гӯям:

– Ҳа, оварданд, – гуфтам оҳи вазнине кашида.

– Ана, дидӣ, худаш ба пои худаш оварда медиҳад. Узр ҳам пурсидагист?

– Ҳа, пурсид.

– Ҷазои онҳо ҳамин.

Маҳмудҷон хурсанд буд.

– Барор мошина, рафта як маишат карда биоем.

Ноилоҷ ба Ҳисор рафтам.

Вақте баргаштам завҷаам гуфт:

– Аз дасти ҷӯраҳои хираи ту ҷои халосӣ нест.

– Парво накун, – гуфтам, ба дили ман ҳам рафту омадҳои беҳуда задаст. – як чархашро гирифта мемонаму мошин баллон надорад мегӯям.

Ҳамин тавр кардем. Аз байн се рӯз нагузашта як ҳамсоя омад.

– Ҳа, Раҳимҷон, чаро мошинро намебарорӣ?

– Баллон надорад, – гуфтам ба ӯ. – тамоман аз кор баромадагӣ.

– О, ҳамин ҳам гап шуду як даҳон гӯӣ намешавад. Баллон дар хонаи ман пур. Мошина фурӯхтаму балонҳои кӯҳнааш монданд. Барои якҷо-дуҷо рафтан кор меоянд.

– Ташвиш надиҳам, – гуфта ба ҳеҷ кас гап назадам.

– Ҳамин ҳам ташвиш шуду…

Пас аз лаҳзае ҳамсоя як балони кӯҳнаро аз хонааш бардошта овард.

– Кушо, – гуфт, – дари гаража кушо!

Дили нохоҳам дари сарои мошинро кушодам.

– Канӣ, чархро ин ҷо биёр.

Ман чархи мошинро, ки гирифта ба кунҷе монда будам, ба пеши ҳамсоя бурдам. Ӯ чор тарафашро аз назар гузаронда, гуфт:

– Балонат дуруст-ку, дамаш ҳам дар ҷояш.

– Зуд-зуд дамаш мебарояд, – гуфтам аз ногуворӣ худро халос карданӣ шуда.

– Айби камера будагист. Кай боз мошин истодааст?

– Се рӯз шуд.

– Бин, дар се рӯз дамаш дар ҷояш. Мон ба мошин, ҳеҷ бало намезанад. Сари роҳ ба устохона даромада, дуруст мекунем.

Мо мошинро аз хона баровардем. Завҷаи меҳрубонам маъюсона аз пасам нигарист. Ман ҳатто аз ҳамсоя напурсидам, ки ба куҷо меравем.

Шаб бевақт ба хона омадам, сару рӯи мошин ҳам лойолуд буд.

– Ба куҷо рафтед? – пурсид завҷаам.

– Ба Ёвон.

– О, ба кор нарафта будед?

– Ҳамсоя аз сардорамон ҷавоб гирифт…

– Уф…, – гуфт ӯ оҳи вазнине кашида.

Ҳоло ману завҷаам дар андешаем, ки муаммои мошинро чи хел ҳал кунем. Баъзеҳо маслиҳат медиҳанд, ки фурӯшем. Ман фикр мекунам, агар фурӯшем, ёру ҳамсояҳо аз мо дур мешаванду танҳо мемонем. Завҷаам мегӯяд, ки бало ба паси ҳамсояю ёру ҷӯраҳоят. Ҳамаашон аз паси мошин ошноянд. Якто ҳам ҷӯраи ҷонӣ надорӣ. Канӣ бубинем, хонандагони меҳрубон чӣ маслиҳат медода бошанд?

*с.1998*

## ИМТИҲОН

Аз имтиҳон гузаштан кори ҳар кас нест, хусусан аз имтиҳони хешу табор. Ана, гӯш кунед, ман ба шумо як воқеаи рӯй додаро нақл мекунам.

Дар арафаи имтиҳон як гурӯҳ хешу ақрабо субҳ надамида ба сари ҳамсояи мо Кенҷабой ҳуҷум карданд.

– Худаш чӣ гап? – пурсид Кенҷабой. – Ин қадар барвақт аз куҷо пайдо шудед? Чӣ воқеа рӯй дод?

– Не, хавотир нашавед, ҳодисае рӯй надодааст, – гуфт амакбачаи Кенҷабой, ки ҷавони хеле танумaнд буд. – Ту дар рӯйхати «мухлисон» ҳастӣ. Ана, барои ҳамин мо омадем.

– «Мухлисон?». Ин чӣ гап?

– «Мухлисон» футбол не, «мухлиси» имтиҳон.

– Имтиҳон?

– Ҳа, имтиҳон.

– Ана, ина бинеда, – гуфт холабачаи Кенҷабой, – то ҳоло хабар надорад. Бепарвоӣ аз ин ҳам зиёд мешавад?

– Чӣ хел бепарвоӣ? – гуфт Кенҷабой. – Ба ман фаҳмонед, ман аз ҳеҷ чиз хабар надорам.

Тағои Кенҷабой, ки марди хушқаду қомати сияҳбурут буд, пеш баромада гуфт:

– Ҷиянчаатон Олимҷон имсол мактаби миёнаро тамом кард. Ба мактаби олӣ даромаданӣ…

– Ҳа, – гуфт Кенҷабой, – акнун мақсадатонро фаҳмидам. Ин масъала ба ман чӣ дахл дорад?

– Дахл дорад, – гуфт амакбачааш, – ту дастгираш ҳастӣ. Дастгир дар хона хоб намекунад, фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам.

– Ана, барои ҳамин зуд бош, боз дер накунем. Рав либосатро пӯш. Мо туро дар кӯча интизор мешавем. Мошин тайёр.

Кенҷабой либосашро пӯшида, ба мошини «Жигули»-и онҳо савор шуд. Дар мошин амакбачааш ба ҳама як ба як дастур дод, ки чӣ бояд кунанд.

– Ту, – гуфт ба Кенҷабой, – дар назди дарвоза меистӣ, агар ягон муаллими имтиҳонгирандаро ёфтӣ, ҷиянчаро зуд ба ӯ шинос мекунӣ, фаҳмо.

– Фаҳмо, лекин ман ягон муаллими имтиҳонгирандаро намешиносам.

– Мешиносӣ.

– Киро?

– Аҷаб сода будӣ, муаллими шинос ёфт мешавад, фақат тоқат лозим. Агар худат нашиносӣ, аз дигарон пурс, нишон медиҳанд. Коре нест, ки одам онро иҷро накунад.

– Хуб, фаҳмидам.

Кенҷабойро соати ҳашти субҳ дар назди дарвоза шинонданд. Дар он ҷо ба ғайр аз ӯ боз одамони дигар ҳам буданд. Ҳама дар як ҷо пой кӯфта, ба даруни бино менигаристанд. Одамон ду-ду, се-се бо ҳам сӯҳбат мекарданд. Лекин дарди ҳама як чиз буд: «Имтиҳони ҷиянча чӣ мешуда бошад?» Амакбачааш зуд-зуд омада аз Кенҷабой ҳолпурсӣ мекард ва тамоми рафти воқеаро ба ӯ мефаҳмонд. Ҳаво ҳам торафт гарм мешуд.

– Ягон муаллимро зери чашм кардӣ?

– Ҳоло не. Мегӯянд, ки онҳо аз дари пас дароюю баро мекунанд.

– Парво накун. Дар он ҷо ҳам одам мондам. Агар ба осмон паранд, аз пояшон медорам, ба замин дароянд, аз гӯшашон мекашам, фаҳмидӣ? Бо ман ҳазл накунанд. Тамоми шаҳрро ба по мехезонам.

Амакбачааш аз назди Кенҷабой рафт. Дар назди дарвоза сояе набуд, ки Кенҷабой сарашро паноҳ кунад. Аз тамоми

баданаш арақ мерехт, аммо ба фармони амакбачааш гӯш карда, аз назди дарвоза дур намешуд. Нисфирӯзӣ амакбачааш як шиша лимонад ва камтар нону колбаса оварда ба дасташ доду таъкид кард, ки аз назди дарвоза дур наравад.

– Агар ҷиянча нагузарад, обрӯи мо дар назди ҳамқишлоқиҳо, ёру ҷӯраҳо як пул мешавад, мефаҳмӣ, як пул. Нангу номус дар хамин рӯз даркор.

Амакбачаи Кенҷабой боз рафт. Пойҳои Кенҷабой ба дард даромаданд, сараш аз гармии ҳаво ва ҳаяҷон чарх мезад, чашмонаш бехудона пӯшида мешуданд. Ҳама чиз дар пеши назараш сиёҳ менамуд. Писари амакаш боз ба наздаш омад.

– Ман фаҳмидам, – гуфт вай. – ҳозир муаллимон мебароянд. Ягонтоашонро зуд ба гап гир. Аз ҳар тараф пурс. Коре кун, ки то омадани ман наравад.

– Ман дигар тоқати истодан надорам, сарам чарх мезанад.

– Тоқат кун, тоқат кун…

Амакбачааш ба Кенҷабой гӯш накарда рафт. Вай боз дар назди дарвоза монд. Кенҷабой аз ҳол рафта буд. Вай дигар чизеро фарқ намекард. Ҳама чиз дар пеши назараш чарх мезад: одамон дарахтон, хонаҳо … Сонӣ касе аз дасташ дошта: «Ба шумо чӣ шуд?» гӯён ӯро аз замин бардошт.

… Кенҷабой дар касалхона чашм кушод. Амакбачааш дар сараш рост меистод.

– Ба ту чӣ шуд? – пурсид аз Кенҷабой.

– Афтодам.

– Ба ҷиянча чӣ шуд? – пурсид Кенҷабой.

– Афтод…

## МАСЪУЛИЯТ

Пас аз хатми мактаби олӣ маро ба идораи Н. ба кор фиристоданд. Ҳуҷҷатҳоямро тахт карда, ба назди сардори идора барои имзояшро гирифтан даромаданӣ шудам.

– Ба куҷо? – пеши роҳи маро гирифт котиба.

– Ба сардор кор дорам!

– Сабр кунед! Намебинед, лампочкаи сурх месӯзад, яъне Мухаммед Хаджибекович бо телефон гуфтугӯ доранд.

Ман дар рӯ ба рӯи лампочкаи сурх нишастам, котиба ба кори худ машғул шуд. Тахминан пас аз понздаҳ-бист дақиқа ду кас омада, бе ҳеҷ пурсу пос ба назди Мухаммед Хаджибекович даромаданд. Аммо лампочкаи сурх хомӯш намешуд.

– Инҳо киҳо буданд? – пурсидам аз котиба. – Чаро бе навбат даромаданд?

– Инҳо ошноҳои Мухаммед Хаджибекович.

Як, ду, се соат гузашт, аммо лампочка ҳанӯз фурӯзон буд.

– Ин чароғ вайрон! – гуфтам ба котиба. – Наход ба телефон ин қадар дуру дароз гуфтугӯ кунанд?

Ӯ ба сӯи ман бо мазмуни «Кори ту набошад» теғ кашида нигаристу ба кори худ машғул шуд.

Соати дувоздаҳ лампочкаи сурх хомӯш гардид. Ман дарро кушода, ба кабинети Мухаммед Хаджибекович ворид шуданӣ будам, ки ӯ аз дарун саросема баромад. Ман пеши раҳи сардорро гирифтам, мақсадамро арз кардам.

– Одам барвақт меояд, наход вақти танаффус биёӣ, эҳ бача, бача! Фардо биё.

Ман на рӯзи дуюм, балки рӯзи сеюм ба кабинети Мухаммед Хаджибекович роҳ ёфтам. Вай маро дар муқобили худ шинонда, ҳуҷҷатҳоямро як-як аз назар гузаронд. Пас айнакашро аз чашмаш гирифта гуфт:

– Як ҷои холӣ ҳаст, аммо кораш хеле масъулиятнок, чанд кас омаду аз ӯҳдааш набаромада рафт. Аммо ҳаминро ҳам ба хотир доред, ки коллективи мо коллективи хуб аст, дар ин ҷо бисёр касон тарбият ёфтаанд. Ин идора оянда дорад. Масалан, худи маро чандин бор ба вазифаҳои баланд пешбарӣ карданд, аммо нахостам. Ин ҷо барои ман беҳтар, ором, асаби кас хароб намешавад.

Мухаммед Хаджибекович тарҷумаи ҳоли худаш ва ҳатто, баъзе зердастонашро нақл карда, ба кори идора, плану ӯҳдадориҳои он гузашт.

Ниҳоят Мухаммед Хаджибекович ба ариза имзо гузошта, маро назди мудири шӯъба фиристод.

Мудир марди миёнсоли қадпасти тоссар мисли Мухаммед Хаджибекович, аввал ҳуҷҷатҳоямро ба диққат аз назар гузаронд. Сипас дар бораи худаш ва шӯъбааш нақл кард. Сонӣ

уф гуфта араҷи пешонӣ,тори сар ва гарданашро пок карда, бо таъкид гуфт:

– Кори шӯъбаи мо хеле масъулиятнок, аммо бисёр касон инро намефаҳманд. Баъзеҳо омаданду хомӣ карда рафтанд. Аз ин ҷо сабзидан мумкин. Худи маро чандин бор ба вазифаҳои баланд пешбарӣ карданд, лекин нахостам. Ин ҷо ором, асаби кас хароб намешавад.

Мудири шӯъба маро ба кабинете бурд, ки се кас менишастанд.

– Ана, ҳамин ҷо ҷои кори ту мешавад. Рафиқ Бахтиёр Аҳмадович ҷонишини ман. Чизе ки нафаҳмидӣ, аз ин кас пурс.

Мудири шӯъба баромада рафт.

Бахтиёр Аҳмадович ҳамон рӯз ба ман чизе нагуфт.

Рӯзи дигар аз саҳарӣ дар хусуси мушкилии кор, вазифаҳои ман ва худаш дуру дароз нақл кард..

Ман як ҳафтаи тамом масъулияти корро ҳис карда, субҳи барвақт ба идора меомадам ва тамоми рӯз ба чашмони хоболуд дар интизори кори масъулиятноке менишастам. Ходимони шӯъба баъзан маро барои харидани сигарет ё гӯгирд ва ё садо кардани касе мефиристоданд.

Дар ҳафтаи дуюм ман ба Бахтиёр Аҳмадович гуфтам:

– Ман чӣ кор кунам?

– Офарин, – гуфт ӯ хандида, – ана ҳамин гуна ҷавонон ба ман маъқул, масъулиятро ҳис мекунанд. Ман ҳам як ҳафта боз дар ҳамин фикр ҳастам, ки ба ту чӣ кор диҳам. Аммо медонӣ, мо план ва ӯҳдадории солонаамонро иҷро кардаем. Рапорт ва ҳисоботҳои солонаро аллакай навиштем. Ду-се моҳ пештар меомадӣ, дар зери кор маиб мешудӣ. Ҳоло дар сояи давлати мо роҳат карда гард.

Дар ҳафтаи сеюм вазифаҳои «ҷамъиятии» ман дар идора хеле зиёд шуданд. Савдои бозори хонаи сардор ва мудири шӯъба ҳам ба зиммаи ман афтод. Баъзан, агар табъи Мухаммед Хаджибекович ё мудири шӯъба самбӯса кашад, ман бо «Волга» – сиёҳи сардор тамоми дӯконҳои самбӯсафурӯшии шаҳрро гашта, беҳтаринашро барояшон ҳозир мекардам.

Дар охирҳои сол дар шӯъба, сонӣ дар идора маҷлиси

истеҳсолӣ шуда, аввал мудир, сипас худи Мухаммед Хаджибекович маро таъриф карданд. Бачаи серғайрат ва кордон гуфтанд, масъулиятро ҳис мекунад. Оянда дорад…

Рӯзи дигар ман ариза навиштам, ки вазифаам бисёр масъулиятнок аст, аз ӯҳдааш намебароям, хоҳишмандам маро аз кор озод кунед.

– Ман ин гапро ба ту пештар ҳам гуфта будам, – сардор ба рӯи аризаам имзо гузошт.

Пас аз се моҳи аз кор рафтанам шунидам, ки барои масъулияте надоштанаш идораи Н-ро барҳам додаанд.

## ЧОЙХОНА

*(Манзараҳои торики Душанбе)*

Дар яке аз чойхонаҳои назди бозори «Баракат»-и шаҳри Душанбе нишастаам. Ҳаво сард аст. Борони майда меборад. Пеши чойхона шишабандӣ. Дохилаш ба мисли яхдон. Ҳаври даҳони меҳмонҳо ба фазо мепечад, гармии таоми пешашон ҳис карда намешавад.

Пешхизмат пиёла ва як чойник чой оварда дар наздам гузошт. Дастонамро ба болои чойник гузошта гарм кардам. Аз тирезаҳо ва дари нимроғи чойхона раҳгузарҳо дида мешаванд. Онҳо саросемаанд. Ҳама сархам ба мӯрчагоне шабоҳат доранд, ки аз хона баромада, ризқу рӯзӣ ҷустуҷӯ мекунанд.

Писарчае дар бар либосҳои кӯҳна, дар сар кулоҳи дарида, дар даст оташгирак ҳаросон ба чойхона дохил мешавад. Ӯ мисли соҳирон гирдам давр мезанаду «Дарду бало дур… дарду бало дур…» гӯён ба оташи зери испанди қуттии дасташ пуф мекунад. Аз зери он ба ҷои дуди испанд, дуди коҳ ба димоғам мезанад. Аз байни дуди абрмонанд ба чеҳрааш менигарам. Чашмонаш мешӣ, абрӯвонаш сиёҳ, гӯё қалам кашидааст, мӯи сараш расида ва шона надида. Ӯ боз гирдам давр мезанаду «Бало дур!.. Бало дур!..» мегӯяд.

Ба кисаам даст бурда ба писарак бист дирам медиҳам. Хурсанд шуда ба сӯи мизи дигаре меравад. Пешхизмат даст ба гиребони пушти писарак меандозад ва ӯро аз дар зада берун мекунад.

– Боз чӣ биёрам? – ба ман мурочиат мекунад пешхизмат.

– Хӯроки гарм доред?

– Шӯрбо, лағмон, оши палав.

– Як коса шӯрбо биёред.

– Нон биёрам?

– Бале, шӯрборо бе нон намехӯранд.

Пешхизмат рафта бароям шӯрбою нон меорад.

Қошуқ ба даҳон набурдаам, ки зани гадое дар бағал кӯдак, тифли панҷсолаеро кашола карда ба чойхона медарояд. Пешхизмат пеши роҳашро мегирад, аммо зан ба ӯ итоат накарда, ба сӯи меҳмонҳо даст дароз мекунаду садақа мепурсад. Ҷавон аст, аммо чеҳрааш коҳида. Даҳон ва биниашро бо рӯймоли сараш пӯшондааст, то касе ӯро нашиносад. Гиребони пироҳанаш кушода, тифли бағалаш хомӯш бо дастакони яхкардааш ба пероҳани модараш часпидааст.

– Ба ту сад бор гӯем, бирав аз ин ҷо! – Ӯро аз чойхона баровараданӣ мешавад пешхизмат.

Тифли панҷсола ба гиря медарояд.

– Монед, – гуфт меҳмони раҳмдиле ба пешхизмат. Сонӣ ба гадозан ишора кард:

– Ин ҷо биё! – Меҳмон ба дасти кӯдак нон ва аз кисааш панҷоҳ дирам бароварда ба зан дод. Гадо пичир-пичир зери лаб дуо хонду ба сӯи дигарон даст дароз кард. Ҳар кас аз рӯи ҳимматаш ба ӯ чизе бахшид. Зан аз дар баромад. Ман аз тиреза ба ӯ нигаристам. Тифлак нони дасташро газида, пешопеши модараш медавид.

– Ҳамааш аз бечорагист, – гуфт ба овози ба ҳама шунаво ҳамон меҳмоне, ки ба ӯ бори нахуст пулу нон дода буд. – Солҳои пеш гадоӣ намекарданд-ку!

Ҳама сарҳоямонро хам кардем. Овози «Ё оллоҳ, ё оллоҳ!...» баланд шуд. Пирамарде тасбеҳ дар даст ба чойхона даромад. Сар бардошта ба ӯ нигаристам: дастори кабудча дар сар, пироҳану ҷомааш ҳам тоза, чеҳрааш хуш, риши сафед шона задагӣ. Дар пой калушу маҳсии нав. Ӯ бо садои баланд хонд:

– Парвардигорам аз вақти қиёмат бохабар аст ва ӯ боронро нозил мекунад ва он чӣ дар раҳмҳост медонад ва касе намедонад фардо чӣ ба даст меоварад ва ҳеҷ касе намедонад дар

кадом диёр мемирад... Ё оллоҳ, ё ҳақ..., ё оллоҳ ё ҳақ. Фарзандонам, дуои бобоятонро гиред, баракат меёбед.

Ӯ ба назди меҳмонҳо омада, даст дароз кард. Ба дасташ як чиз-ним чиз партофтанд.

Ҷавоне гуфт:

– Бо дуо шикам сер намешавад.

Пирамард ба сӯяш бо ҳайбат нигарист.

Пирамард рафт. Сардии чойхонаро ҳам фаромӯш кардам. Шӯрбои косаам ях карда буд.

Ба андеша рафтам: пирамарде бо ин сару либоси озода, номи Оллоҳ дар забон, каломе аз Қуръон мехонад, ба хайру саховат чӣ мӯҳтоҷӣ дорад? Ё зери ҳамин ниқоб ғанимат меғундорад?

Дар бозори «Саховат» пирамардеро дида будам, ки дар мошини тамғаи хориҷӣ савор меомад. Мисли шайхҳо либос пӯшида, саллаю риш монда. Онро аз мошин фароварда, дар аробаи чорчарха савор мекарданд. Ду ҷавони тануманд аробаро раста ба раста мегардонд. Пирамард садақа мепурсид. Одамон ба ӯ пулу мол ҳадия мекарданд. Ба гадо, ё дармонда шабоҳат надошт. Бегоҳӣ боз ба мошини тамғаи хориҷӣ ӯро савор карда мебурданд...

Бале, барои яке гадоӣ манбаи пул ҷамъ кардан, барои дигаре як пора нон ёфтан...

Ба чойхона ҷавони қадпасте дар даст дутор даромад. Ӯ ба ҳама салом дод. Баъд паси мизе нишаст. Аз бағалаш як нон баровард. Ба пешхизмат чой фармуд. Барояш чой оварданд. Аз кисааш якчанд пора қанд гирифта ба пиёла андохт, нонро пора карда хӯрд. Ба худ каме қувват гирифт, ки сонӣ ба меҳмонҳо нигарист. Ба ман боз салом дод.

– Аз қишлоқ омадӣ? – пурсид.

– Не, ман аз шаҳр мешавам.

– Ман аз қишлоқ омадам. Он ҷо пул намедиҳанд. Шаҳриҳо хубанд, пул медиҳанд.

– Пул дорӣ?

– Бале, – аз киссааш як қабза пули майда баровард.

– Пула чӣ мекунӣ? – пурсидам аз ӯ.

– Ба масҷид медиҳам...

Шахсе гуфт:
– Ягонта хон!
– Ҷигари шавад! – қувват дод суханӣ ӯро шахси дигаре.
– Гӯш мекунанд? – пурсид аз ман.
– Ҳа, гӯш мекунанд, – гуфтам.

Дуторро ба даст гирифта ба торҳояш нохун зад. Оҳанги ғамангезро навохт. Сарашро хам карда, чашмонашро пӯшиду хонд:

*Ҳар хона, ки бечароғ боша, ҳайфай,*
*Маъшуқа ки бедимоғ боша, ҳайфай.*
*Ҳаргиз сухани талха, ба маъшуқ нагӯӣ,*
*Тӯтӣ, ки ба чанги зоғ боша, ҳайфай.*

*Эй, вой, зи дасти фалаки сифланавоз,*
*Оқил ба меҳнату ҳаромзода ба ноз!*
*Наргис зи бараҳнагӣ сар афканда ба пеш,*
*Сад пираҳани ҳарир, пӯшида пиёз.*

*Чархи фалако, сесаду шасту шаш параст,*
*Бо ҳар сари чарх садои навъи дигар аст.*
*Ҳар неку баде, ки дар ҷаҳон мегузарад,*
*Аз чарх мабин, бидон, ки аз чархгар аст.*

«Хайр, шуд» – гӯён дуторро дар паҳлӯяш монд. Одамон офаринаш хонданд. Ду-се кас аз ҷояшон хеста, ба пешаш пул партофтанд. Пулҳоро ғиҷим карда, ба кисааш андохту хайру хуш карда рафт.

Борони майда меборид. Одамон саросема қадам мемонданд. Ба назарам чунин менамуд, ки ҳама дар талаби пораи ноне шитобонанд.

*Соли 2005*

## ҒИЗОЛ

*(Манзараҳои торики Душанбе)*

«Ғизол» сабук равон аст. Ман дар паҳлӯи ронанда нишастаам. Аз магнитафон овози гӯшхароши ҳофизе садо медиҳад. Умуман дар паҳлӯи ронанда нишастанро хуш надо-

рам. Зеро ки аз истгоҳи аввал менишинаму дар истгоҳи охир мефароям. Ронандагон ин хел мусофирро бад мебинанд. Тамоми роҳ як ҷойро банд мекунад. Ба онҳо беҳтар аст, ки дусе истгоҳ равию аз «Ғизол» пиёда шавӣ. Хомӯшам, гоҳ-гоҳ зери чашм ба ронанда менигарам. Ӯ марди миёнасол менамояд. Ришаш ҳам нотарошида. Сарпӯши латагии сафед, ки ба шабкулоҳаки кампирҳо монанд аст, қариб гӯшҳояшро пӯшондаанд. Сабзина, на тоҷик буданаш маълуму на узбек. Роҳ сермошин, хусусан аз назди бозори «Саховат», «Султони Кабир» гузаштан рӯи Пули сиротро ба хотир меорад.

Пирамарде даст мебардорад. Ронанда намеистад.

– Чаро наистодед? – мепурсам аз ӯ.

– Дарди сар мешавад…

Аз ин ҷавобаш чизе намефаҳмам. Пас аз лаҳзае мепурсам:

– Чи хел дарди сар мешавад?

– Пул надорад, нозу нузаш бисёр, боз насиҳат мекунад…

Дар дохил писаре, ки роҳкиро мегирад, бо шахсе баҳс дорад:

– Даҳ дирама набошад, аз куҷо диҳам?...

– Ёб, майда кун.

– Ҳеҷ кас надорад.

– Агар даҳ дирамат ба ман равад, ҷонат мебарояд, аз ман ки ба ту рафт, хомӯш мешинӣ.

– Маҳ, бист дирам гиру гапа кам кун.

– Ман бист дирам намегирам, ба ман даҳ дирами бақияи худамро деҳ.

– Эҳ, безор кардӣ-ку. Маъқул шавад ҳамин, нашавад, маҳ пулатро гиру фаро!

– Ҳа, боз ту маро фароварданӣ ҳам ҳастӣ!

– Ин мошини шахсӣ аст, хоҳам савор мекунам, нахоҳам не.

– Шахсӣ бошад, дар хонаат гард. Хешу таборатро савор кун. Дар роҳҳои давлатӣ нагард.

– Биёед монед, – гуфт шахсе, – айб аст. Бо даҳ дираму бист дирам ҳеҷ кас бой нашудааст.

– Гап дар сари бойшавӣ нест. Ҳалол кор бошем. Ҳаққи якдигарро нахӯрем…

Нозири роҳ сахт ҳуштак кашида, бо чӯбдасташ канори роҳро нишон дод. Ронанда истод.

– Хато кардед? – пурсидам аз ӯ.

Ба саволам ҷавоб надода, аз кисааш даҳ сомонӣ бароварда ба даруни ҳуҷҷатҳояш монду аз «Ғизол» фаромад.

Баҳси дохили мошин ҳам хотима ёфт. Ронанда пас аз чанд дақиқа баргашт.

– Чӣ мега? – пурсидам.

– Пул, дигар чӣ мегуфт.

– Ҳар вақте манъ кунанд, ба гуноҳу бегуноҳ пул додан мегиред?

– Чӣ илоҷ, одат ҳамин аст. Агар аз паи ҳақиқат равӣ, сад гуноҳ ба сарат бор мекунад.

Як даста ҷавонон «Ғизол»-ро манъ карданд. Онҳо чолокона савор шуданд. Шахсе аз дохил ба шикоят даромад.

– О, бачам, ин резин нест, ки пуф кунед, васеъ шавад. Ба сарамон бор мекунед?

Ронанда хомӯш буд.

Шахсе гуфт:

– Ман чанд сол дар Россия будам. Онҳо дар мошин чанд ҷое бошад, ҳамон қадар одам мегиранд. Дар мо ҳезумборкун.

– Хайр, равед ба Россия.

– Эй, бародар, Ватану миллат гуфта дар ин ҷо мегардем, вагарна як бурида нон дар ҳама ҷо ёфт мешавад.

«Ғизол» истод. Якчанд кас фаромад. Дохили мошин ором шуд. Дар сари роҳ зане бо ду тифлаш меистод. Ронанда боз манъ накард.

– Инҳо чӣ гуноҳ доштанд? – пурсидам.

– Ҷойро банд мекунанд.

– Агар шумо наистед, дигаре наистад, онҳо чи хел меравaнд?

– Ба инаш соҳибони шаҳр ҷавоб диҳанд.

Мошин истод. Ҷавоне, ки дар паҳлӯи ман нишаста буд, фаромад. Як ҷавони ҷомадарози кулоҳи чармипӯш ба ҷои ӯ нишаст. Ба ману ронанда даст дода салом кард.

– Буҷуқуш! – гуфт.

– Кира буҷуқа?! – пурсидам аз ӯ.

Ба ман чашм песонд:

– Гази мошина.

Вазнашро ба ман андохта фитаи магнитафонро иваз кард. Суруди нав ба ӯ хуш наомад, ки ба ронанда гуфт:

– Аз ҳаму ҷигариҳош надорӣ?

– Одина Ҳошим?

– Не-э, шух. Камта хурсандӣ кунем.

Ронанда фитаеро ба дасти ӯ дод! Аз магнитафон овози баланди ғалоғула, ҳаю ҳӯй, қиғу чиғ баланд шуд. Ҷавон хурсандӣ кард.

– Ҷигара об мекунанд, – гуфт, – ҷигара…

Аз дохили «Ғизол» садоҳо баланд шуданд:

– Пастар кунед, гӯшҳоямон кар шуд.

– Ин ҷо толори консерт не…

– Ягон чизи дуруст монед…

Хайрият назоратчии роҳ боз мошинро манъ кард. Ронанда «Ғизол»-ро хомӯш намуд, суруди магнитафон ҳам қатъ гардид.

– Боз садақа? – вақте ронанда бозгашт пурсидам ман.

– Корашон ҳамин. Сер намешаванд.

– Братан! – гуфт ҷавон ба ронанда, ки аз ӯ як умр калон буд. – Дар як рӯз чанд сӯм кор мекунӣ?

– Чанде Худо диҳад.

– Сад сомонӣ мемона?

– Не, ин мошини иҷора аст. Ба соҳибаш ҳар рӯз шаст сомонӣ медиҳам. Нони бачаҳо мебарояд…

– Сурудро паст кунед! – боз садо баровarданд мусофирон.

– Монед, чорта роҳат кунем.

– Гӯшҳоямон кар шуд.

– Пахта андозед.

– Як худат, бачам, одамҳора безобита накун. Суруда дар хонаат мешунавӣ, – гуфт ба ҷавон пирамарде.

– Манъ кун! – гуфт ҷавон ба ронанда.

«Ғизол» истод. Ҷавон фаромад. Дарро сахт пӯшида гуфт:

– Ҳамроҳи ин бемаданиятон намеравам!

– Эй рӯят дар гӯр! – овози зане баланд шуд.

«Ғизол» пеш мерафт. Ҳама хомӯш буданд. Гӯё мурда мебурдем.

## МУФЛИС

Ба сари Азизи Азиз зад, ки ба суди ноҳия ариза нависад. Сабаби ин ҳам таракаи амволи хоҷагӣ буд, ки пеш «колхоз» мегуфтанд. Аз падараш шунида буд, ки барои аъзои баробарҳуқуқи колхоз – хоҷагии дастҷамъӣ шудан, бобояш баробари дигарон як барзагов, як модагов, ҳафт сар моли майда додааст. Дар он солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ, ҳатто деҳқонҳои бе молу мулкро ба колхоз қабул намекардаанд. Онҳо ҷамъияти худашонро доштаанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ моли колхоз қариб ба нестӣ расидааст. Ба баҳонаи ёрӣ ба ҷанг сарони хоҷагӣ қисме аз онро нест кардаанд. Аммо баъд аз ҷанг халқ боз кор кард. Колхоз обод шуд. Моли майдаю калонаш афзуд. Аз пахтаю ғалла ҳосили фаровон гирифт. Аввалҳо, то давраи Никита Хурушев ҳар сол ба аъзоёни колхоз чорвои калону майда, ғалла тақсим мекарданд. Ёд дорад, баъд ин корҳо барҳам хӯрду маош додан сар шуд. Ин амал ҳам бад набуд. Одам аз гушнагӣ намемурд. Солҳои шастуми асри гузашта, колхозашонро «миллионер» эълон карданд. Ба шуниди Азизи Азиз колхоз дар бонки давлатӣ чандин миллион пул доштааст, аммо давлат иҷозат намедодааст, ки ҳамон пули колхозчиёнро ба худашон тақсим кунанд. Бояд ки колхоз ин маблағро ба ободии деҳот сарф кунад. Деҳот ҳам мисли шаҳр бошад. Дорои кинотеатр, ҳаммом, майдонҳои варзишӣ, боғчаи кӯдакон, ҷои рақсу суруди ҷавонон ва ғайра. Ҳар гапе аз боло меомад, мардум ба он розӣ буданд. Боло ғамхори онҳо буд. Онҳо ғами худро не, ғами корро мехӯрданд.

Ана баъд… Ҳама муқобили колхоз. Таракаи моликияти колхоз сар шуд. То Азизи Азиз аз ҷояш ҷунбид, ки дар колхоз на замин монду на молу ҳол. Ҳама шахсӣ шуд. Ҳатто аз шаҳр омада, гаражу кинотеатру боғчаи кӯдаконро хариданд. Хайр, ҳеҷ гапе не, моликияти колхозро харанд, маблағ мемонад, дар охир ба колхозчиён тақсим мекунанд. Аммо ин тавр нашуд. Эълон карданд, ки колхози миллионер муфлис шудааст. Касе аз паси ин сабаб намегашт. Ҳарчӣ метавонист, медӯздид, фиреб медод. Азизи Азиз ноилоҷ ба назди раиси ҷамоат рафт ва пурсид:

– Колхозро барҳам додед, моликиятша чаро ба аъзоёнаш тақсим намекунед?

– Кадом моликият?

– О, ин колхоз миллионер буд-ку?

– Ҳа, як замоне. Вай пул дар банкҳо сӯхт.

– Гову молаш чӣ?

– Колхоз қарздор буд, фурӯхтему ба давлат додем.

– Кадом давлат? – пурсид, Азизи Азиз.

– Кадом давлат мешуд? Ҳамин давлате, ки амал мекунад.

– Ҳамааш дурӯғ! Шумо ба давлат як тини пӯчак ҳам надодаед.

– Мақсадат чӣ?

– Ман панҷоҳ сол кор карда, ин колхозро обод кардам, ба дараҷаи миллионерӣ расондам, ана ҳамон ҳақамро талаб мекунам.

Раиси ҷамоат қоҳ-қоҳ хандид.

– Талаб кунед! Аз кӣ талаб мекунед? Он роҳбарҳо нестанд, рафтанд.

– Аз шумо?

– Аз ман?

– Бале, аз шумо!

Раиси ҷамоат муҳосибашро хонд. Марди бурутии сурхинае даромад.

– Исми шарифи ин кас Азизи Азиз. Санадҳои колхозро бинед, ки чанд сӯм ҳакдору қарздор аст,– гуфт раиси ҷамоат. – Шумо, имрӯз ба хона равед. Пагоҳ омада ҷавоби шикоятатонро бигиред.

Азизи Азиз ба хона рафт. Шаб хобаш набурд. Хаёлаш ба ҳамин масъала банд буд. Субҳ хесту намоз хонд. Баъд ба идораи ҷамоат омад. Раис набуд. Муҳосиб ӯро қабул кард. Коғазҳои бисёреро бардошт. Баъд сар ҷунбонда, гуфт:

– Хоҷагӣ аз шумо не, шумо аз хоҷагӣ қарздоред.

– Чӣ хел?

– Ана, ҳамин хел. Вақте колхозро барҳам додем, колхоз на қарзҳои банкҳоро дода буду на андози обу замина. Ин қарзҳоро ба сари аъзоён тақсим кунем, ба ҳар кас қариб даҳ ҳазор доллари амрикоӣ баробар меояд. Беҳтараш, ки дигарон хомӯш гаштаанд, шумо ҳам ором гардед.

Аммо Азизи Азиз ором гашта натавонист. Чӣ хел, як хоҷагии ободро тороҷ карда, боз одамонро қарздор кардаанд? Ақли кас намегирад. Дар ин ҷо фитнае ҳаст?

Баъзе аъзоёни хоҷагӣ дилмонда шуда, ба шаҳри Душанбе, Қазоқистон, Россия мардикорӣ рафтанд, аммо Азизи Азиз ба ҳеҷ куҷо нарафт. Медид, ки дар пеши чашмаш ба замин соҳибони нав пайдо шуданд. Ҳар як шоҳбуруту ришдор, ки ба саломат аллейк намегирад. Ана, баъд кор нею кашмакаш сар шуд. Гӯё ки хона бе саркалон бошад, ҳар кас чӣ ки мехост мекард. Замин мегирифту замин мефурӯхт. Пахта мекошту об намедод. Замин аз даст ба даст мегузашт. Нархаш ба осмон баромад…

Ана, Азизи Азиз дар рӯ ба рӯи судияи ноҳия нишастааст. Судия бепарво ба чор тараф занг мезанад. Овози зане аз гӯшаки телефон чиррос дорад. Ҷавон гоҳ нимхез мешаваду гоҳ мешинад. Оқибат гӯшакро монд. Гӯё Азизи Азизро дид.

– Ҳа, бобо, аризаатонро дидам. Тафтиш кардем. Ба мо гуфтанд, ки шумо даҳ ҳазор доллари амрикоӣ қарздоред. Боз даъво доред, ки аз моликияти колхоз ба шумо чизе намедиҳанд. Қарзҳоро баргардонед, баъд ҳақатонро гиред.

– Бачам, – гуфт Азизи Азиз, – оё одаме, ки панҷоҳ сари сол кор кунаду чизе нагирад, боз қарздор ҳам мешавад?

– Нафаҳмидам, – гуфт судияи ноҳия.

– Ҳа, намефаҳмед, барои фаҳмидан ақл лозим аст. Ба ин ақли ман ҳам намерасаду ақли шумо ҳам. Аммо ақли онҳо мерасад.

– Ақли кӣ, равшан гап занед?

– Ақли дуздҳо, ғоратгарон. Хоҷагии ободро хароб карданду ҳамаро қарздор. Аз куҷо дар шаҳри Душанбе хона хариданд? Аз куҷо мошини хориҷӣ дар таги пояшон омад?

– Биёед аз мавзӯъ дур намеравем. Шумо дар аризаатон менависед, ки колхозро барҳам доданду моликияташро ба колхозчиён тақсим накарданд, амволи манқулу ғайриманқули онро фурӯхтанду ба касе чизе нарасид. Ҳамин тавр не?

– Бале, ҳамин тавр бачам. Ҳеҷ кас ҳеҷ чиз надидааст.

– Аз хоҷагии муфлис шумо чӣ мехоҳед?

– Мо кор мекардем, касе, ки хоҷагиро муфлис кард, бояд ҷазо бинад.

– Ҳама бенатиҷа кор кардаанд, як роҳбар не.

– Чӣ хел, бачам, ҳама бенатиҷа кор мекардаанд?

– Тафтишҳо нишон доданд, ки баромад аз даромад зиёд аст. Харҷ бисёр шудааст.

– Ҳамааш дурӯғ. Харҷ-парҷ бисёр нашудааст, дуздӣ афзудааст. Чор тараф дуздон, ғоратгарон, порахурҳо, порадеҳҳо…, – ба шӯр омад Азизи Азиз.

– Ҳамаро гунаҳгор накунед, ҳамон дузд ё порахӯрро ёфта биёред, мо ҷазояшро диҳем.

– Шумо намебинед?

– Не, – гуфт судия.

Азизи Азиз бо қаҳр аз ҳузури судия баромада рафт.

Пас аз чанд рӯз ӯро боз ба суд даъват карданд. Ин маротиба Азизи Азиз даъвогар нею ҷавобгар буд.

– Гунаҳгорҳоро овардед? – пурсид судия.

– Кадом гунаҳгорҳоро?

– О, гуфтед-ку, ҳама дузду порахӯр аст.

– О, бачам, ин кори милисаю прокурор аст.

– Агар наоварда бошед, мо шуморо тӯҳматчӣ гуфта, гунаҳгор мекунем.

– Чӣ хел тӯҳматчӣ?

– Ба одамон, ба ҷамъият тӯҳмат задед. Дузду порахӯр гуфтед.

– Бачам, шунидаӣ, ки дар халқ мегӯянд: «Дузди зӯр соҳиби гова бастааст.»

– Ҳа, соҳиби гова бастанӣ будед, нашуд.

Кашмакаш ба сари Азизи Азиз сар шуд. Оқибат ӯро гунаҳгор карданд. Як сол дар ҳабс хобиду авфи умумӣ эълон шуд. Аз маҳбас баромад. Ду гӯша кашиду аз ҳама даъво гузашт. Гоҳ-гоҳ ба сараш мезанад, ки хато аз бобояш гузаштааст. Агар ӯ аъзои колхоз намешуд, ин кашмакашҳо ба сари наберааш намеомад.

*Соли 2006*

## ШАЙТОН

Марде назди Шайтон рафт.

– Чӣ хидмат? – пурсид ҷаноби Шайтон.

– Ба ман роҳи фиребгариро омӯзед.

– Фиребгарӣ ба ту чӣ лозим?

– Барои он ки фиреб нахӯрам.

Ҷаноби Шайтон сарашро баланд бардошт, гиреҳи тавқи гарданашро суст кард.

– Ту шахси фиребхӯрдаӣ?

– Бале, ҷаноб.

– Кӣ туро фиреб медиҳад?

– Шайтон!

– Чӣ хел?

– Аз роҳ мебарорад. Ба гапи ӯ даромада аз хондани намозу гирифтани рӯзаам мондам. Шароб нӯшида, хонавайрон шудам, дӯстонам душман шуданд ба ману душманонам дӯст.

– Ту калла дорӣ?

– Намедонам.

– Одами калладор ба гапи Шайтон намедарояд.

– Агар шайтон сардоратон бошад чӣ?

– Инашро аз ман напурс, Худо медонад.

## ИШТИБОҲ

Ӯ батолеъ буд. Дар рӯзи равшан дар шаҳри азиме ба дунё омад. Аз таваллудаш ҳама шодӣ мекарданд, дояҳо ӯро даст ба даст мебурданд, пушташ заминро намедид, чашмаш ашки шӯрро.

Ба мактаб рафтанаш ҳам боиси хурсандӣ буд. Муаллимон ӯро бо гулдаста пешвоз гирифтанд. Батолеъ буд. Мехонд, намехонд баҳо мегирифту таъриф мешунид. Ба бахти ӯ дигарон ҳасад мебурданд.

Дар мактаби олӣ ҳам толеаш хандид. Муаллимон, гӯё касе онҳоро сеҳр карда бошад, баробари дидани ӯ дар ҷояшон шах мешуданд. Забонашон намегашт, ки савол диҳанд. Дасташон меларзид. Баҳо мемонданд, ӯро таъриф мекарданд.

Батолеъ буд. Худаш қобилияташро эҳсос намекард, вале дигарон зуд пай мебурданд, қабатҳои ниҳонии истеъдодашро кашф мекарданд. Ҳайрон мемонд худаш аз худаш…

Батолеъ буд. Ҳеҷ гоҳ лотарея намехарид, вале мошин мебурид. Ба навбати хона намеистод, навбати хона ба пешвозаш меомад.

Батолеъ буд. Ҳеҷ гоҳ кораш ба касе намеафтод, вале дигарон ҳамеша ба ӯ сару кор доштанд. Ҳеҷ гоҳ вазифаеро интихоб намекард, вазифаҳо ӯро интихоб мекарданд.

Ҳайрон мемонд аз толеаш. «Ҳангоми таваллудаш ситорае дар сараш нур пошидааст» мегуфтанду ба бахти ӯ ҳасад мебурданд.

Ҳар чӣ мехост мешуд, ҳар чӣ мехост мекард. На чашми бад ба ӯ таъсир мерасонд, на ҳиллаи шайтон. Батолеъ буд.

Вале… рӯзе равшан шуд, ки ситораи Саъд ба сари ӯ не, ба сари падараш нур пошида будааст. Батолеъ ӯ не, батолеъ падараш будааст.

Дар ин олами беканор баъзан ҳамин тавр ҳам мешавад.

## КАРАХТ

Сардор бо қаҳру ғазаб гап мезад. Алии Валиро сахт танқид мекард. Ҳамаи камбудиҳоро ба зимаи ӯ мепартофт. Дигарон ҳам сухани сардорро қувват медоданд. Ӯ ба мисли ҳарвақта ҳушу гӯш шуда, ба даҳони сардор менигарист. Кӯшиш мекард, ки ҳар як ҳарфашро дар хотир нигаҳ дорад.

Сардор суханашро ба охир расонд. Дигарон ҳам ҳарфҳояшонро гуфтанд.

Ӯ аз ҷояш хест. Одаташ буд, баъд аз ҳама гап мезад. Он чӣ сардор мегуфт, такрор мекард.

Ӯ ҳам Алии Валиро куфт. Нафрат кард ба кору кирдори ӯ.

Дигарон ҳам суханашро қувват доданд.

Маҷлис ба охир расид.

… Баъд фаҳмид: сардор дар ҳаққи ӯ ҳарф мезадааст. Дигарон ҳам.

Алии Валӣ худаш буд.

# ВОҲИМА

– Медонед чӣ? – гуфт Аҳад, ки дар байни донишҷӯён аз ҳама хурдҷӯса буд.

– Не, намедонем, – гуфтанд ҳамкурсонаш.

– Дирӯз ба ман як воқиа рух дод. Беҳуда намегуфтаанд, ки дар шаб танҳо нагард.

– Ту танҳо гаштӣ?

– Дар байни гап лағат назан. Ҳа, танҳо гаштам. Соат аз ёздаҳ гузашта буд, аз пеши роҳам се дев баромад.

– Дев!

– Ҳа, дев. Одамони девсурат – Канӣ, – гуфт яке аз онҳо, – кисаҳоро холӣ кун!..

Ман аввал ба онҳо ҳарфе назадам.

– Аз тарс ҷоғат шах шуда буд?

– Не, умуман ман наметарсам. Хостам фаҳмам, ки чӣ кор карданиянд.

– Хайр, чӣ кор карданд?

– Кисаҳоро холӣ кун! – гуфтанд боз. – Мешунавӣ ё не!

– Намешунавам, – гуфтам.

Яктояш ба таги ҷоғам сахт фаровард.

– Афтидӣ?

– Воллаҳ аз ҷоям наҷунбидам. Ҳайрон шуд дев. Зан, гуфтам, зан! Ҳунари ту ҳамин…

– Ҳа, ҳамин. Ҳунари ту чӣ?

– Мард бошӣ ба ман гуштӣ гир, – гуфтам.

– Гуштӣ, ба ту аҷина? – «Ҳа, ҳа», хандид дев.

– Аз ин гапаш қаҳрам омад. Дар ғазаб шудам. Дасту остина барзада, гирифтам аз камараш. Вазнин будаст дев. Ба фикрам аз сад кило зиёдтар буд. «Ё пирам! – гуфтам. Ҳарду лингаш аз замин хест. Ба қудрати Худо, пеши шумо дурӯғ, пеши Парвардигор рост, болои сарам бардоштам. Сонӣ ҳалуки искандарӣ андохта ба замин бардошта задам. Рӯдаҳояш ҷунбид…

Аҳад остинҳояшро бар зада буд, ки бозувонашро ба рафиқонаш намоиш диҳад. Дастонаш лоғар, кӯтоҳ, камхун буданд.

## КИТОБДӮСТ

Дӯстам Ҳарисӣ саросема вориди хона шуд.

– Ҳа, чӣ гап? Оромӣ?..

– Коре баромад, бисёр зарур.

– Чӣ кор?

– Китоб лозим, китоб!

– Чӣ хел китоб?

– Ин корро фақат ту метавонӣ иҷро кунӣ. Дар чор тараф ёру ҷӯраҳоят китобфурӯш.

– Меёбам, меёбам. Номи китобро ба ман гӯй, аз таги замин ҳам пайдо мекунам.

– Номаш шарт не. Хушрӯй, муқовааш сахт бошад. Ҳаҷмаш зарур, ман навиштагӣ.

– Ҳаҷмаш?

– Ҳа, ҳаҷмаш, андозааш… Ман навиштагӣ:

60х90 – 50 дона,70х108 – 30 дона, 84х108 – 10 дона, 60-84 – 100 дона…

– Ист, ист, нафаҳмидам, ин гапат чӣ маънӣ дорад?

– Арзу тӯли китоб-да…

– Баландию пасти китоб ба ту чӣ лозим?

– Лозим, ана, ҳама гап дар сари ҳамин… Янгаатон гарнитур харидагӣ, агар ҳамин андозаҳоро риоя накунем, китобҳо дар рафҳо ҷой намегиранд.

– Ҳа, акнун фаҳмидам, – гуфтам.

## ШУБҲА

Ин китобро бори аввал мехонд. Чанд саҳифаашро бо шавқ мутолиа кард. Баъд дар тааҷҷуб монд. Аз ҷояш хесту ба назди оина рафт. Қоматашро дар оина дид. Қадаш паст буд. Шубҳа кард. Оё дар оина акси қади ӯст? Боз пештар рафт. Дар ҳақиқат ҳам акси қади ӯ буд: паст, ҳатто аз ними оина ҳам пасттар. Баргашта ба ҷояш нишасту китобро боз хонд: «Одамони қадпаст фитна, иғвогар, бадҷаҳланд…» навишта шуда буд дар китоб.

«Наход ман фитна, иғвогар, бадчаҳл… бошам, – аз дил гузаронд ӯ. – Не, дар ин китоб ғалат навиштаанд».

Боз ба назди оина омад. Акси қоматашро дид. Ба назараш намуд, ки қадаш хеле паст шудааст. Дилаш фурӯ рафт.

«Не, – гуфт худ ба худ, – қади ман паст нест. Ман миёнақадам!»

Хондани китобро давом дод. Дар чои дигаре муаллифи китоб мувофиқи пастию баландии гардани инсон хулқу хӯй ва рафтору кирдори одамонро шарҳ медод:

«Агар гардани инсон паст бошад, ӯ фитна, шӯрангез, фиребгар мешавад».

Боз ба фикр фурӯ рафт: «Оё гардани ӯ паст аст ё дароз? Ба назди оина омад: ангуштонашро зери манаҳаш гузошт. Чаҳор ангушт чой намешуд. «Не, гардани ман паст нест, – гуфт худ ба худ. – Гардан бояд ҳамин хел бошад. Гардани ман ҳатто паст не, дароз аст!»

Давоми китобро хонд: «Агар гардан дароз бошад, ақл аз қалб дур мемонад, аблаҳӣ ва бехирадӣ бар инсон ғалаба мекунад».

Ҳӯш аз сараш парид, хеста ба назди оина рафт. Ангуштонашро зери манаҳаш гузошт. Чаҳор ангушт чой намегирифт.

«Не, – гуфт гардани ман дароз нест!..»

Боз чанд варақ хонд. Тавсифи сар оғоз шуд: «Сари кач, ё фурӯрафта иллати беморист…» – навишта шуда буд дар китоб. Ба шубҳа афтод, сарашро даст-даст карда дид. Дар назараш чунин намуд, ки як тарафи сараш баланд аст, дигаре фурӯ рафта. Боз ба назди оина омад. Меларзид аз тарс. Дар оина ин маротиба на танҳо сараш, балки чашмаш ҳам кач намуд. Сонӣ қомат ва гарданаш ҳам кач шуданд…

Аз ҳӯш рафт.

# ЛАТИФАҲО

Уштур ғамза кард, баъд ба рақс даромад. Сонӣ сояашро дида хандид. Худ ба худ гуфт: – Хайрият соя аст, агар худам мебудам, ҳама ба ман механдиданд.

* * *

Аз хар пурсиданд:

– Чаро ин қадар беқадр шудаӣ, ки касе суроғат намекунад?

Гуфт:

– Хар ҳам бисёр шуд.

* * *

Раиси суд аз зан пурсид:

– Чӣ даъво доред?

– Ана ҳамин марди ҳозиру нозир шавҳари қонунии ман аст, аммо ҳаққи кӯдакҳоро намедиҳад.

Раиси суд аз мард пурсид:

– Чаро ҳаққи кӯдакҳоро намедиҳӣ!

Мард хомӯш истод ва ҳарфе назад. Зан ба ҷои ӯ гуфт:

– Мегӯяд, ки фарзандҳо аз ман нестанд.

Раиси суд гуфт:

– Аз куҷо фаҳмидааст?

– Одаташ бад аст, – гуфт зан, – аз паси кас поида мегардад.

* * *

Нархи ҳама чиз рӯз ба рӯз боло мерафт. Шахсе гуфт:

– О, ҳамин нархҳо «тормуз» надоранд?

– Доранд, – гуфтанд ба ӯ.

– Хайр, чаро намеҷуқануш?

– Ронанда нест.

* * *

Абдуғаффори Партав ба 50-солагиаш тайёрӣ медид. Рӯзе дастнависи мақолаеро ба ман нишон дода гуфт:

– Дар хусуси эҷодиёти ман навиштаанд. Худат ҳам пеш аз чоп як бин, гуфта, ба дастам доданд.

– Хуб чӣ тавр навиштаанд?

– Хондам, аммо фикр мекунам, ки ман аз ин мақола зуртарам, – гуфт ӯ.

* * *

Нархи нақлиёти мусофирбарии шаҳр рӯз ба рӯз меафзуд. Ҳаракати онҳо ҳам дар масири роҳҳо кам мешуд. Нобиное дар истгоҳ меистод ва гоҳ-гоҳ аз биноҳо мепурсид:

– Автобус меояд?

– Меояд! – мегуфтанд ба ӯ.

– Дар ҳамин ҷо меистад?

– Меистад!

– Садсӯма аст, ё панҷсӯма?

– Дусадсӯма! – гуфтанд ба ӯ.

– Хайрияте!

Ҳайрон шуданд аз ин сухани нобино ва пурсиданд:

– Чаро?

– Худо маро кӯр таваллуд кардааст, агар бино мебудам пулам намерасид.

* * *

Бародарам Амиршоҳ дар хонаи хоҳарзодаам Шодибек меҳмон мешавад. Дастархон густурда, нону хӯрок меоранд. Ғизоро хӯрда, сонӣ дуру дароз сӯҳбат мекунанд. Шаб ҳам аз нисф мегузарад. Амиршоҳ аз Шодибек мепурсад:

– Ош кай тайёр мешавад?

– Ош накардаанд.

– О, сабзӣ реза мекарданд-ку?

– Сабзӣ барои салат хобондан буд, – мегӯяд Шодибек.

– Ҳаминро барвақт намегӯӣ, аз хобам мондам.

* * *

Дар нашриёти «Афсона» менишастам. Ба ҳузурамон ду-се меҳмон даромад. Онҳо пас аз салому алейк нишастанд ва хамроҳи директори тиҷоратии нашриёт Идрисов Аллоҷон дар хусуси хариду фурӯши мавод баҳс сар карданд. Меҳмонҳо талош доштанд, ки нархро поён фароранд, аммо Идрисов Аллоҷон ба як гап меистод ва нархи пешниҳодкардаашро кам намекард. Яке аз меҳмонҳо гуфт:

– Мулло Афандӣ рӯзе ба хонааш меояд. Ба чор тараф ме-

нигарад, ки занаш нест. Вале дар девор дуторе овезон. Ӯ дуторро ба даст мегирад. Мебинад, ки тораш кандагӣ, мизроб ҳам надорад. Ба кунҷи хона мешинаду ба қабқоқи он панҷа мезанад.

Занаш дар хонаи дигар хамир мекардааст. Садои дуторзании шавҳарашро шунида, дастонаш хамиролуд ба хона медарояд ва мегӯяд:

– Ин чӣ нағмаи нав? Тапу тапу тап... О, надидаӣ, ки навозандаҳо чи гуна дутор мезананд? Ангуштҳояшонро боло мебаранд, поён мефароранд. Ту бошӣ на паст мефароӣ, на боло меравӣ.

Афандӣ ҷавоб медиҳад:

– Навозандаҳо ангуштонашонро болою поён бурда оҳанг мекобанд. Ман, ки оҳанги менавохтагиамро ёфтаам, ҷои дастамро дигар намекунам, ки боз гум нашавад.

Меҳмон табассум карду ба Идрисов Аллоҷон гуфт:

– Шумо ҳам мисли мулло Афандӣ як нархро қапидаед, на паст мефароед, на боло меравед. Кори савдо ин тавр намешавад.

Идрисов гуфт:

– Барои ҳамин суханат мо паст мефароем.

* * *

Гурбаро аз хона берун партофтанд. Саг, ки дар остонаи дар мехобид, пурсид:

– Ҳа, чӣ гап?

Гурба гуфт:

– Ҷое, ки саг аст, гурба чӣ лозим!

* * *

– Ин вақтҳо чӣ мехӯрӣ? – пурсиданд аз шахсе.

– Дору! – ҷавоб дод ӯ.

– Одам ба дору ҳам сер мешавад?

– Сер нашавад ҳам, намемурад.

* * *

Шайтон аз хонандагони мактаб пурсид:

– Дар мактаб чӣ хондед?

– Дарси ҳисоб.

– Канӣ, нақл кунед?

– Агар як синф ҳар моҳе дусӯмӣ барои мактаб ҷамъ кунад, мешавад шаст сӯм. Дар як сол 12 зарби 60 баробари 720 сӯм. Агар дар як мактаб 11 синф бошад, 11 зарби 720 сӯм. Агар синфҳо «а», «б», «в», «г» бошанд, ҳосили зарби «а», «б», «в», «г»... Натиҷаашро дар мактаби олӣ мехонем, – гуфтанд хонандагон.

* * *

Шайтон:

– Чаро дар шаҳри шумо дӯконҳоро месозанду боз зуд вайрон мекунанд?

– Вайронкорӣ аз шайтон мондааст.

## Ҷорӯб

Ҷорӯб, ки дар паси дар меистод, пеши пои ҳамаро бо мижгонаш тоза карда, хуш омадед, гуфта истиқбол гирифт, раҳнамоӣ кард, ки ба дохили толор дароянд.

Вақте меҳмонҳо мебаромаданд, меҳрубониҳои ҷорӯбро фаромӯш карданд. Аз болояш мегузаштанд, бо пошнаи пойафзолашон онро зер мекарданд. Бо лагад мезаданд, ки аз паси дар дафъ шаваду пеши роҳи онҳоро нагирад.

Вақте меҳмонҳо дур шуданд, ҷорӯб бо қаҳр пояшонро аз санҷакдарии толор руфта партофт.

* * *

Сагчаю гурбача дар хурдсолӣ бо ҳам дӯст буданд. Якҷоя бозӣ мекарданд. Аз як табақ ғизо мехӯрданд. Вақте калон шуданд, гурба бом ба бом гаштанро ёд гирифт. Сагча бо ҳасрат ба ӯ менигарист.

Рӯзе сагча шунид, ки садои нолаи гурба меояд. Ба бом нигарист. Майнаҳои бисёре ба ӯ ҳуҷум карда буданд. Ба сару рӯяш панҷа мезаданд. Гурба чашм кушода наметавонист. Сагча аз зер ҳар чанд «ав-ав» мекард, майнаҳо пароканда намешуданд. Оқибат гурба бо сару рӯи хуншор ба замин афтоду нола кард. Сагча дар болои сараш мегиристу мегуфт:

– Боло баромадан осон аст, вале вой бар ҳоли касе, ки аз он ҷо ба поён афтад.

* * *

Гургҳо базм оростанд. Хар ҳам ба сараш ниқоб кашида ба ин базм омад. Баъд аз чанд қадаҳ май нӯшидан маст шуд. Хост ки суруд хонад. Шутур ба ӯ гуфт:

– Овозатро набароварда хомӯш шин.

Лаҳзае чанд гузашту хар боз бетоқат шуд.

– Мехонам, – гуфт, – сурудҳои инҳо мазза надорад. Овози маро шунаванд…

– Хап шин! – боз гуфт шутур.

Вале хар тоқат накард. Аз ҷояш рост хест. Бо тамоми қувва «ҳангос» зад. Ҳамаҷо аз садояш ларзид.

Гургҳо фаҳмиданд, ки ба базми онҳо хар омадааст, ба ӯ дарафтоданд ва пора-порааш карданд.

* * *

Ба шахси низомие унвони генералӣ доданд. Хаста ва зиқ ба идораи сабти мерос омад. Ходимони сабти мерос пурсиданд:

– Чӣ хизмат, рафиқ генерал?

– Мехоҳам васиятнома нависам.

– Замона осоишта аст, васиятнома ба шумо чӣ лозим?

– Курсии генералӣ осоишта нест.

* * *

Шайтон аз марди нафақахӯре пурсид:

– Ба чӣ умед мебандед?

– Ба Худо, – гуфт нафақахӯр.

– О, Худо дувоздаҳ сомонӣ ба шумо додааст.

– Шукр мекунам, ки аз ҳамин ҳам намонам.

* * *

Шайтон ба зане гуфт:

– Шавҳарат дар Руссия, худат чӣ кор мекунӣ?

– Кори шумо чӣ? – гуфт зан.

– Дилам ба ҳоли ту месӯзад.
– Агар сӯзад, киссаро коб.

* * *

Ду тоҷик ба марде, ки ба дарахт баромада, шохи зери пояшро арра мекард, нигариста баҳс доштанд. Яке мегуфт:
– О, ин нодон шохи зери пояшро арра дорад. Агар шох афтад, аз болои дарахт чӣ хел мефарояд?
Дигаре мегуфт:
– Эй нодон, агар шохи зери пояш афтад, шохи дигареро арра мекунад.

* * *

Мегӯянд, ки:
Мағозае нест коммунистон фатҳ накунанд…

* * *

Мегӯянд, ки:
Бозсозӣ қадам ба қадам пеш меравад, аммо намегӯянд, ки ба сӯи Ғарб ё Шарқ.

* * *

Мегӯянд, ки:
Гӯштхурӣ аз давраи ваҳшонийят мерос мондааст.

* * *

– Таги табақа налес! – гуфтанд ба духтарчае занҳои калонсол, – дар рӯзи тӯят борон меборад.
– Ман дар тобистон тӯй мекунам,– гуфт духтарча.

**Сиёсат**

Марди хурдҷуссае шахси бузургеро сиёсат мекард, ба алфози қабеҳ дашном медод. Вале марди бузург хомӯш буд, аз худ амале нишон намедод. Ба ӯ гуфтанд:
– Ин марди паст туро сиёсат мекунад, дашном медиҳад, чаро ту хомӯшӣ?
Марди бузург гуфт:

– Воллоҳ, ман фикр мекардам, ки ӯ хешро сиёсат мекунад ва дашном медиҳад, на маро…

### «Сухандӯст»

Шахсе дар ҷашни таваллуди дӯсташ тамоми шаб ба дигарон сухан надода гап зад. Вақте маърака ба охир расид, ранҷид, ки ба ӯ сухан надодаанд.

### Чашмашро пӯшид

Чароғҳои барқӣ лаҳзае хомӯш гаштанд. Ҳама ҷо торик шуд. Раънои хурдакак дар ҳайрат монд.

– Чӣ шуд? – пурсиданд аз ӯ.

– Чароғ чашмашро пӯшид, – ҷавоб дод Раъно.

### Илтиҷо

Акбар дарсро тайёр накарда буд. Муаллим аз партаи пеш сар карда як-як талабаҳоро мепурсид. Акбар зери лаб илтиҷо мекард аз Худо, ки мадад расонад, муаллим ӯро напурсад. Вале навбаташ расид.

– Нахондам, – гуфт суп-сурх шуда.

– Шин, – гуфт муаллим, – баҳоят ду.

Дар вақти танаффус бачае, ки дар паҳлӯяш менишаст, аз ӯ пурсид:

– Акбар, ҳангоми дарс ту чӣ пичир-пичир мекардагӣ?

– Худо мегуфтам, ки муаллим напурсад..

– О, ту намедонӣ, – гуфт ҳаммизаш, – Худо ҳам илтиҷои танбалонро гӯш намекунад.

### Ҳалли масъала

– Падарҷон, биёед, масъаларо якҷоя ҳал кунем.

– Ту худат фикр карда баромадӣ?

– Бале.

– Наёфтӣ?

– Ёфтам.

– Чи хел?

– Ҳамроҳ кор кунем, ҳал мешавад.

## Муҳаббат

Муҳаббат аз дарс баргашт. Модараш ӯро навозиш карда гуфт:

– Азизакам, туро ёд кардам. Тамоми рӯз ту дар фикру хаёлам будӣ. Ту ҳам маро ёд кардӣ?

– Мо тамоми рӯз дарс хондем, – ҷавоб дод Муҳаббат.

## Ҳасан

Аз Ҳасан пурсиданд:

– Ягон афсона нақл кун?

– Намедонам, – ҷавоб дод ӯ.

– Чаро, пеш медонистӣ-ку?

– Пеш афсонаҳоро ба ман модарам мехонд.

– Ҳозир чӣ?

– Ҳозир бошад, мактабхон шудаӣ, худат хон мегӯяд.

* * *

Марде мегуфт:

– Занам талоқ, рост мегӯям, занам талоқ, худам шоҳиди воқеа будам, занам талоқ… занам талоқ…

Аз ӯ пурсиданд:

– Чанд зан дорӣ?

Гуфт:

– Алҳол зан нагирифтаам.

* * *

Зан: – Ҳамин туро гирифта чӣ дидам?

Мард: – О, бозорҳои шаҳр кам аст? Набошад, ба Хуҷанду Истаравшан рав, ба Тошканду Маскав рав!

* * *

Зан: – Дугонаҷон, дар хобам ғӯл даромад.

– Наход? Шавҳарат куҷо буд?

– Шавҳарам дар хона набуд-да.

– Натарсидӣ?

– Ғӯли шинос буд.

* * *

– Ҳеҷ дили шавҳарама наёфтам, – ҳасрат кард ба зане дугонааш.

– Ман дилаша ёфтаму кисаша наёфтам.

– О, ман кисаша холӣ карда будам.

* * *

– Дугонаҷон, ҳамин танзими оилаашро ҳеҷ нафаҳмидам?

– Аҷаб содаӣ, шавҳаратро ба Русия фирист, худат ба бозор баро, мешавад танзими оила.

* * *

Духтари ҷавон: – Дугонаҷон, ҳамин муҳаббат дар забон будааст.

– Гапат рост, дирӯз ҷавоне ба ман гуфт: Туро дӯст медорам ва аз забонам бӯсид.

* * *

Зан: – Мард шуда ба хона ба дасти холӣ меоӣ?

Мард: – Ҷонам, ман ба хона бо боям омадам.

Зан: – Туро гирифтаму бахтам шӯр шуд.

Мард: – Дигар намак намехарем.

* * *

Парвардигор ба Шайтон:

– Агар бандагони маро фиреб кунӣ, дар ду олам ҷазоят медиҳам.

Шайтон: – Бандаҳои ту маро фиреб мекунанд.

Парвардигор: – Чӣ хел? Онҳо бе амри ман бояд ин корро намекарданд.

Шайтон: – Онҳо демократия сохтаанд.

* * *

Парвардигор ба шайтон: – Туро барои чӣ офаридам?

Шайтон: – Барои фарқ кардани баду нек.

– Чаро вазифаатро ба ҷо намеорӣ?

Шайтон: – Аз дасти ман одамони нек намондаанд.

* * *

Шайтон ба парвардигор:

– Шумо зӯр ё Буш?[3]

Парвардигор:

– Густохӣ накун! Дар як мижа задан Бушатро аз миён мебардорам.

Шайтон:

– Биё, шарт мебандем.

Парвардигор:

– Ба чӣ?

– Агар бардорӣ, номи ман Шайтон не, набардорӣ, истеъфо медиҳӣ.

Парвардигор:

– Шайтонӣ накун.

* * *

Шайтон ба парвардигор:

– Ҳамин моҷароҳои Фаластину Исроил охир доранд?

– Дар оламе, ки ман офаридаам, ҳеҷ чиз беохир нест.

– Агар махфӣ набошад, мегуфтед, оқибаташ ба манфиати кӣ ҳал мешавад?

Парвардигор:

– Вақте такондам, баъд мебинӣ ба манфиати кӣ ҳал мешавад.

* * *

– Чаро одам аз мор метарсад?

– Барои он ки морбоз нашавад.

* * *

– Чаро каждум каҷ меравад?

– Нияташ бад аст.

---

[3] Буш – собиқ Президенти ШМА, ки бо амри ӯ Бағдодро бомбаборон ва хароб карданд.

* * *

– Ман аз зиндагӣ чӣ дидам, бенавоӣ…
– Ман аз зиндагӣ чӣ дидам, беадолатӣ…
– Ман аз зиндагӣ чӣ дидам: фиребу найранг…
– Ман аз зиндагӣ чӣ дидам: рӯзҳои сиёҳ…
– Ман дар зиндагӣ чӣ кардам? …

* * *

– Пас рафтан осон аст ё пеш рафтан?
– Албатта, пеш рафтан.
– Чаро?
– Пас равед, меафтед…

* * *

– Дугона ҳамеша аз шавҳарат шикоят мекунӣ. Дирӯз дар автобус якҷоя омадем. Чунон меҳрубон, ки ҳамто надорад.

– Ман ҳам бо ӯ дар автобус шинос шуда будам.

* * *

– Дугона, шавҳари дузана хуб аст ё сезана?
– Чорзанааш!
– Чӣ хел?
– Ором мехобаду ҳеҷ кас рашк намебарад.

* * *

– Дугона, сардорамон одами аҷиб, аввал аз дастам бӯсид.
– Баъд чӣ?
– Аз пешонаам.
– Баъд чӣ?
– Аз рухсораам.
– Баъд чӣ?
– Аз лабам.
– Баъд чӣ?
– …

Ҳарду хандиданд.

* * *

Дар маҷлисе ҳамроҳи шоир Салимшоҳи Ҳалимшо менишастам. Ӯ ба гӯшам ҳарф мезад. Дар коғазчае навиштам:

– Ман намешунавам.

Ӯ ба коғазча навишт:

– Агар нашунавӣ фикратро навишта ба ман деҳ.

Ба ӯ ҷавоб навиштам:

– Ман намебинам.

Ӯ хатчае ба дастам дод:

– Набошад, фикратро ба гӯши ман гӯй.

Ҷавоб гардондам.

– Гунгам.

– Оҳиста ба гӯшам гуфт:

– Хушбахт будаӣ

* * *

– Афсӯс ки халқ маро нафаҳмид, агар мефаҳмид…

– Баъд чӣ мешуд?

– На мо мемондем, на халқ.

* * *

– Чаро риш мондӣ?

– Сардорамон риш монд.

* * *

Мурдаҳо мераванд, зиндаҳо мемонанд.

Зиндаҳо мераванд, мурдаҳо мемонанд.

* * *

Маймун дар қафас ҳам маймун асту дар ҷангал ҳам.

* * *

Муллоҳамдуллоҳ бори дуюм зан гирифт. Пас аз ду рӯз аз занаш боз ҷудо шуд.

Аз ӯ сабаб пурсиданд.

Гуфт:

– Як зане додед, ки баданаш гармӣ надорад.

Ҳолдонҳо аз занаш пурсиданд.

Ӯ гуфт:

– Як шавҳаре ёфтед, ки аз зан бадтар аст.

Зани аввалаш, ки дар сӯҳбат ҳузур дошт, гуфт:

– Агар ӯ мард мебуд, кӯдаконашро партофта намерафт.

**Агар намурам, ба дастам меафтӣ?**

– Агар намурам, ҷазоятро медиҳам.

– Агар намурам, аз ман халос намешавӣ.

– Агар намурам, рӯзатро нишон медиҳам.

– Агар намурам, тухматро қир мекунам.

– Агар намурам, хонаатро оташ мезанам.

– Агар намурам, гӯратро меканам.

– Агар намурам…

– Агар намурам…

«Агар намурам» гуфта оқибат мурд.

* * *

Ҷашни шоир буд.

– Лирикааш дар ҷои аввал меистад. Дар адабиётамон ҳеҷ кас ба ин поя шеър насурудааст.

– Драмаҳояш аз асарҳои Шекспир болотар меистад.

– Одамияташро намегӯед, ҳамаро ба як чашм мебинад: хоксор, ман-манию ғуруррро намедонад.

– Дар адабиёти имрӯза касе баробари ӯ нест…

Пас аз ҷашн дар кабинеташ ба ивази расми Шекспир акси калони худашро монд.

* * *

Дар шаҳр на автобус мегашту на троллейбус. Ба масъули нақлиёт телефон карда сабаб пурсиданд:

– Хабар надоред, – гуфт, дар қаламрави шаҳр як литр ҳам сӯзишворӣ нест!

– Худоё, кай боз троллейбусҳо бо сӯзишворӣ мегаштагӣ шудаанд?

– Ҳоло бозори озод, хоҳад бо сӯзишворӣ мегардад, нахоҳад бесӯзишворӣ.

**Агар….**

– Агар ман Раиси ҷумҳур мешудам…

– Дунё чаппа мешуд.

* * *

– Агар намурам, мебинед…

– Гӯристонҳо холӣ мемонанд.

* * *

– Агар ба гапам бовар накунед…

– Аз занаш пурсед.

## ЛУҒАТИ ТАФСИРИИ «МУШФИҚӢ»

Ал-деҳқон – шахсе, ки араки ҷабин мерезад.

Ал-ҳосил – он чизе ки аз замин деҳқон мерӯёнад.

Ал-натиҷа –он чизе ки деҳқон намебинад.

Ал-рӯзгор – бори гароне, ки инсон бисту чор соат ба дӯши хеш мебардорад.

Ал-роҳат – айёме, ки инсон ба кор машғул асту ғами рӯзгор надорад.

Ал-ғам – лаҳзае, ки инсон бедор аст.

Ал-шодӣ – лаҳзае ки инсон хоб аст.

Ал-қонун – он чӣ ки мегӯянд, вале мешикананд.

Ал-маҷлис – нишастану нахестан.

Ал-минбар – ҷое, ки ҳарф мезананду амал намекунанд.

Ал-нотиқ – шахсе, ки дасташ ҳамеша болост.

Ал-пахта – ҷони одам.

Ал-равған – он чӣ аз пунбаи пахта мегиранд.

Ал-кафан – он чӣ аз пахта мебофанд.

Ал-бозор – ҷое ки одамони бисёр ҷамъ мешаванд.

Ал-нарх – фariштаҳои осмонӣ.

Ал-мева – китъаи замине, ки аз рӯи он одамону чорпоён мераванд ва дар он гиёҳе намерӯяд.

Роҳи рост – роҳе ки чашматро пӯшӣ ҳам, ба манзил мерасӣ.

Роҳи кач – на аввал дорад на охир, ҳеҷ касро ба манзил намебарад.

Ал-китоб – он чи ки ҳаст, аммо қадр надорад.

Ал-дониш – он чи ки нест, аммо қадр дорад.

Ал-мансаб – боме, ки нардбон надорад.

Ал-умед – бузак-бузак намур, баҳор мешавад.

Ал-бахт – бозсозӣ.

Ал-қаср – бинои баҳашамате, ки аз чор тараф дарвозаю посбонҳо дорад.

Ал-ҳоким – бошандагони қаср.

Ал-ҳукм – коғазҳои сафеде, ки аз қаср берун мебарояд.

Ал-ҳизб – тӯдаи одамоне, ки мехоҳанд ба халқ некӣ кунанд, аммо дасташон дароз аст.

Ал-калуш – даҳони вози деҳқон.

Ал-коммунизм –орзу.

Ал-сотсиализм – орзуи беболу пар.

Ал-бозсозӣ – ….

Ал-имло: пасу пеш кардани сию панҷ ҳарф.

Ал-забон: ба арабӣ сухан кардан.

Ал-озодӣ: аз танқид даст кашидан.

Ал-қонун: ба роҳи каҷ рафтан.

А-вафо: ваъдаҳои беохир.

Ал-ҷашн: зиёфатхурӣ.

Ал-бозор: 2х2=5

Ал-маҷлис: дарҳои пӯшида.

Ал-минбар: лонаи тӯтиён.

Ал-демократия: бузак-бузак намур баҳор мешавад.

## АНДЕШАИ ЯК ХОНАНДА

Салом, хонандаи азиз! Китобе, ки дар даст доред, дар он ҳикояҳои ҳаҷвии тайи чандин солҳо эҷодкардаи падарам ҷой дода шудааст. Онҳо дар солҳои гуногун ва дар ҳолатҳои гуногун ба қалам омадаанд.

Одатан барои навиштани пешгуфтор дастнависи китобро ба нафаре мефармоянд, ки дар ҷодаи эҷод собиқаи зиёд дорад. Ва ё ба нависандае, ки аз коргоҳи эҷодии муаллиф огоҳӣ дорад, вогузор мекунанд. Ман, ки фарзанди нависандаам, заҳмати иншои ҳар яке аз ин ҳикояҳоро бештар медонам. Ва бо боварии комил мегӯям, ки ҳоҷати шиносондани падарам нест. Ба қалами ӯ чандин китобҳо таъллуқ доранд ва аз ҷониби ҳаводорони сухан пазируфта шудаанд.

Ҳикояҳои ҳаҷвии ин китоб дар таркибу услуб аз ҳикояҳои маъмулие, ки дар рӯзномаҳо чоп мешаванд, фарқият доранд.

Воқеъаҳоеро ба риштаи ҳаҷв кашидаанд, ки аз зиндагии имрӯзаи мову шумо гирифта шудаанд.

Китоби ҳаҷвии падарам бояд 100 ҳикояро дар бар мегирифт. Мутаассифона, падарам боз ба корҳои дигари эҷодӣ овораанд, аниқтараш ба навиштани романҳои «Низомулмулк» ва «Султон Маҳмуди Ғазнавӣ». Банда тамоми ҳикояҳоеро, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳо то соли 2012 чоп шудаанд, ҷамъ овардам.

Дар лаҳзаҳои ҳассос хонандаро хандондан ин яке аз ҳунарҳои олии нависандагист. Чаро ки не? Чаро ки мо ҳаҷвро ба ханда табдил надиҳем? Як ба атроф бингаред зиндагии ин лаҳзаинаи ҳар яки мо пур аз мазҳака аст. Аммо ҳаҷви хубро интихоб бояд кард, на ҳаҷви ғаразнокро.

Падарам бо ёрии қалами сеҳрангезаш, ки саршори ҳам қувваи рӯҳонӣ ва ҳам нерӯи ҷисмонӣ аст, боғи пур аз ҳаҷвро тайи солҳои зиёд парваридааст. Аз ин боғи зебо беҳтарин ҳаҷвро ба аробаи пурнақш гулчин сохтам. Сабки навишти падарам бисёр одист, ки дар он ягон печидагӣ ва ё нофаҳмӣ вуҷуд надорад.

Бо ҳарфҳои зиёд вақти пурқиммати шуморо намегирам. Бигузор хонанда дар танҳоӣ бо ин китоб бимонад, вақти мутолиа лаззати ҳаҷвро бичашад. Аз нӯшханди падарам нӯши ҷон хоҳед кард. Боварӣ дорам, ки ин китоб ҳамдаму ҳамрози шумо хонандаи азиз мегардад. Кӣ медонад, шояд яке аз китобҳои дӯстдоштаи шумо гардад. Бо ин ниятҳои нек шуморо бо китоб ва китобро ба дасти хонандаи закӣ месупорам.

То боздид, хонандагони азизи деринтизор!

Дар паноҳи Худованд бошед!

***Мавлудаи РАВШАНЁР***

## МУНДАРИҶА

Калла ..............................................................................3
Гӯрков ............................................................................ 10
Мурда ............................................................................. 18
Афсонаи буду набуд......................................................... 20
Қандак ............................................................................ 25
Сардори оила.................................................................. 32
Чормағз .......................................................................... 46
Аҷоибот........................................................................... 49
Шаби ид .......................................................................... 54
Миёнарав ........................................................................ 57
Бетараф........................................................................... 63
Иҷора.............................................................................. 65
«Саги зард»..................................................................... 68
Рӯбоҳ .............................................................................. 71
Хорпуштак....................................................................... 75
Аз силсилаи «Саргузашти дӯстони шиносу ношинос»......... 78
Каромот........................................................................... 79
Ҷорӯби дастадароз........................................................... 84
Зилзила............................................................................ 86
«Қаҳрамон» ..................................................................... 89
Барор .............................................................................. 91
Қаср ............................................................................... 95
Васиятнома...................................................................... 99
Писархонд...................................................................... 104
Дузд ва соҳиби хона ....................................................... 107
Дарёдамкаш................................................................... 108
Магнитофон................................................................... 111
«Узр» ............................................................................ 115
Дафтари корӣ ................................................................ 121
Зинапоя ......................................................................... 126
Телевизор...................................................................... 129
Муаммои мошин............................................................ 132
Имтиҳон........................................................................ 137
Масъулият ..................................................................... 139
Чойхона......................................................................... 142

Ғизол........................................................................................ 145
Муфлис ..................................................................................... 149
Шайтон..................................................................................... 153
Иштибоҳ................................................................................... 153
Карахт....................................................................................... 154
Воҳима ..................................................................................... 155
Китобдӯст ................................................................................ 156
Шубҳа....................................................................................... 156
Латифаҳо.................................................................................. 158
Луғати тафсирии «Мушфиқӣ»............................................... 171
Сарсухан .................................................................................. 173

**Равшани Ёрмуҳаммад**

**ЯК АРОБА ГУЛУ ХОР**

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 8.11.2012. супорида шуд.
Ба чопаш 14.11.2012 имзо шуд. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$
Ҷузъи чопӣ 11.0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Офсет-Империя» ба табъ расидааст.